**Омӯзгорони азиз! Давлату Ҳукумат ба шумо эътимоди комил дорад, зеро инсоният ба омӯзгор ҳамеша ниёз дошту дорад. Маҳз муаллим аст, ки доимо меомӯзад ва он чӣ андӯхтааст, ба дигарон таълим медиҳад. Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**


# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА**-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА**-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**-муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА**-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ**-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**-президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА**-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА**-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
**Баҳром ИСМОИЛЗОДА**-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА**-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ**-сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА**-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА**-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА**-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД**-муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6635 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№9**

**№9 (245), 2025**

# М У Н Д А Р И Ч А


**РОҲНАМО**

Қудрату пойдории миллат дар иттиҳоду ваҳдат аст
*(Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 34-солагии Истиқлоли давлатӣ)*..........3

**ПРЕЗИДЕНТ ВА МАОРИФ**

Омӯзгор – шаъну шарафи миллат..........5

**ИСЛОҲОТ**

Д. САНГИНЗОДА, Ш. ҚУРБОНОВА. Таҳияи китобҳои дарсии насли нав..........12

**ЭССЕ**

Ш. РАҶАБЗОД. Ҷомеае, ки ҳама орзуяш мекарданд..........17

**ИСТИҚБОЛ**

М. БОЙНАЗАРОВА. Вожаи аз зиндагӣ саршор, Истиқлол!..........21

**ИСТИҚЛОЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ**

Ш. ҚОДИРОВ. Андешаҳо оид ба мафҳуми истиқлоли иқтисодӣ..........24

**27 СЕНТЯБР – РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ**

И. ИБРОҲИМЗОДА. Ҳамгироии шаҳрҳо – самти нави рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон.....27

**22 СЕНТЯБР – РӮЗИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

В. ЭЛБОЕВ. Маърифат ва ойини давлатдорӣ дар шеъри Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ..........32

**30 СЕНТЯБР – РӮЗИ ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ**

З. АБДУЛҲАМИД. Мавлоно ва маъруфияти он дар Тоҷикистон..........36

**ЗАБОНОМӮЗӢ**

Б. РАҲМАТОВА. Омӯзиши забони англисӣ – талаботи замони муосир..........38

**ТАРБИЯИ АТФОЛ**

Т. ДЕВОНШОЕВА. Рушди системаи таҳрикию ҳаракатии кӯдакони соли аввал..........41

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

Н. АКБАРОВ. Методикаи асосҳои алгоритмсозӣ..........44

**ҲАМГИРОӢ**

Э. МАҲМУДОВ. Ҳалли масъалаҳои ҳисобии химиявӣ бо тарзи математикӣ..........48

**КИТОБИЁТ**

С. НАБИЗОДА. «Парройчакҳо»-ро ба саҳна биорем... ..........51

**САНАД**

Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ»..........55

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИДОВ. Муаммои «Дониш»..........64

# ҚУДРАТУ ПОЙДОРИИ МИЛЛАТ ДАР ИТТИҲОДУ ВАҲДАТ АСТ

*Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 34-солагии Истиқлоли давлатӣ*

*08.09.2025, шаҳри Душанбе*



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори бузургтарин ҷашни миллиамон – 34-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям. Ба хонадони ҳар яки шумо сулҳу оромӣ, саодати рӯзгор ва файзу баракат орзу менамоям.

Истиқлолу озодӣ барои мардуми Тоҷикистон гаронтарин неъмат ва пурқиматтарин сарвати зиндагӣ мебошад. Зеро ин падидаи нодири таърихӣ ба мо барои бунёди давлати мустақил, ҷомеаи озод ва мутамаддину пешрафта, эҳёи воқеии забон, таърих, фарҳанг ва дигар суннату арзишҳои чандинҳазорсолаи миллӣ имконият фароҳам овард. Маҳз ба шарофати истиқлол ва дар зери парчами истиқлол мардуми шарафманди тоҷик 34 сол инҷониб бо заҳмати содиқонаву софдилона давлати миллии худро бунёд ва Ватани маҳбуби хешро обод карда истодаанд.

Миллати тоҷик ҳанӯз дар оғози давраи соҳибистиқлолӣ ба зарбаи ҷонкоҳи таърих гирифтор гардид, вале ба шарофати хиради азалии худ он рӯзҳои бисёр сахту сангинро бо иродаи матин ва руҳи қавӣ сипарӣ намуд. Яъне, дар он айёми фоҷиабор бо майлу ирода ва дастгириву пуштибонии мардуми куҳанбунёдамон хатари нест шудани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик пешгирӣ карда шуд.

Миллати азизи тоҷик дар он давраи ниҳоят мураккабу тақдирсоз қаҳрамонии бемисли таърихӣ нишон дод ва ба ҷаҳониён собит сохт, ки дар ҳақиқат, яке аз миллатҳои бостонӣ, фарҳангӣ ва тамаддунсози дунё мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, сокинони кишвари мо ба истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ арҷи хосса мегузоранд, аз ин дастовардҳои худ ифтихор мекунанд ва ин неъматҳои бебаҳои зиндагии худро чун гавҳараки чашм ҳифз менамоянд.

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо имрӯз ҳамқадами дигар кишварҳои мутараққии олам ба сӯйи ояндаи дурахшону ободи худ бо қадамҳои устувор пеш меравад. Кишвари мо бо заҳмату талоши ватандӯстонаи мардумамон аз як ҷашни истиқлол то ҷашни дигар ободу зеботар ва дастовардҳои он дар ҳама самтҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ сол ба сол бештар мегарданд.

Ҷашни 34-солагии Истиқлоли давлатӣ низ бо пешравиҳои назаррас дар иҷрои барномаву нақшаҳои қабулгардида таҷлил мегардад. То имрӯз мо дар ҷодаи ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва бо ғизои хушсифат

таъмин кардани аҳолӣ, инчунин, саноатикунонии босуръати кишвар корҳои зиёдеро амалӣ намудем.

Иқдомоти амалигардида имкон фароҳам оварданд, ки сатҳи камбизоатӣ дар кишвар сол ба сол коҳиш ёфта, болоравии некуаҳволии мардум таъмин карда шавад. Дар ин давра, махсусан, рушди бомарому бесобиқаи соҳаҳои илму маориф ва фарҳангу маънавиёт таъмин карда шуд. Аз ҷумла, ба хотири фароҳам овардани шароити беҳтарин барои таълиму тарбияи наслҳои ояндасози Ватан шумораи муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилот бамаротиб афзуда, танҳо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ беш аз чор баробар зиёд гардиданд.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо ин аст, ки миллати тоҷик дубора ба асли хеш, яъне, ҳувияти таърихии худ баргашт, мероси чандинҳазорсолаи фарҳангӣ, илмиву адабӣ, забони ноби тоҷикӣ, расму оинҳо ва суннату анъанаҳои миллии худро эҳё кард, соҳибӣ намуд ва омӯзиши онҳоро аз нигоҳи нав ба роҳ монд. Дар сатҳи баланд таҷлил гардидани ҷашнҳои бостонии Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон ҳамчун мероси гаронбаҳои ниёгон ба болоравии худшиносиву худогоҳӣ ва ҳисси миллии мардум, бахусус, наврасону ҷавонон мусоидат карда истодааст. Дар ин раванд, дар пойтахт ва ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат садҳо театр, қасрҳои фарҳанг, мактабҳои санъат, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангу фароғат ва осорхонаҳо бунёд карда шуданд, ки ҳоло дар хизмати мардум қарор доранд.

Боиси қаноатмандиву ифтихор аст, ки имрӯз дар хонадони ҳар як сокини мамлакат шоҳасари Бобоҷон Ғафуров – «Тоҷикон» мавҷуд аст. Мо тасмим гирифтем, ки «Шоҳнома»-и безаволи ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ – ҳамосаи руҳи қудратманди миллатро низ дар ду ҷилд ба ҳар як оилаи кишвар дастрас гардонем ва ҳоло ин иқдом идома дорад.

Қобили зикр аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ бо мақсади пешбурди тарзи ҳаёти солим, оммавигардонии варзиш ва рушди он барои наврасону ҷавонон ҳазорҳо иншоот бунёд карда шуданд, ки нисбат ба даврони гузашта даҳҳо баробар зиёд мебошад.

Тайи 34 соли гузашта дар самти сиёсати хориҷӣ ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ даҳҳо рӯйдоди муҳимми таърихӣ ба вуқӯъ пайваст ва боиси болоравии нуфузу обрӯи кишвари мо дар арсаи олам гардид. Ҳоло Тоҷикистони азизи моро тамоми дунё мешиносад, эътироф ва эҳтиром мекунад, ташаббусҳои онро доир ба ҳалли мушкилоти глобалӣ дастгирӣ ва амалӣ месозад. Аз ҷумла, бо баргузор намудани Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо моҳи майи соли 2025 мо бори дигар ба ҷаҳониён собит намудем, ки Тоҷикистон омода аст, минбаъд низ дар ҳалли мушкилоти глобалӣ саҳми назаррас гузорад. Дар ин раванд, 25-уми июли соли 2025 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид боз як ташаббуси Тоҷикистонро ҷонибдорӣ карда, зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» қатъномаи махсусро якдилона қабул намуд.

**Ҳамватанони азиз!**

Дастовардҳои тайи 34 сол ноилшудаамон моро баояндаи ободу осудаи Ватани маҳбубамон дилпур месозанд ва дар айни замон, ба зиммаи ҳар яки мо масъулияти бузург мегузоранд, ки барои ҳифзи истиқлолу озодии кишварамон ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатиамон ҳамеша омода бошем. Барои иҷрои ин масъулият ҳар яки мо бояд ба Ватан, миллат ва давлат содиқ бошем, сарзамини аҷдодии худро дӯст дорем ва барои пешрафту ободии он боз ҳам бештар кор кунем ва заҳмат кашем. Дар шароити бухрониву бисёр ҳассоси ҷаҳони муосир мо бояд беш аз пеш муттаҳиду сарҷамъ бошем ва фаромӯш накунем, ки қудрату пойдории миллат дар иттиҳоду ваҳдат аст. Мо вазифадорем, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллии бо баҳои бисёр гарон бадастовардаи худро эҳтиром, эҳтиёт ва ҳифз намоем.

Соли оянда мо 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистонро ҷашн мегирем. Бо мақсади истиқболи сазовори ин ҷашни бузурги таърихӣ ҳамаи мо бояд барои созандагиву ободонии диёри биҳиштосоямон ҳарчи бештар заҳмат кашем, аз хонаву кошонаи худамон сар карда, тамоми қаламрави кишвари маҳбубамонро ободу зебо ва тозаву озода гардонем.

Бори дигар 34-солагии ҷашни муқаддаси миллӣ – Истиқлоли давлатиро ба кулли мардуми шарифи кишвар ва ҳамватанони бурунмарзӣ самимона табрик мегӯям. Ба хонадони ҳар як фарди Ватан фараҳу шодмонӣ, осоишу оромӣ ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу менамоям.

**Ҷашни Истиқлоли давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ОМӮЗГОР – ШАЪНУ ШАРАФИ МИЛЛАТ

*Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ*

*30.08.2025, шаҳри Душанбе*



**Муҳтарам кормандони соҳаи маориф!**

**Устодону омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагон ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар арафаи соли нави таҳсил, Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ҳамаи шумо ва махсусан, кӯдаконеро, ки бори нахуст ба остонаи мактаб қадам мегузоранд, самимона табрику таҳният мегӯям. Мулоқоти ҳарсола бо донишҷӯёну хонандагон ва кормандони соҳаи маорифи кишвар дар Рӯзи дониш фурсати хубе фароҳам меоварад, ки мо вазъи ин соҳаи ҳаётан муҳимро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем. Зеро маҳз дониш омили асосии рушди устувор ва пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҳар як давлат, инчунин, сарчашмаи муваффақият ва зиндагии осудаи ҳар як инсон мебошад. Ниёгони хирадманду рӯзгордидаи мо донишро беҳуда «қутбнамои зиндагӣ», «чароғи равшан», «ҷавшани тан», «парчами зафармандӣ» ва «устоди беминнат» нагуфтаанд. Дар ин бобат Фирдавсии бузург дар «Шоҳнома»-и безаволи худ чунин гуфтааст:

***Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,***
***Биёбӣ зи ҳар донише ромише.***

Дар замони мо, ки рушди босуръату бесобиқаи илму дониш, техникаву технологияҳо ва бахусус, зеҳни сунъӣ хусусияти барҷастаи он мебошад, донишомӯзӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва ҳатто ҳаётӣ пайдо кардааст. Яъне, асре, ки мо дар он кору зиндагӣ карда истодаем, асри илму дониш, кашфиёту ихтироот, техникаву технологияҳои навтарин – замони пешрафту тараққиёти миллату халқҳои босаводу донишманд ва навовару ихтироъкор мебошад. Ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони азизи мо барои илму донишомӯзии насли наврас ва ҷавонон тамоми шароиту имкониятҳои зарурӣ муҳайё карда шудаанд. Ҳар сол дар мамлакат садҳо муассисаи нави таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, марказҳои таҳсилоти иловагӣ, забономӯзӣ ва омӯзиши фанҳои дақиқ бунёд ва ба истифода дода мешаванд.

Таъкид менамоям, ки тамоми пешрафту дастовардҳои мо, аз ҷумла, дар соҳаи маориф, ҳаёти шоиставу осоиштаи мардум, пеш аз ҳама, ба пойдории сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, боиси қаноатмандиву ифтихор аст, ки соли нави таҳсил дар диёри маҳбуби мо бо Дарси сулҳ оғоз меёбад. Сулҳ сари баланду қомати болои мо, бахту саодати ҳар як хонадон ва асоси пешрафти давлату миллат, аз ҷумла рушди соҳаи маориф мебошад. Дар навбати худ, мактабу маориф василаи ҳифзу таҳкими сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Чунонки мушоҳида мекунем, вақтҳои охир вазъи геосиёсии сайёра бо сабаби талошҳои бесобиқаи қудратҳои ҷаҳонӣ барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон, мусаллаҳшавии бошитоб, ташкили тартиботи нави ҷаҳонӣ ва дигар равандҳои хатарнок ниҳоят мураккабу ҳассос

гардида истодааст. Дар чунин вазъият, ки амнияти ҷомеаи башарӣ ва ҳатто истиқлолу озодии кишварҳо зери хатар қарор дорад, қадру манзалати сулҳ ва аҳаммияти суботу оромӣ рӯз ба рӯз меафзояд.

Дар натиҷаи ҷангу мухолифатҳои мусаллаҳона миллионҳо нафар сокинони кишварҳои гуногун тарки Ватан карда, ҳазорҳо нафар, аз ҷумла, кӯдакону наврасон ҷони худро аз даст доданд ва мутаассифона, ин вазъияти хатарнок идома дорад. Чунин ҳолати бесарусомон таъсири манфии худро бевосита ба раванди таълиму тарбияи наслҳои наврасу ҷавон расонида, ҳоло миллионҳо нафар кӯдакон аз ҳаққи таҳсил маҳрум гардидаанд. Дур мондан аз таълиму тарбия, дар навбати худ, боиси коста шудани андешаи сулҳхоҳона ва талош ба хотири сулҳу осоиш мегардад. Зеро бар асари муноқишаҳои ҷаҳони муосир на танҳо инфрасохтори таълимӣ харобу валангор мегардад, балки фазои тарсу ҳароси дар натиҷаи он бавуҷудомада ба руҳияи кӯдакону наврасон зиёни калон мерасонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таълим ба масъалаи тарғиби фарҳанги сулҳофарӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ пешгирӣ кардани таблиғоти кинаву адоват, тафриқаандозӣ ва зӯроварию хушунат аҳаммияти махсус дода шавад.

Ман зимни суханрониҳои худ ҳамеша таъкид менамоям, ки мардуми мо набояд ҳаводиси солҳои 90-уми асри гузашта – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва оқибатҳои даҳшатноки онро фаромӯш созанд. Балки онро ҳамчун дарси ибрати таърихӣ доим дар хотир дошта бошанд, ба қадри сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ҳамчун арзишҳои бузурги ҳаётӣ расанд, эҳсоси баланди ватандӯстӣ дошта бошанд, наврасону ҷавононро дар ҳамин руҳия тарбия намоянд ва ба хубӣ дарк намоянд, ки осоишу хушбахтӣ танҳо дар ҳамдигарфаҳмӣ ва иттиҳоду сарҷамъии миллат аст.

Авзои имрӯзаи ҷомеаи башарӣ ҷавонони моро водор месозад, ки андешаи сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмиро ҳамчун ҷузъи муҳимтарину ҷудоинопазири фарҳанг ва ҳувияти миллӣ қабул карда, ба хотири таҳкими ҳарчи бештари ин неъмати бебаҳо саъю талош намоянд. Ташаббуси навбатии кишвари мо доир ба «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» идомаи мантиқии талошҳои сулҳхоҳонаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Сафарбар намудани саъю талоши ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли мусолиматомези мушкилоти сайёра, аз қабили мухолифатҳо, ҷангу низоъҳо, фақру нобаробарӣ ва тағйирёбии иқлим, ки ба сулҳу амнияти наслҳои оянда хатар доранд, моҳияти ташаббуси моро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми Дарси сулҳ аз гузаштаи вазнин ва начандон дури халқамон ёдовар шуда, шогирдон, яъне наслҳои наврасу ҷавонро даъват бояд кард, ки ба қадри сулҳу ваҳдати миллӣ расанд ва ин сарвати бебаҳои зиндагиро, ки самараи азму талош ва фидокориву ҷоннисориҳои ҷавонмардони бонангу ор ва мардуми шарифамон мебошад, пос доранд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чанд сол аст, ки дар кишвар раванди ислоҳоти соҳаи маориф бомаром идома дорад. Дар ин муддат санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шуданд. Маблағгузорӣ ба ин соҳаи муҳим сол ба сол афзоиш дода шуд, ки ин, пеш аз ҳама, ба беҳтар гардидани шароити таҳсил, инфрасохтори соҳа ва вазъи иқтисодии омӯзгорон мусоидат карда истодааст. Илова ба маблағҳои буҷетӣ, ҳар сол ба соҳаи маориф аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ маблағҳои зиёд ҷудо карда мешаванд. Бояд гуфт, ки дар 34 соли соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ 67,4 миллиард сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 6,2 миллиард сомонӣ, яъне, дар маҷмуъ, 73,6 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст. Имрӯз дар соҳаи маориф 11 лоиҳа ба маблағи 4 миллиарду 300 миллион сомонӣ татбиқ шуда истодааст. Тайи даврони соҳибистиқлолӣ музди меҳнати кормандони соҳа давра ба давра беш аз 20 баробар зиёд карда шуд. Бо дарназардошти мунтазам афзудани шумораи аҳолӣ ва вобаста ба ин зиёд шудани шумораи хонандагон зарур аст, ки сохтмони мактабҳо, синфхонаҳои иловагӣ ва бо таҷҳизоти таълимии замонавӣ таъмин кардани онҳо вусъат бахшида шавад. Мо сипосгузорем, ки садҳо нафар соҳибкорони бонангу номус ва шахсони саховатпеша дар ин самт бо Ҳукумати мамлакат ҳамкории самарабахш доранд. Мехоҳам бо қаноатмандӣ хотирнишон намоям, ки тайи даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯсти кишвар ва шахсони саховатпеша ба маблағи 1 миллиарду 700 миллион сомонӣ 1435 муассисаи соҳаи маориф бо 231 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудааст. Соли 2025 дар қаламрави кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмони 309 муассисаи таълимӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои беш аз 94 ҳазор ҷойи нишаст идома дошта, то охири сол зиёда аз 200 бинои навбунёд бо тамоми шароити зарурӣ ба истифода дода мешавад. Бо дарназардошти зиёд шудани шумораи аҳолӣ, инчунин, ба вуҷуд омадани маҳалҳои нави аҳолинишин, роҳбарони

вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, вазоратҳои маориф ва илм, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва аҳолӣ бояд ҷиҳати бунёду азнавсозии бинои муассисаҳои таълимӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

**Мухтарам аҳли маориф!**

Чунонки пайваста таъкид менамоям, Ҳукумати мамлакат ба вазъи муассисаҳои томактабӣ таваҷҷуҳи хосса дорад. Зеро нахустин фаҳмишҳои кӯдакон дар бораи муҳит ва ашё маҳз дар ҳамин зинаи таҳсилот шакл мегиранд. Дар баробари пешравиҳои муайян, дар ин соҳа ҳанӯз мушкилоти зиёд низ ҷой доранд, ки пеш аз ҳама, кам будани шумораи муассисаҳои томактабӣ ва кӯдакони ба таълиму тарбияи томактабӣ фарогирифташуда аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар назар бояд дошт, ки афзоиши босуръати аҳолӣ талаботи ҷомеаро ба таҳсилоти томактабӣ сол ба сол афзоиш дода истодааст. Чунин ҳолат роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, Вазорати маориф ва илм, инчунин, падару модаронро водор месозад, ки бунёди муассисаҳои томактабӣ ва таъсиси шаклҳои алтернативии фарогирӣ ба зинаи томактабиро густариш бахшида, иҷрои талаботи Стратегияи миллии рушди маорифро дар хусуси то соли 2030 ба 50 фоиз расонидани фарогирӣ ба таҳсилоти томактабӣ таъмин намоянд. Ҳамчунин, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати зиёд намудани ҷойҳо дар ихтисосҳои томактабии муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии касбӣ ва дар оянда пурра таъмин намудани муассисаҳои томактабӣ бо кадрҳои соҳибихтисос тадбирҳои судманд андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз зинаҳои муҳимми соҳаи маориф маҳсуб ёфта, дар даврони соҳибистиқлолӣ бо мақсади беҳтар кардани шароити таълиму тарбия ҳазорҳо муассисаи таълимии замонавӣ бунёд карда шуд. Дар баробари дастоварду пешравиҳо дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун таҳкурсии асосии таълиму тарбия ва омили рушди неруи инсонӣ ҳанӯз як қатор мушкилоту душвориҳои ҳалталаб вуҷуд доранд. Такмилу бознигарии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сифати таълим, таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсӣ, кабинетҳои фанниву озмоишгоҳҳо, саводнокии рақамӣ ва тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносии миллӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ҳамчун санади муайянкунандаи мазмун ва сатҳи таҳсилот амал мекунад, вобаста ба пешрафту дигаргуниҳои ҷаҳони муосир ба таҷдиди ҷиддӣ ниёз дорад. Таҳия ва қабули стандарти нави давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба натиҷа, таълими шахсиятсоз ва пайвастагии мактаб бо ҳаёти воқеӣ такя мекунад, амри зарурист. Татбиқи чунинислоҳот бояд дар асоси таҳлили амиқи вазъи кунунии таҳсилот ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ амалӣ карда шавад. Ҳамчунин, мутобиқсозии стандарт бо шароити мактабҳо, рушди муҳити инноватсионӣ ва рақамӣ бояд таъмин гардад. Қабули стандарти нави давлатӣ бояд ба беҳбуди воқеии сифати таҳсилот, болоравии қобилияти рақобати хатмкунандагон ва ташаккули низоми таълими устувор ва ҷавобгӯй ба ниёзҳои замон мусоидат намояд.

Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, адлия, Кумита оид ба таҳсилоти миёна ва ибтидоии касбӣ, Маркази тадқиқоти стратегӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор бояд вобаста ба ин масъала бо иштироки мутахассисони баландпояи соҳа, омӯзгорони таҷрибадор, муҳаққиқон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис диҳанд. Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва махсусан, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сифати таълим омили муайянкунандаи натиҷаи кор мебошад.

Барои расидан ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт татбиқи тадбирҳои зеринро ба мақсад мувофиқ мешуморам:

- Якум, бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои муваффақ таҳия намудани меъёрҳои ягонаи муайянкунандаи сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ. Зеро даҳсолаҳост, ки ҳам дар муассисаҳои таълимӣ ва ҳам дар сохторҳои соҳа сифати таҳсилот танҳо аз рӯйи баҳои «чор»-у «панҷ»-и гирифтаи хонанда муайян карда мешавад;
- Дуюм, дар заминаи Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 таъсис додани махзани ягона ҷиҳати таҳлил, арзёбии сифати дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагон тавассути технологияҳои рақамӣ;
- Сеюм, фароҳам овардани шароит барои иштирок дар арзёбиҳо ва барномаҳои байналмилалӣ;

- Чорум, пайваста баррасӣ намудани натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ ва андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия.

Таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, раванди бомароми таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ба он робитаи бевосита дорад. Соли 2024 дар асоси тақсимот 3168 нафар хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо сафарбар карда шудаанд. Ҳоло муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ба 3 ҳазору 848 нафар омӯзгор эҳтиёҷ доранд, ки нисбат ба соли гузашта як баробар камтар аст. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳия бояд дар муддати як сол масъалаи норасоии кадрҳои омӯзгориро пурра бартараф намоянд. Соли ҷорӣ муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро 17 ҳазору 200 нафар мутахассисони ҷавон бо ихтисоси омӯзгорӣ хатм кардаанд. Ҳамзамон бо ин, зарурат пеш омадааст, ки бо дарназардошти ҷорӣ намудани иқтисоди рақамӣ, татбиқи чорабиниҳои Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, муосирсозии раванди таҳсилот, пурра таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ ва дурнамои омодасозии кадрҳо дар соҳаи омӯзгорӣ барномаи давлатии омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ таҳия карда шавад. Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барномаи мазкурро дар муддати шаш моҳ таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар умум, соҳаи маориф таълифи китобҳои дарсии насли нав мебошад. Китоби дарсӣ бояд хонандаро на фақат ба дараҷаи шинохти илм расонад, балки андешаи ӯро бедор созад, дар ниҳоди хонанда ҷаҳонбинии дунявӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро ташаккул диҳад.

Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва Маркази тадқиқоти стратегӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо ҷалби олимони соҳибтаҷриба Консепсияи таҳияи китобҳои дарсиро аз нав таҳия ва пешниҳод намоянд. Ҳамчунин, зарур аст, ки китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ пеш аз нашр аз ташхиси олимони Академияи миллии илмҳо гузаронида шаванд. Вобаста ба ин, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки корро дар ин самт тақвият бахшида, то охири соли равон эҳтиёҷоти муассисаҳои таълимиро ба китобҳои дарсӣ пурра қонеъ намояд.

Ҳамчунин, имрӯз замоне фаро расидааст, ки мо педагогикаи миллии худро бо истифода аз дастоварду навгониҳои замони муосир ташаккул диҳем ва анҷом додани ин кор, пеш аз ҳама, вазифаи олимони соҳаи педагогика мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар яке аз паёмҳои худ зикр намуда будам, ки зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар шароити кунунӣ яке аз зинаҳои афзалиятноки таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурӣ буда, барои баланд бардоштани иқтидори захираҳои инсонӣ ва соҳибкасб намудани шаҳрвандон саҳми босазо мегузорад. Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала ва ба мақсади таъмин намудани рушди минбаъдаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ду рӯз пеш бо қарори Ҳукумати мамлакат барномаи махсус барои давраи солҳои 2026 - 2030 қабул гардид, ки ҷиҳати амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ 300 миллион сомонӣ ҷудо карда мешавад. Ҳоло дар кишвар 66 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият дошта, дар онҳо аз рӯйи 14 самт ва 330 касбу ихтисос барои иқтисоди миллӣ кадрҳои коргарӣ тайёр карда мешаванд. Дар ин муассисаҳои таълимӣ 23 ҳазору 500 нафар хонандагон ба касбомӯзӣ ҷалб гардидаанд, ки 1605 нафар омӯзгор ва 978 нафар устои таълими истеҳсолӣ ба таълиму тарбияи онҳо машғул мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар самти таҷдиди назар намудани стандарт, нақша ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим корҳои муайян ба анҷом расонида шуда, гузариш ба низоми бисёрхолаи баҳодиҳӣ ҳамчун қадами навбатии ислоҳоти соҳа пешбинӣ гардидааст. Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вазифадор карда мешавад, ки масъалаи гузариш ба низоми бисёрхолаи баҳодиҳиро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, пешниҳоди худро дар муҳлати се моҳ ба Ҳукумати мамлакат манзур созад. Соли 2024 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро беш аз 8 ҳазор нафар хатм кардаанд, ки 76 фоизи онҳо бо ҷойи кор таъмин гардида, 24 фоиз ба ҷойи кор ҳозир нашудаанд ё таҳсилро дар зинаҳои дигар идома дода истодаанд. Муассисаҳои таҳсилоти

ибтидоии касбӣ ҳоло дорои 97 бинои таълимӣ (бо 29 ҳазор ҷойи нишаст) мебошанд, ки аз ин 14 бино садамавӣ буда, биноҳои 12 муассиса ба азнавсозӣ ва 22 муассисаи таълимии дигар ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Дар ин зинаи таҳсилот 54 хобгоҳ вуҷуд дорад, ки 80 фоизи онҳо бояд таъмиру азнавсозӣ карда шаванд. Зикр бояд кард, ки ҳанӯз дар 16 шаҳру ноҳия муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ вуҷуд надоранд. Бинобар ин, зарур аст, ки дар маркази ин шаҳру ноҳияҳо, маркази ҷамоатҳои деҳоте, ки шумораи аҳолиашон аз 10 ҳазор нафар зиёд аст, инчунин, дар назди вазорату идораҳои дахлдор ва корхонаҳои калони истеҳсолӣ муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ё гурӯҳҳои мақсадноки таълимӣ ё филиалҳои онҳо таъсис дода шаванд.

Соли ҷорӣ Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва шарикони рушд сохтмон, таъмир ва азнавсозии 37 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбиро ба нақша гирифтааст ва ин раванд бояд вусъат дода шавад. Ҳоло муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо китобҳои дарсии умумитаълимӣ таъмин мебошанд, вале норасоии китобҳои дарсӣ аз фанҳои тахассусӣ ҷой дорад. Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур бояд тадбирҳои амалӣ андешида, нақшаи таҳияи чопи китобҳои дарсиро барои ин зинаи таҳсилот таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Дар таъмини соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат бо кадрҳои соҳибихтисоси коргарӣ дар радифи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 66 маркази таълими калонсолон нақши муҳим дорад. Дар ин марказҳо қувваи кории истифоданашуда, ки ҳоло 30 фоизи захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳад, ба касбомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта, барои фаъолияти минбаъда равона карда мешавад. Вале аз ҷониби мақомоти марбута ва масъулини соҳа имкониятҳои ин марказҳо ба таври кофӣ истифода намегарданд. Масалан, солҳои охир бо дастгирии Бонки Осиёии Рушд дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, Роғун, ноҳияҳои Данғара ва Восеъ панҷ маркази касбомӯзӣ, хизматрасонӣ ва рушди малакаҳо таъсис дода шуданд, ки иқтидори онҳо барои ба касбомӯзӣ ҷалб намудани шаҳрвандон дар як сол 8 ҳазор нафарро ташкил дода, ба хатмкунандагон сертификати дараҷаи байналмилалӣ медиҳанд. Аммо дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар ин марказҳо ҳамагӣ 1543 нафар ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудааст. Бинобар ин, ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати ҳарчи бештар ба касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандон, инчунин, пурра ба танзим даровардани низоми касбомӯзии калонсолон тадбирҳои муассир андешанд.

Имрӯз дар кишвар дар 86 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи 250 ихтисос мутахассис омода карда мешавад, ки ин нисбат ба соли 1991-ум 43 муассиса ва 126 ихтисос зиёд мебошад. Шумораи муассисаҳои ин зинаи таҳсилот сол ба сол зиёд шуда истодааст ва мустаҳкам намудани пояҳои моддиву техникии онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб ба шумор меравад. Аз ин рӯ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд, вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ҷиҳати мустаҳкам намудани заминаи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ чораҷӯйӣ намоянд. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 16 ҳазору 187 нафар омӯзгорону кормандон, аз ҷумла, 28 нафар доктори илм ва 247 нафар номзадҳои илм фаъолият доранд. Бояд гуфт, ки шумораи омӯзгорони дараҷа ва унвони илмидошта ҳоло ҳам нокифоя мебошад ва Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои бештар ҷалб кардани чунин омӯзгорон тадбирҳои мушаххас андешад. Инчунин, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вазифадор карда мешавад, ки бо ҷалби мутахассисони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таълимӣ ва вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд, барои ҳалли мушкилоти дигари соҳа, аз ҷумла таҳия ва чопи китобҳои тахассусӣ чораҳои иловагӣ андешад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Таҳсилоти олии касбӣ яке аз пояҳои асосии рушди иҷтимоиву иқтисодии ҳар як давлат ба шумор меравад. Дар ҷаҳони муосир, ки босуръат тағйир ёфта, талаботи бозори меҳнат пайваста нав мегардад, зарурат ба таҳсилоти олӣ ҳамчун муҳити тавлиди дониш, технология ва инноватсия беш аз пеш эҳсос мегардад. Маҳз тавассути таҳсилоти олии босифат ҷомеа метавонад ба кадрҳое такя намояд, ки бо дониш, масъулиятшиносӣ ва диди васеъ муҷаҳҳаз буда, дар ҳама соҳаҳои ҳаёт нақши фаъол бозида метавонанд. Имрӯз дар кишвар 48 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амал мекунад, ки дар онҳо беш аз 213 ҳазор нафар донишҷӯ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Яке аз онҳо Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад, ки имрӯз мо бинои нави он, инчунин, бинои Маркази рушди малакаҳо, касбомӯзӣ ва хизматрасониро ифтитоҳ намудем.

Бояд зикр намуд, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳамчун нахустин муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ дар кишвар, бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат дар зарфи солҳои охир ба маркази пешбари омодасозии мутахассисони рақобатнок тибқи низоми бисёрзинагии таҳсилот табдил ёфтааст. Соли 2021 зимни ифтитоҳи ду бинои таълимии донишгоҳи мазкур ва гузоштани санги асоси биноҳои дигар дастур дода будам, ки бо ҳадафи ҳарчи бештар ба таҳсил ва курсҳои омӯзишӣ фаро гирифтани аҳолӣ сохтмони биноҳо бо усули муосири меъморӣ ва баландошёна амалӣ карда шавад. Чунонки имрӯз мебинем, иншооти мазкур иборат аз Маркази рушди малакаҳо, касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ, Маркази идоракунии рақамии таҳсилот, Маркази дипломатияи сабз, Маркази рушди сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, синфхонаҳои таълимӣ, маҷмааи варзишӣ, ошхона, коргоҳи дӯзандагӣ ва хобгоҳ бо сатҳу сифати баланд бунёд ва ба истифода дода шуд. Дар робита ба ин, ба роҳбарияти донишгоҳ супориш дода мешавад, ки бо оғози фаъолияти Маркази рушди малакаҳо, касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута барои ҷалби ҳарчи бештари сокинони мамлакат барои касбомӯзӣ чораҷӯйӣ карда, донишҷӯёнро низ дар баробари гирифтани ихтисос ба омӯзиши касбҳои алоҳида сафарбар намоянд. Ҳамзамон бо ин, бо мақсади татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ барои давраи то соли 2040 пешниҳод менамоям, ки дар заминаи Донишкадаи сайёҳии донишгоҳ Академияи сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъсис дода шавад. Дар ин раванд, дар назар бояд дошт, ки истифодаи пурраи имкониятҳои васеи кишвари мо дар самти ҷалби сайёҳон, рушди соҳаи сайёҳӣ ва барои фаъолият дар ин бахши муҳим ҳарчи бештар фаро гирифтани ҷавонон аз ҷумлаи зарутатҳои рӯз ва тақозои замона мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаи омода кардани омӯзгорони соҳаи табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар низоми маорифи мамлакат маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки дар оянда аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ омӯзгорону муҳаққиқони сатҳи баландро омода намуда, раванди амалишавии Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маорифро тақвият бахшем. Аз ин лиҳоз, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо ва Маркази миллии тестӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо мақсади омода намудани омӯзгорони баландихтисоси равияҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ қабули довталабонро ба гурӯҳҳои буҷетӣ зиёд намоянд. Таҳсилот дар зинаҳои магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос заминаи муҳимми омода кардани кадрҳои ҷавони илмӣ ба ҳисоб меравад.

Вале дар ин зинаҳо шумораи довталабон аз ҳисоби ҷавонон сол ба сол коҳиш ёфта истодааст. Соли 2024 нақшаи қабул ба зинаи магистратура ҳамагӣ 34 фоизро ташкил додааст, ки чунин ҳолат хеле ва хеле ташвишовар мебошад. Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ва академияҳои соҳавӣ вазифадоранд, ки вобаста ба ислоҳи вазъи бавуҷудомада чораҳои мушаххас ва бетаъхир андешанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Тавре ки имрӯзҳо мушоҳида мекунем, торафт муташанниҷ гардидани вазъи сиёсиву низомии ҷаҳон ва афзоиши ҷангу низоъҳо дар гӯшаҳои гуногуни сайёра инсониятро ба ташвишу нигаронии ҷиддӣ овардааст. Дар чунин шароити пуртазод ҳифзи сулҳ, амнияти миллӣ ва суботи устувор дар кишвар вазифаи муҳимтарини ҳамаи мо ба хотири таъмин намудани пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла соҳаи маориф мебошад. Бори дигар таъкид менамоям, ки сулҳ омили муҳимтарини рушди маърифати инсон ва пешрафти ҷомеа аст. Сулҳ муҳити мусоид фароҳам меоварад, ки наслҳои нав ба ҷойи тарс аз ҷангу ноамнӣ босаводу донишманд, хушахлоқу худшинос ва содиқ ба Ватан ба камол расанд. Бо дарки ҳамин ҳақиқат, Ҳукумати мамлакат дар фаъолияти худ рушди соҳаи маорифро пояи устувори давлатдории муосир меҳисобад. Зеро танҳо миллате, ки босавод, дорои маорифи босифат ва кадрҳои баландихтисос аст, метавонад дар арсаи ҷаҳонӣ соҳибмақом бошад. Аз ин рӯ, дар давоми беш аз сӣ соли соҳибистиқлолӣ, бо вуҷуди мушкилоти зиёд, дар радифи соҳаҳои дигар соҳаи маориф низ рушд ёфт ва ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Муҳимтар аз ҳама, дар ин давра насли наве, ки муҳаббат ба Ватан, арҷгузорӣ ба ҳувияти миллӣ ва таваҷҷуҳ ба илму маърифат дар меҳвари шахсияташ қарор дорад, ба миён омад. Ин насл бароиояндаи ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва

фарҳангии кишвар корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонад. Замони муосир, ки ба он ҳам тараққиёти босуръат ва ҳам мушкилоти зиёди глобалӣ хос аст, шахсиятҳои дорои маълумоти комил ва аз ҳар ҷиҳат фаъолро тақозо дорад. Фаромӯш набояд кард, ки кор танҳо бо маблағгузории соҳа ба итмом намерасад, балки муҳимтар он аст, ки ҷавонони мо ҳисси баланди миллӣ ва ҷаҳонбинии васеи муосир дошта бошанд, Ватани худро сидқан дӯст доранд, технологияҳои замонавиро аз худ намоянд ва забонҳои хориҷиро хуб донанд. Падару модарони гиромӣ бояд ҳамеша дар ёд дошта бошанд, ки ояндаи равшану пурсаодати фарзандон, қабл аз ҳама, ба сатҳи масъулиятшиносии онҳо дар самти тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва руҳию равонии фарзандон вобаста мебошад. Дар ин самт устодону омӯзгорон ва аҳли маориф низ масъулият ва нақши бузург доранд. Маҳз омӯзгорон – машъалафрӯзони ҷомеа қодиранд, ки имрӯзу фардои диёрро бо нури маърифат мунаввар созанд ва дар рушду тараққиёти давлату миллат ҳиссаи сазовор гузоранд. Имрӯз мо танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳайати 131-ҳазорнафараи омӯзгоронро дорем, ки ин қувва ва қудрати бузург аст. Илова бар ин, дар донишгоҳу донишкадаҳо ва пажӯҳишгоҳу академияҳои мамлакат ҳазорҳо нафар олимону донишмандон фаъолият доранд, ки онҳо низ неруи бузурги маънавӣ мебошанд. Зарур аст, ки ин иқтидори зеҳнӣ бештар муттаҳид ва фаъолияти он ба самти соҳибмаърифату донишманд гардонидани насли ҷавони кишвар сафарбар карда шавад. Омӯзгор шаъну шарафи миллат аст ва имрӯзу фардои ҳар як кишвар ва ҷомеа аз сатҳи маърифат ва фаъолияти ӯ вобастагии калон дорад. Хиради омӯзгор ҷаҳлу хурофотро аз байн мебарад ва сарчашмаи комёбиҳо мегардад. Дар бартарафсозии тамоми мушкилоти миллату давлат, пеш аз ҳама, омӯзгорон саҳмгузоранд. Эҳтироми омӯзгор аз тарафи ҳар як фард эҳтироми худ, эҳтироми миллат ва эҳтироми ҷомеа аст. Мо мақоми омӯзгорро ҳар қадар баланд бардорем, ҷомеа ҳамон қадар муваффақу пешрафта мегардад. Соли гузашта дар суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ман ба сохтору мақомоти марбута супориш дода будам, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор»-ро таҳия ва барои баррасӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд. Ҳоло ин санади муҳим аз ҷониби Ҳукумати мамлакат маъқул дониста шуда, ба баррасии парламенти кишвар ирсол гардидааст. Қабули ин қонун марҳалаи наверо дар фаъолияти омӯзгорон ва умуман, дар ҳаёти аҳли кишвар ифтитоҳ хоҳад бахшид.

Мехоҳам як нуктаи муҳимро бори дигар такрор намоям. Масъалаи таълиму тарбия марбут ба имрӯзу ояндаи ҳар яки мост. Аз ин рӯ, дар таълиму тарбияи насли наврас бояд заррае ба саҳлангорӣ роҳ надиҳем, серталаб бошем ва нисбат ба тақдири ояндаи фарзандонамон бо камоли масъулият муносибат намоем. Аҳли маориф, падару модарон, зиёиёну фаъолон ва умуман тамоми ҷомеа якҷо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд кӯшиш намоянд, ки ҷинояткорӣ ва ҳама гуна қонуншиканиҳо дар байни наврасону ҷавонон пешгирӣ карда шавад. Мо вазифадорем, ки наврасону ҷавононро тарбияи дуруст диҳем, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намоем, ба фарзандони худ барои омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар шароити беҳтарин муҳайё созем ва ҳамеша дар фикри он бошем, ки фарзандони мо дар зиндагии ояндаи хеш азият накашанд. Такроран таъкид менамоям, ки ин вазифаи инсонӣ ва қарзи имонии на танҳо аҳли маориф ва падару модарон, балки тамоми ҷомеа мебошад. Мактаб, оила ва ҷомеа – ин се неруи масъулу тавоно бояд иттиҳоди ҳамешагӣ дошта бошанд ва ба хотири таълиму тарбияи шоистаи наврасону ҷавонон дар ҳамбастагӣ ҷидду ҷаҳд намоянд. Тоҷикистон Ватани маҳбуби мо, ҳастии мо ва обрӯю эътибори мост. Қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрвандии мову шумост, ки ба хотири пешрафту ободии диёри биҳиштосои худ, хусусан, дар доираи омодагӣ ба ҷашни бузурги миллиамон – 35-солагии истиқлоли давлатӣ пайваста заҳмат кашем ва обрӯи Тоҷикистони маҳбубамонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардорем.

Ман ба мардуми шарафманди кишвар, аз ҷумла, ҷавонону наврасони ватандӯсти Тоҷикистон муроҷиат карда, таъкид менамоям, ки мо бояд ба шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем, ҳисси баланди миллӣ дошта бошем ва тамоми тавону неруи худро барои ободии Ватанамон ва пешрафти давлати соҳибихтиёрамон равона созем. Бо изҳори эътимод ба ояндаи ободи Ватани азизамон бори дигар кулли устодону шогирдон, донишҷӯён ва тамоми сокинони кишвар, аз ҷумла ҳамаи шумо – ҳозирини гиромиро ба ифтихори оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш самимона табрик мегӯям. Ба хонандагону донишҷӯён хониши хубу аъло, ба устодону омӯзгорон барори кор ва ба мардуми шарифи Тоҷикистон зиндагии босаодат орзу менамоям.

**Ҳамеша сарбаланду тансиҳат бошед, ҳамватанони азиз!**

# ТАҲИЯИ КИТОБҲОИ ДАРСИИ НАСЛИ НАВ: ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ТАВСИЯҲО БАРОИ ТОҶИКИСТОН

*(Дар ҳошияи суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ)*

**Дониёр САНГИНЗОДА – муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ оид ба илм ва таълим, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**

**Ширин ҚУРБОНОВА – сарходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои таърих**

**Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва пешрафти илму техника, таҳияи китобҳои дарсии насли нав яке аз масъалаҳои калидии соҳаи маориф ва илми кишвар ба ҳисоб меравад.**

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ 30 августи соли 2025 таъкид намуданд, ки: «Яке аз масъалаҳои муҳимми зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар умум, соҳаи маориф таълифи китобҳои дарсии насли нав мебошад. Китоби дарсӣ бояд хонандаро на фақат ба дараҷаи шинохти илм расонад, балки андешаи ӯро бедор созад, дар ниҳоди хонанда ҷаҳонбинии дунявӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро ташаккул диҳад. Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва Маркази тадқиқоти стратегӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо ҷалби олимони соҳибтаҷриба Консепсияи таҳияи китобҳои дарсиро аз нав таҳия ва пешниҳод намоянд. Ҳамчунин, зарур аст, ки китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ пеш аз нашр аз ташхиси олимони Академияи миллии илмҳо гузаронида шаванд. Вобаста ба ин, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки корро дар ин самт тақвият бахшида, то охири соли равон эҳтиёҷоти муассисаҳои таълимиро ба китобҳои дарсӣ пурра қонеъ намояд».

Ташхиси академии китобҳои дарсӣ раванди арзёбӣ ва таҳлили сифати китобҳои дарсӣ ва дигар адабиёти таълимӣ аз ҷониби мутахассисони соҳибихтисос, одатан олимони академия, бо



мақсади таъмини мутобиқати онҳо ба стандартҳои давлатӣ, барномаҳои таълимӣ, дастовардҳои муосири илмӣ ва талаботи педагогӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванди муҳим дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» (2014), Низомномаи намунавӣ оид ба таҳия, экспертиза ва нашри адабиёти таълимӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 майи 2015, №358) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» (2021) танзим карда мешавад. Инчунин, пешниҳоди Пешвои миллат дар бораи ташхиси ҳатмии китобҳои дарсӣ аз ҷониби олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) ба ин раванд марбут аст.

Ташхиси академии китобҳои дарсӣ барои иҷрои ҳадафҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1. **Мутобиқат ба стандартҳо**. Ташхиси академӣ мувофиқати мундариҷаи китобҳои дарсиро ба стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаҳои таълимӣ ва талаботи муосири илмӣ месанҷад. Ин маънои онро дорад, ки китобҳо бояд ба талаботи Стратегияи миллии рушди маориф, стандартҳои Болония ва тавсияҳои ЮНЕСКО ҷавобгӯ бошанд. Масалан, китобҳо бояд мундариҷаи бонизом дошта бошанд, ки ба нақшаи таълимӣ мувофиқат кунанд ва аз ҷониби мақомоти ваколатдор, ба монанди Вазорати маориф ва илм тасдиқ шаванд. Ин ҳадаф сифати таълимро баланд мебардорад ва мутобиқати китобҳоро бо талаботи расмӣ таъмин мекунад.

2. **Сифати илмӣ.** Ташхиси академӣ дақиқии маълумоти илмӣ, истифодаи методҳои муосир ва инъикоси дастовардҳои охирини илмиро дар китобҳои дарсӣ санҷида, мувофиқати онҳоро ба таърифи «китоби дарсӣ» меомӯзад. Олимони АМИТ таҳлил менамоянд, ки маълумот дар китобҳо ба далелҳои илмӣ асос ёфтаанд ва ё не. Ин амал сифати таълимро беҳтар мекунад ва хонандагонро бо донишҳои муосир таъмин менамояд.

3. **Мутобиқат ба синну сол.** Экспертизаи академӣ мувофиқати мундариҷаи китобҳоро ба хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии хонандагон, донишҷӯён, магистрон ва докторони Ph.D арзёбӣ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки забон, сохтор ва мураккабии мавод бояд ба сатҳи фаҳмиши гурӯҳҳои мухталифи таълимгирандагон мувофиқ бошад. Масалан, барои хонандагони мактабҳои миёна мавод бояд фаҳмо ва бо мисолҳои амалӣ пешниҳод шуда бошад, дар ҳоле ки барои докторони Ph.D маводи мураккаб ва таҳлилӣ лозим аст. Ин ҳадаф таълимро дастрас ва самаранок мегардонад.

4. **Арзишҳои миллӣ ва дунявӣ.** Экспертизаи академӣ инъикоси арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ ва ҷаҳонбинии дунявиро, ки дар суханронии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид мешавад, дар китобҳои дарсӣ таъмин мекунад. Ин талабот ба он равона шудааст, ки дар китобҳо бояд ба манфиатҳои давлатӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва анъанаҳои миллӣ арҷ гузошта шуда, ҳамзамон, бо принсипҳои дунявӣ ва баробарии гендерӣ мувофиқ бошанд. Масалан, АМИТ бо ваколати ташхис метавонад мутобиқати китобро ба таҳлили баҳодиҳии ин арзишҳоро арёбӣ намояд.

5**. Имконияти худомӯзӣ.** Экспертизаи академӣ муҳтавои китобҳои дарсиро барои мусоидат ба омӯзиши мустақил баррасӣ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки китобҳо бояд машқҳо, вазифаҳои амалӣ ва супоришҳое дошта бошанд, ки хонандагонро ба тафаккури мустақил ва эҷодкорӣ водор созанд. Масалан, китобҳо бояд саволҳо, мисолҳои амалӣ ва манбаъҳои иловагиеро дар бар гиранд, ки хонандагон тавонанд мустақилона донишро аз худ кунанд. Ин ҳадаф ба тавсияҳои ЮНЕСКО мувофиқ аст.

6. **Технологияҳои муосир.** Дар шароити рақамикунонии маориф экспертизаи академӣ мутобиқати китобҳои дарсиро ба талаботи техникӣ ва методологӣ, бахусус, барои адабиёти электронӣ арзёбӣ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки китобҳои рақамӣ бояд дар таҷҳизоти муосир (планшетҳо, компютерҳо) бенуқсон кор кунанд, дорои интерфейси муносиб ва мундариҷаи муназзам бошанд. Масалан, китобҳои электронӣ бояд ба талаботи иҷрошавандагӣ, мураттабӣ ва имконияти худомӯзии таълимгирандагон ҷавобгӯ бошанд. Инчунин, экспертизаи академӣ бояд ҳамгироии технологияҳои нав, ба монанди зеҳни сунъӣ ва платформаҳои таълимиро, ки дар Чин ва Фаронса истифода мешаванд, ба назар гирад. Ин ҳадаф ба ислоҳоти маориф мувофиқ аст.

Мувофиқи моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» ва банди 13-и Низомномаи намунавӣ, экспертиза метавонад касбӣ (аз ҷониби олимон ва мутахассисон) ва ҷамъиятӣ (бо иштироки омӯзгорон, падару модарон ва ҷомеа) бошад. Дар Тоҷикистон АМИТ мувофиқи моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» нақши калидӣ дар ташхиси илмӣ дорад.

Мувофиқи моддаи 14 Қонун «Дар бораи адабиёти таълимӣ» экспертизаи сифати нашрияҳои таълимие, ки дар раванди таълим ба сифати адабиёти таълимии асосӣ истифода бурда мешаванд, дар асоси меъёрҳои зерин гузаронида мешавад: ***мутобиқат ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва илм; мутобиқат ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот; мутобиқат ба ҳадди ақалли ҳатмии мазмуни барномаҳои таълимӣ; риояи қоидаҳои имло; арзиши ғоявӣ доштан; мутобиқат ба анъанаҳои миллӣ, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, муқаддасот ва арзишҳои миллӣ; сохтори***

***комил доштан; фаҳмову даркшаванда будан; мутобиқат ба талаботи усули баёни маводи таълимӣ; мавҷудияти робитаи мутақобила бо фанҳои дигари таълимӣ; мутобиқат ба хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии таълимгирандагон; имконпазирии инъикоси масъалаҳои баробарии гендерӣ; санҷиши натиҷаҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ.***

Ҳангоми экспертизаи сифати адабиёти таълимии электронӣ меъёрҳои зерин низ ба назар гирифта мешаванд: ***иҷрошаванда будани ҳамаи ҷузъиёти барномаҳои компютерӣ, гузариш аз як барнома ба барномаи дигар, иқтибосҳо ва дигар амалҳое, ки барномаи компютерӣ пешбинӣ намудааст; бенуқсон кор кардани барномаи компютерӣ; амалӣ шудан дар ҳама навъи таҷҳизоти электронӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои адабиёти таълимии электронӣ пешбинӣ шудаанд; мураттабӣ ва сохтори муназзами маводи таълимӣ; имкониятҳои мустақилона кор кардани таълимгиранда***. Мувофиқи Стандарти байнидавлатии ГОСТ 7.60-2003 «Низоми стандартҳои иттилоот, китобдорӣ ва нашриёт. Нашрияҳо».

**Намудҳои асосӣ.** Истилоҳот ва таърифҳо, ки аз ҷониби Шурои байнидавлатии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба стандартонӣ, метрология ва сертификатсия 22-юми майи соли 2003, №23 қабул гардидааст ва Тоҷикистон ба қабулаш овоз додааст, мафҳумҳои зерини адабиёти таълимӣ ва илмӣ пешбинӣ гардидаанд:

- **китоби дарсӣ** – нашрияи таълимӣ, ки дарбаргирандаи муҳтавои бонизоми фанни таълимӣ, фаслҳову қисмҳои он мебошад, ки ба барномаи таълимӣ мувофиқат мекунад ва расман ҳамчун ин навъи нашрия тасдиқ шудааст;
- **воситаи таълимӣ** – нашрияи таълимӣ, ки китоби дарсиро қисман ё пурра иваз мекунад ё ба сифати чунин навъи нашрия расман тасдиқ шудааст;
- **воситаи таълимӣ-методӣ** – нашрияи таълимӣ, ки дорои мавод оид ба методологияи таълим, омӯзиши фанни таълимӣ, фасл, қисми он мебошад;
- **дастури таълимӣ** – нашрияи таълимӣ, ки дорои мавод оид ба методикаи таълим, омӯзиши фаслу қисми фанни таълимӣ мебошад;
- **дастури амалӣ** – нашрияи истеҳсолӣ-амалӣ, ки барои азхуд кардани дониш ва малакаи иҷрои кор пешбинӣ шудааст;
- **практикум** – нашрияи таълимӣ, ки дорои вазифаҳои амалӣ ва машқҳое мебошад, ки ба азхудкунии маводи пешниҳодшуда мусоидат мекунанд;
- **барномаи таълимии фан** (барномаи таълимӣ) – нашрияи таълимие, ки мундариҷа, ҳаҷм, инчунин, тартиби омӯхтан ва таълими фанни таълимӣ, фасл ва қисмҳои онро муайян мекунад;
- **монография** – нашри илмӣ ё илмии оммавӣ, ки омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаи як масъала ё мавзуъро дар бар мегирад ва ба як ё якчанд муаллиф тааллуқ дорад;
- **диссертатсия** – нашрияи илмии дар шакли кори илмии махсус омодагардида мебошад, ки ҷанбаи тахассусии илмӣ дорад ва барои ҳимояи оммавӣ ва гирифтани дараҷаи илмӣ омода карда шудааст;
- **автореферат** – нашрияи илмӣ дар шакли брошюра омодагардида мебошад, ки дар он муҳтавои тадқиқоти муаллиф дарҷ гардида, барои гирифтани дараҷаи илмӣ пешниҳод шудааст;
- **мақолаи илмӣ** (Scopus, Web of Science, тақризшавандаи КОА ҶТ, РИНС, конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ) – нашрияи илмиест (асарест), ки натиҷаҳои асосии тадқиқотро, ки бо истифода аз методҳои илмӣ гузаронида мешавад, дар бар мегирад;
- **фишурдаи мақола** (тезис) – нашрияи илмӣ дар шакли муқаррароти кӯтоҳи мантиқан бо ҳам алоқаманди мақола, ки далели он дар худи мақола оварда шудааст.

Ин мафҳумҳо асоси стандартизатсияи адабиёти таълимӣ ва илмиро дар Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ ташкил медиҳанд ва барои таъмини сифати китобҳои дарсӣ ва дигар нашрияҳо дар раванди таълим муҳиманд. Ин таърифҳо ба муайян кардани талабот ба мундариҷа, сохтор ва мақсади нашрияҳо мусоидат мекунанд, ки дар таҳияи китобҳои дарсии насли нав барои Тоҷикистон нақши муҳим доранд.

Дар кишварҳои Осиё сиёсати таҳияи китобҳои дарсӣ аксар вақт бо ҳадафҳои рушди иқтисодӣ ва фарҳангӣ вобаста мебошад. Мувофиқи гузориши Бонки Осиёии Рушд дар бораи сиёсати китобҳои дарсӣ дар Осиё (2018), кишварҳое ба монанди Ҷопон, Чин ва Ҳиндустон низоми мукаммали тасдиқи китобҳои дарсиро доранд, ки дар онҳо ҳамкории байни ҳукумат ва нашриётҳои хусусӣ ҳукмфармост. Дар Ҷопон, мувофиқи қонунгузории соҳаи маориф, китобҳои

дарсӣ аз ҷониби Вазорати маориф тасдиқ мешаванд ва ҳатман ба стандартҳои миллӣ мувофиқат мекунанд, ки ба ташаккули ҳувияти миллӣ мусоидат менамояд. Дар Чин низоми марказонидашуда бо дарназардошти арзишҳои сиёсӣ ва рушди илмӣ амал мекунад ва дар соли 2025 рақамикунонии китобҳо бо истифода аз технологияҳои зеҳни сунъӣ афзудааст. Дар Ҳиндустон мувофиқи «Қонуни ҳуқуқ ба таҳсилот» (2009), китобҳои дарсӣ аз экспертизаи мутахассисон мегузаранд ва ба гуногунии фарҳангӣ эҳтиром мегузоранд, ки ин дар соли 2025 бо самти баэътиборгирии гендер ва ТИК такмил ёфтааст. Ин таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар Осиё таҳияи китобҳои дарсӣ бо ҳадафҳои миллӣ ва иқтисодӣ ҳамоҳанг аст ва метавонад барои Тоҷикистон намунаи муфид бошад, хусусан, дар тақвияти арзишҳои миллӣ ва дунявӣ дар китобҳои дарсӣ.

Дар Аврупо қонунгузории маориф ба принсипҳои ҳуқуқи инсон ва ҳамгироии аврупоӣ такя мекунад. Мувофиқи гузоришҳои Иттиҳоди Аврупо, дар кишварҳое ба монанди Олмон, Фаронса ва Британияи Кабир низоми таҳияи китобҳои дарсӣ марказонида шудааст, аммо бо иштироки мутахассисони мустақил амалӣ мегарадад. Дар Фаронса, мувофиқи Кодекси маориф, Вазорати маориф барномаҳои миллӣ ва мундариҷаи китобҳоро муайян мекунад ва китобҳо пеш аз нашр аз экспертизаи академӣ мегузаранд, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии дунявӣ ва шаҳрвандӣ мусоидат менамояд. Дар Олмон қонунҳои федералӣ талаб мекунанд, ки китобҳои дарсӣ ба стандартҳои иёлот мувофиқ бошанд ва экспертиза аз ҷониби муассисаҳои илмӣ анҷом дода мешаванд. Дар Британияи Кабир, мувофиқи Қонуни маориф (1988), китобҳо бо дарназардошти барномаҳои миллӣ таҳия мешаванд ва ба бедор кардани андешаи танқидӣ диққат медиҳанд. Таҷрибаҳои аврупоӣ нишон медиҳанд, ки ҳамкории байни ҳукумат ва академия амали калидӣ дар баланд бардоштани сифати китобҳои дарсӣ аст, ки ин барои Тоҷикистон метавонад ҳамчун асос барои такмили консепсияи таҳия хидмат кунад.

Дар кишварҳои Амрико низоми таҳияи китобҳои дарсӣ аксар вақт ғайримарказонидашуда аст. Дар ИМА мувофиқи тадқиқотҳои илмӣ, иёлот масъули тасдиқи китобҳо буда, комиссияҳои махсус рӯйхати китобҳои тасдиқшударо таҳия мекунанд. Масалан, дар Калифорния ва Техас қонунҳо талаб мекунанд, ки китобҳо ба стандартҳои миллӣ ва маҳаллӣ мувофиқат кунанд ва бинобар ин, экспертиза аз ҷониби мутахассисони илмӣ анҷом дода мешавад. Дар соли 2025 ИМА ба рақамикунонӣ ва ҳассосияти гендерӣ дар китобҳои дарсӣ диққат додааст. Дар Канада қонуни маориф дар сатҳи музофот амал мекунад ва китобҳо бо дарназардошти гуногунии фарҳангӣ таҳия мешаванд. Дар Бразилия мувофиқи Қонуни маориф (1996) Вазорати маориф низоми тасдиқи миллиро идора мекунад, ки ба паҳнкунии одилонаи китобҳо мусоидат менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» (аз 26 июли соли 2014 №1122) ҳамчун асоси ҳуқуқӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти таҳия, нашр ва паҳнкунии адабиёти таълимӣ хидмат мекунад. Ин қонун ба Конститутсияи Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ асос ёфта, мафҳумҳои асосиро муайян мекунад, ба монанди адабиёти таълимӣ, асосӣ ва иловагӣ, электронӣ ва ғайра, ки бо таърифҳои ГОСТ 7.60-2003 (масалан, китоби дарсӣ, воситаи таълимӣ-методӣ) мувофиқат мекунанд. Қонун принсипҳои сиёсати давлатиро муайян мекунад, аз ҷумла, мутобиқат ба стандартҳои таҳсилот, дастрасии озод, озмунҳои кушод ва кафолати пардохт барои таҳия. Инҳо ба ҳадафҳои рушди маориф мувофиқанд ва ба таҷрибаҳои аврупоӣ, ба монанди Фаронса монанданд, ки экспертизаи ҳатмиро талаб мекунанд. Аммо дар Тоҷикистон диққати бештар ба арзишҳои миллӣ ва ватандӯстӣ дода мешавад, ки бо таҷрибаҳои осиёӣ (Чин, Ҷопон) ҳамоҳанг аст.

Низомномаи намунавӣ оид ба таҳия, экспертиза ва нашри адабиёти таълимӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 майи 2015, №358) ҳамчун санадҳои зерқонунӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» асос ёфта, тартиби амалии таҳия, экспертиза ва нашри адабиёти таълимиро муайян мекунад. Низомнома тартиби тартиб додани Нақшаи нашр аз ҷониби Вазорати маориф ва илм (ВМИ)-ро муайян мекунад, ки ба Нақшаи таълимӣ ва эҳтиёҷоти муассисаҳо асос ёфтааст. Озмунҳо барои таҳияи барномаҳо ва китобҳои нав эълон мешаванд ва мазмуни адабиёт бояд ба синну сол, дастовардҳои илмӣ ва принсипҳои дидактикӣ мувофиқ бошад. Ин низоми марказонидашуда ба моделҳои Чин ва Фаронса монанд аст. Экспертиза бо иштироки гурӯҳҳои ҳамоҳангсоз, Шурои миллии таҳсилот ва мушовараи Вазорати маориф ва илм амалӣ мегардад. Меъёрҳо мутобиқат ба стандартҳо, арзишҳои миллӣ ва имконияти

худомӯзиро дар бар мегиранд ва тағйироти соли 2023 иштироки омӯзгоронро дар гурӯҳҳо афзудаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» (аз 20 апрели 2021, №1780) асосҳои ҳуқуқии ташкил, фаъолият ва идоракунии АМИТ-ро муайян мекунад. АМИТ муассисаи олии илмӣ аст, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст. Мувофиқи моддаи 5, вазифаҳои АМИТ таҳияи сиёсати илмӣ, омӯзиши масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ташхиси барномаҳо ва лоиҳаҳо, омодасозии кадрҳо, тарғиби донишҳо ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошанд. Ин ваколатҳо ба АМИТ дар ташхиси нашрияҳои илмӣ ва таълимӣ имконоти калидӣ додааст.

Пешниҳоди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ташхиси ҳатмии китобҳои дарсӣ пеш аз нашр аз ҷониби олимони АМИТ саривақтӣ аст, чунки экспертизаи академии китобҳои дарсӣ дар вобастагии ислоҳоти маориф, аз ҷумла, рақамикунонии таълим ва татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф барои то соли 2030 оид ба баланд бардоштани сифати китобҳои дарсӣ, тақвияти арзишҳои ватандӯстӣ ва устувории асосҳои илмию таълимӣ мусоидат менамояд. Экспертизаи академии китобҳои дарсӣ дар Тоҷикистон як раванди муҳим барои таъмини сифати таълим аст, ки бо стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ мувофиқат мекунад. АМИТ метавонад ин равандро бо ташхиси дақиқ ва ҳамоҳангсозӣ такмил диҳад, то китобҳои дарсӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ бошанд. Тағйироти таълимӣ (STEM, англисӣ, рақамӣ) сифати китобҳоро талаб мекунад ва АМИТ метавонад ҳамоҳангиро бо илми муосир, арзишҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ (Болония, ЮНЕСКО) таъмин намояд.

**АВҶИ ШАҲОМАТ**

***(Дар пойи қуллаи Исмоили Сомонӣ)***

Қуллаи авҷи шаҳомат – тоҷи Истиқлоли тоҷик,
Мезанад паҳлу ба гардун қомати иқболи тоҷик.

Шод ҳар рӯзаш бувад бо зодрӯзи родмарде,
Муҳри ҷовидона дорад рӯзу моҳу соли тоҷик.

Мезанад пар аз фазои бостон симурғи руҳаш,
Муттаҳид аст ин ҷаҳон гӯё ба зери боли тоҷик.

Эй муборак соате, худ аз парешонӣ барояд,
Нест волотар дигар з-ин ормон омоли тоҷик.

Фақри Дастон поси ойини ниёкон аст, варна
Дар дили ҳар кӯҳ ганҷи зар ниҳода Золи тоҷик.

Риштаҳои рӯдбораш қитъаҳоро васл созад,
Мекунад таъмири ваҳдат панҷаи сад соли тоҷик.

«Субҳи давлат медамад...» чун офтобе рух намояд,
Ҳар гаҳ аз девони Ҳофиз мекушоям фоли тоҷик.

***Рустам ВАҲҲОБЗОДА***

ЭССЕ

# ҶОМЕАЕ, КИ ҲАМА ОРЗУЯШ МЕКАРДАНД



**Шодӣ РАҶАБЗОД – нависанда**

**Дар ҷамъомаду ҳамоиш, вохӯрӣ ва маҳфилҳои адабию фарҳангӣ ҷавонон аз ман пурсон мешаванд, ки чаро дар аксар навиштаҳои шумо, манзур ҳикояҳо, мавзуи ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ, азоби гуруснагию оворагию мардум ва маҳрум гардидани иддаи дигар аз ҷигарбандону пайвандон ва наздикону хешон дар меҳвар қарор гирифта, сарнавишти қаҳрамонон бо ҷамеи талхию мушкилиҳои зиндагӣ чунон ба риштаи тасвир кашида шудааст, ки касро нохудогоҳ ба андешаи имрӯзу фардо мувоҷеҳ намуда, мегирёнад.**

Оре, об дар чашмони хонанда чарх мезанад ва ӯро мутмаин месозад, ки неруи харобиовару даҳшатноки ҷанг тасаввурнопазир асту пайомади он ҳастратзову дардолуд. Чаро? Ман дар посух ин ҳақиқати муқаррарӣ, вале дар айни ҳол талху сӯзонро, ки дилҳоро хонаи ғам ва ҷигарҳоро ғарқоби хун месозад, пас аз андешаи тӯлонӣ, як-як баён мекунам ва бори дигар аз қувваи муассиру созанда ва ободкори сулҳ дар баробари ҷанг ёдовар мешавам. Охир, бани башар дар дарозои таърихи миллиарду андсола, ки олимон онро бар асоси тахмину фарзия муайян кардаанд, пас аз низову кашмакаш, талафоту қурбониҳо маҳв сохтани мавҷудоти рӯйи олам, аз ҷумла, бошуууртарину шарифтарини он – ҳазрати Одам ба тадриҷ ангушти пушаймонию надомат газида, аз амалҳои бадгавҳаронаи хеш шармсору сарафканда рӯйи ниёз ба созишу муросо ва тинҷию осудагӣ овардаанд. Бо фароҳам гардидани сулҳу ворастагӣ эшон худхӯриҳои ботиниро шабону рӯзон аз сар гузаронда, ба худ суол медоданд: чаро даст ба қатлу куштор, ҷангу хунрезӣ ва вайронию хонабарандозии ҳамҷинси хеш задаанд? Чаро? Талаби манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ, бештару зиёдтар соҳиб гардидан ба заминҳои ҳамдигарӣ, вазифаю мансабталошӣ, ҳукмронии мутлақ, аз қавле «санги худро даҳ ман тарошиданҳо» ва саранҷом, қавму қабоили дигареро бо зӯрдастӣ зери тобеияти худ даровардан. Магар кулли ҳамин омилҳо муҷиби сар задани ҷангу бо ҳам даргир шудан набуду нест? Пас, нолаю навҳа ва фиғони тифлону модарон, оворагию сарсонии занону мардон ва солхӯрдагону мӯйсафедон, дар ҷустуҷӯи пораноне сар ба ҳар кӯй задан, фирор аз зодбуми аҷдодӣ… ин ҳама бо ҷурму гуноҳ, ба айби кӣ? Барои чӣ? Он, ки имрӯз дар кадом гӯшаю канори сайёраи замин оҳу афғони тифле иртифоъ мегираду синаи осмонро



мехарошад, киро ба андешаву муроқибат мебарад? Ман ин гуна гиряву мӯяи тифлонро дидаам, аз наздик, ҳангоми ҷанги таҳмилӣ ва бемаънии дохилӣ, ки тифл падару модар меҷусту ашки бари рухсораҳояш хушк нагардида, аз дарди тавонкоҳи гуруснагӣ нотавону оҷизу забун каноре, рӯйи замини пурхок афтида, хобаш мебурд. Модар аз пайи ҷустуҷӯи фарзандони бузургаш дар гӯшаи дигар овораю сарсон рӯзро ба шаб мерасонд. Осмону замин лолу хомӯш, бодҳо хомӯш, рӯду дарёву баҳрҳо аз хурӯш мондаву хомӯш. Мардуми ҳастратнасиб афсурдаву ошуфтаю дар илоҷи хомӯш кардани оташи ин ҷангу бедод бечора! Ман вопас садои дилрешкунандаи нолаи тифлеву модари зорро шунидан намехоҳам! Бонгу ҳоюҳӯй, садои ваҳмангези таркиши гулӯлаҳо, ғурроси техникаи вазнину парвози бетанаффуси чархболу

тайёраҳои ҷангӣ ва тарсу ҳаросу изтироб. Тарсу ҳаросу изтироби тифлеву модаре, даҳшати дар ин муқовиматҳои рӯёрӯӣ ва оташкушоиҳо маҳв гардидан. Пурсида мешавад: барои чӣ ва кадом мақсад? Ман дар ин суҳбатҳо атрофи навиштаҳоям ҳарф мезанам ва ба воқеаҳои фоҷиабори маълуми кишвар мурур мекунам. Гуруснагӣ, бемориҳои сироятии гӯшношунид, ифлосию касифӣ, бӯйи тааффун, дуди оташу қурбониҳои навбатӣ. Чаро?! Ба хотири чӣ? Ман дигар нони сабӯсию ҷавин, зағораи ҷуворимаккагиро истеъмол кардани мардумро дидан намехоҳам. Ва мисли ман ҳама одамони дилогоҳу бедор, ки меҳру самимият дар маъмани қалбашон амиқан реша давондааст, он тираайёми наҳсу касифро дидан намехоҳанд.

Озодӣ, ворастагӣ, тулуи хуршеду пайки рӯзи нав, ки одамонро бо хотири ҷамъу дили беғам ва руҳи барозанда истиқбол мегирад. Аммо…Чаро дубора бо бераҳмии тамом дар кадом гӯшаи олам ҷанг идома меёбад? Чаро ба бахти бади мардуми ун кишвар дар навор, дар моварои вайронаҳои иморату биноҳои валу валангор тифли танҳои бекасу кӯйро, ки лабҳояш парсинг бастаанд ва сиришки талх аз дида меборад, мебинам?

Оваҳ, оваҳ аз душманони рӯзҳои неку саодатбор, адувони сулҳу озодӣ, ки бо сарнавишти бани одам бозиҳо анҷом медиҳанд, ҳатто аз барҳадар рехтани хуни инсон ба қадри донаи ҷав парвое надоранд. Башардӯстиву ормонҳои олии инсонӣ куҷо шуданд?

Ба ман бигӯед, дар пасманзари ин ҳама доду бедод, харобию ваҳшат, тифлони сарафкандаю модарони бадбахт киву чӣ меистад? Ростӣ, аз дидани ин манзараҳои тираю тараҳҳумовар, доғу дарди ҷудоии тифлону модарон ба сутӯҳ омадаам. Аз ман мепурсанд: шумо ҷое нигоштаед, ки тамъи нони сабӯсӣ турш буду ба кому вораҳои дандон мехалид, бӯйи ногуворе дошт. Ҷойи дигар аз нони ҷавин ҳикоят кардаед, ки сахту сангин буд ин навъи нон ва хӯрданаш ба душвор даст медод. Нони ҷуворӣ (зағора) дилро тагу рӯ мекард, истеъмоли он ба ҷон кандан баробар буд. Ва аз ин гуна нақлҳо, ки сояи вазнине рӯйи қалб мегузоштанд, бешумору беохир овардаед дар китобатон. Ин ҳамаро чӣ тавр эҳсосу дарк ва таҷриба кардаед? Ман ин ҳамаро дар ҷисму ҷонам таҷриба кардаам, ба як сухан аз сар гузаронидаам. Азобҳои муҳлики ҷангро дида, садҳо бор мурдаму зинда шудам. Аммо … Ҳароина, заифнолию шикваситезӣ дар сириштам вуҷуд надошту ин «дард» бароям бегона буду ҳаст. Боре як ҳаводори адабиёт ба як лаҳза дар ҳикояти ман эрод (ё нукта) гирифт. Мазмун, шумо чунон тасвир кардаед, ки қаҳрамони ҳикоя халтаи сабӯсро ба осиёби деҳа барои орд кардан мебараду осиёббон ибтидо сабӯсро қабул намекунад, вале чун пофишории омӯзгор бар мабнои зиндагии вазнину ноҳамворагиро ба мушоҳида мегирад, ба ночор розӣ мешавад. Фардо ним халта орди сабӯсиро омӯзгор аз осиёб барои пухтани нон ба хонааш мебарад.

– Дар ин тасвир чӣ ҷойи нофаҳмост? – пурсидам шигифтзада.

– Гандумро, ки орд кардaнд, пӯчоқи холияш мемонад ва онро сабӯс гӯянд, – тавзеҳ дод он ҳаводори адабиёт. – Пас, сабӯс, ки пӯчоқи холӣ беш нест, чӣ тавр орд мешудааст?

Ман он рӯзҳоро пеши назар оварда, дар посух ба мӯҷиби гулуямро фишурдани ҳасрату дард, ашк дар дидагонам ба пайдо омада, аслан забонам кунду карахт, ҳарфе ба забон оварда натавонистам. Дарунакӣ гиристам. Дигар роҳеву илоҷе надоштам. Ба хубӣ дарк бояд кард, ки гоҳо ҳақиқати талхи зиндагӣ аз ҳама мантиқшиносию булфузулии мо болотар мебарояд. Нон! Неъмати волотарине, ки одамон ҳамеша ниёз бар он доранд. Аммо ҳине, ки оташи ҷанг аланга мезанад, магар барзгарро ёд аз киштааш меояд? Магар вай осудадилу ба майлу хоҳиши бепоён аз пайи парваридани ниҳоли гандум мешавад? Дареғо, ки бо шуруи ҷанги дохилӣ кишту зироат поймоли ҳайвоноту чорпоён гардид. Таъбирест хеле маъмул – «гурусна ба шер задааст». Ман он лаҳзаҳои сангинро, ки шоҳиди ҳол будам, дар навиштаҳои дигарам инъикос кардаам.

Сухан сари хӯшачинии бачагону духтарон ва занону модарон меравад. Ҳангоме ки гандум пухта мерасид, аз бенигоҳубинӣ хӯшаҳои пурбор хушк шуда, ба замин мерехтанд. Ва занону бачагон ва духтарон халтаҳо дар даст сӯйи заминҳо мешитобиданд ва хӯшаҳоро чида, ба халтаҳо ҷо карда, ба хонаҳояшон меоварданд. Ва ин хӯшаҳоро дар офтобрӯя бо аҳли хонадон бо кӯбаи чӯбин мекуфтанду донро ҷудо мекарданд. Баъди чанд рӯз гандумро ба осиёб мебурданд. Ва орди андаки аз дони гандуми тозакардашудаи тайёрро оварда хамир мекарданду нон мепухтанд. Нони суп-сурхи навакак аз танӯр кандашуда чӣ тамъи болаззату ширин ва гуворое дорад! Аммо ин ҳаловату роҳат як ё ду рӯз идома меёфту халос. Чанд мушт орде, ки аз хӯшаҳои ҷамъоварда орд шуда, баҳри пухтани нон сарф мегардид, тамом мешуд. Дафъатан ғаму ташвиши ҷустани

гандуму ҷав ва орду пухтани чанд дона нон, ки аз қавли кампири Оламбибӣ, ба даҳони касе намерасид, фаро мегирифт одамонро. Рӯзҳои тиратарину маъшумтарин! Паси сар шуданд?! Оре, бо чӣ ранҷу азобҳо, ки тафсилоти он ҳама ногуфта беҳ!

Вале магар он айёми сангини мудҳишро метавон зуд фаромӯш кард? На, на! Ана барои чӣ ба инсон хотира лозим аст. Ба шарофати хотира одам ҳамвора ёди рӯзҳои талху дар вартаи ҳалокат қарор доштанашро пеши назар меорад, он мушкилию дармондагӣ ва рӯ ба раҳми тақдир дар аъроф монданашро таҳлил мекунад, хулоса мебарорад ва бо рӯзҳои неку фирӯзу файзбор муқоиса ва он рӯзгоронро чун хобҳои сиёҳу кобусӣ мепиндораду шукрона аз тақдиру аз тинҷию амониро ба ҷо меорад. Воқеан, аз қадимулайём одамон аз таҷрибаи зиндагӣ, аз ҳикмате ёдовар мешуданд. Ҷанг бадбахтист, дар пайи наҳсию касофатӣ, хел-хел бемориҳои шадиди ҷисмонию гуруснагию бенавоӣ дорад. Ва бемориҳои вараҷа, исҳоли хунин, хоришак, варами меъдаву ҷигар, зарпарвину аз ин табор сирояткунандаро ба бор меорад ин ҷанг. Дар ҳар деҳу музофот, аз ҷумла, рустои мо низ дар роҳу дар хонадони мардум овозаҳоро мешунидем:

– Ин бемориҳои гӯшношунид аз наҳсии ҷанг аст. Кӣ 20-30 соли охир ёд дошт чунин бемориҳоро?

– Эҳа, аллакай нисфи деҳа мубталои вараҷа, хоришак, варами ишкам, домана шудааст. Тавба, ғазаби Худоро бинен, аз дасти бандаҳои ношукр ба ҳамин рӯзҳо расидем.

– Худо кунад, ки ҷанг зудтар анҷом ёбаду аз ин офату балоҳо халос шавем, вагарна ҳоламон забуну хӯрдагиямон захр мешавад дар баданамон.

– Ба болои сӯхта намакоб, азоби нонковию гуруснагӣ як тараф, боз ин бемориҳо рӯ заданд. Бечора мардум дар байни обу оташ монда, сарҳисоби зиндагияшро гум кардааст.

– Худованд раҳиму ғафур аст, ин хел идома ёфтани ҷанг одамонро хонасалоту кафангадо мекунад.

– Аз дасти бечора мардум чӣ меояд? Замин сахту осмон баланд.

Шоҳиди ҳол будам. Қаҳтӣ низ чун балои осмонӣ зуҳур карда, одамон дар орзуи баҳори нозанин, ки алафу гиёҳҳои кӯҳӣ сар аз хок мекашанду аз ин неъмати беминнат ҳар гуна ғизову хӯрданӣ омода мекунанд, ба умед шомашонро ба субҳ мерасонданд.

Самбӯсаю чалпаки алафӣ (аз пудинаю чағ-чағ, мастова аз сиёҳалафу ров) ва ҳангоми тутпаз рӯ ба тут меоваранд. Худ аз худ равған ноёб гардид. Мардум аз беравғанӣ афшурдаи помидорро бо оби гарм якҷо ба дег андохта, хӯрок мепухтанд. Ба заммаи ин ҳама, собун тухми анқо гардид. Гоҳ - гоҳ дар бозорҳои деҳу ноҳияҳо собунҳои сиёҳ пайдо шуд, ки бо роҳу василае ба ном «савдогарон» тайёр карда, ба фурӯш мебароварданд. Ва бемориҳои сироятии хатарзо аз нопокию ифлосӣ ва паҳн гардидани микробу вирусҳо сар задаанду бар ҷисму ҷону одамон тасаллут пайдо кардаанд. Ва мардум маблағ надошт, ки аз дорухонаҳо дору бихарад, аз ин рӯ, ба табобат бо ақлу фаросати худ машғул гардид.

Ёд дорам: дар деҳаҳои гирду атроф аз дарди ҷонгудози хоришак мардум ба табобат ба василаи олтингӯгирд шуруъ карданд. Табобату муолиҷаи гӯшношуниде! Охир, олтингӯгирдро, ки як навъ хокаи зардранг аст, дар боғзору токзорон барои нест кардани кирму канаю дигар ҳашарот истифода мекарданд. Ва дарди бедаво ончунон сокинони деҳу музофотро беқарору кардаву ҷонашонро ба лаб оварда буд, ки аз олтингӯгирд истифода менамуданд. Хокаи онро бо об омехта, ба бадан мемолиданд. Аммо ин «шева»-и табобат ҳеҷ суде намебахшид. Дардро чанд муддат таскин медод он ва дубора авҷ гирифта, аз худ дарак медод. Азоби тоқатфарсо, тасаввурнопазир! Магар мешавад он тирааййёми наҳсу накбатборро фаромӯш кард? На, на, он кас он азобҳову талхрӯзиҳоро фаромӯш мекунад, ки дар қафаси сина дил надорад! Имрӯз, мутаассифона, иддае аз кӯтаҳбинони хомандеш он рӯзҳоро ба боди фаромӯшӣ супурда, ҳар гоҳ ки дар хусуси ҷангу пайомадҳои барои мардум гарони он сухан равад, даст афшонда, хафаманду бедимоғ, ранҷишомез изҳор медоранд, ки чӣ лозим коҳи кӯҳнаро бод додан? Буд – набуд, гузашту рафт. Ин тарафи корро дидан лозим. На, ин андешаву пиндор комилан иштибоҳ аст, иштибоҳи маҳз. Мо бояд он айёми сангин, марҳалаҳои имтиҳони сарнавишт ва барои насли имрӯз омӯзандаву ибратангезро пайваста пеши назар орем. Дар суҳбату вохӯрӣ, ҳамоишу ҷамъомадҳо ба насли наврас ва ҷавонон хотиррасону талқину таъкид кунем, ки ба ғавру арзиш ва моҳияти худододи озодию варастагӣ ва амну амонӣ бирасанд. Бо ақли расо ва зеҳни гиро дарку

фаҳм кунанд, ки ҷанг чӣ ниқоби сиёҳ дораду чун душмани ҷони инсон балову офатҳоеро ба зуҳур меорад.

– Чӣ ҷойи пинҳон кардан! Аксар зиёиён ва ҳатто мардони миёнаумру солмандон дар суҳбату ҳамоишҳо дар хусуси рӯзгорони гузашта ва айёми фархундаи имрӯзин ҳақиқати ҳолро бо суханҳои қолабиву умумӣ хулоса мекунанд. Чанд шеър дар васфу ситоиши сулҳ, ватан ва накукорӣ қироат ва бо ҳамин рисолату қарзи виҷдонии худро тамомшуда меҳисобанд. На, ин шеваи тарбияи меҳандӯстӣ ба суди кор ва фардои ватани ободу шукуфон нест. Дар як ҳамоиш маҳз ба ҳамин тарафи масъала ишора карда, нафаре суол кард, ки дар як навиштаатон дар бораи азобҳои руҳию равонӣ ва ҷисмонии омӯзгоре навиштаед, ки моҳу соле дар корхонаи хусусии хиштбарорӣ, дур аз хонаву дар заҳмат кашидаву ҷон коҳонда, зиндагии хонаводаашро пеш мебарад. Наход вазъ то ба ҳамин дараҷа расида буд, ки муаллим мактабро тарк намудаву ба хиштрезӣ машғул шавад?

Ман аз он тоифаи сармасту аз ёд овардани рӯзҳои мозӣ қимоб пурсиданиям:

– Чӣ, ман ба ин одамон, хусусан, ҷавонон бардурӯғ изҳор намоям, ки ин тавр набуд ва ин афсонаи бофта аст?! Не, охир!

Айни воқеият аст он. Бигузор, ҷавонон он мушкилию машаққатро дар тасаввур зинда таҷассум намоянд ва ба афрӯзандагони оташи ҷанги таҳмилӣ, ки ба хотири манфиатҳои шахсӣ, ба даст овардани вазифаю мансаб мардумро ба майдонҳо кашиданду баъд аз густариш ёфтани низою даргириҳо ва харобу вайрон гардидани кишвар аз тарс, ноҷавонмардона ба дигар кишварҳо фирор ва паноҳ бурданд, лаънату нафрин фиристанд.

Бигузор, гуруснагию қаҳтиро аз мадди назар дур насохта, ба қадри нони гарм, ки хушбахтона, имрӯз дар дукону мағозаву бозорҳо фаровонанд, бирасанд.

Ношукриву посипосӣ накунанд, ки ба як дам хавфи аз каф берун шудани ин неъмат балои тану ҷон хоҳад буд. Бигузор, насли наврас ва ҷавонон бо истимоъ кардани саргузаштҳои дардолуду аламнок ба қадри тандурустиву саломатӣ бирасанд, ки ин неъматест аз неъматҳои олию муъҷизаосои Офаридгор!

Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳояшон ба гунаи муқаррар таъкид менамоянд, ки бояд ба қадри сулҳу амонӣ расид. Шукронаи ватани ободу зиндагии осуда кард.

Дар воқеъ, пешрафту комёбиҳо ва дастовардҳое, ки тӯли 34 сол таҳти сарварии Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама соҳаҳо ба мардуми Тоҷикистон насиб шудаанд ва дар хусуси ин музаффарияту муваффақиятҳо ҷилд-ҷилд китоб рӯйи ҷой омадааст, ҳосили заҳмату талош ва ҷонбозиҳои фарзандони барӯманди миллат мебошад.

**ЧИСТ РОҒУН?**

Чист Роғун? Иқтидори давлат аст,
Кони ганҷу махзани пурсарват аст.
Боварат гар нест, шарҳаш медиҳем,
Ҳарфҳояш хоси роҳи миллат аст.
Ҳарфи Р(-аш) рӯшанӣ бошад фақат,
Душмани ҳар рӯшаниҷӯ зулмат аст.
Ҳарфи О бошад зи ободӣ нишон,
Балки О об аст, рӯди исмат аст.
Ғайрату ҳиммат ҳама дар халқи мост,
Ҳарф Ғ-аш бозгӯи ғайрат аст.
Устувориву умед У-яш агар,
Ҳарфи Н номусу нангу нусрат аст.

***Муҳаммад ҒОИБ***

# ВОЖАИ АЗ ЗИНДАГӢ САРШОР, ИСТИҚЛОЛ!



**Моҳира БОЙНАЗАРОВА – мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Унвони ин матлабро бесабаб бо истифода аз мисраи як ғазали Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло «Вожаи аз зиндагӣ саршор, Истиқлол!» нагузоштем, балки воқеан ҳам, бидуни дарки мафҳуми «истиқлол» кас дар зиндагӣ ба камол намерасад ва зиндагии шоистаро таҷриба карда наметавонад, зеро қадами нахустини расидан ба худшиносӣ, бешак, он аст, ки инсон озодагиву озодиро дар зиндагӣ пеша намояд.**

«Озодӣ» гунаи тоҷикии вожаи «истиқлол» аст, ки агар инсон онро бо эҳсоси баланд дар зиндагӣ дарк намояд, албатта, ба камоли мақсуд мерасад. Яъне, худшиносии як фард дар сурате комил мешавад, ки дар руҳияи озодиву озодагӣ зистанро таҷриба кунад. Ин чанд сатр дар мисоли як инсон гуфта шуд, аммо як миллат низ дар сурате ба камоли муваффақият ва шоистагӣ мерасад, ки аз қайду банди бегонагон озод бошад, озодона тасмим бигирад ва хулоса, соҳибистиқлол шавад. Барои мисол метавонем бигӯем, ки дар олам қавму миллатҳои бузурге вуҷуд доранд, ки бо вуҷуди доштани нуфузи зиёд, забону расму оини мутааллиқ ба хеш соҳибистиқлол нестанд. Яъне, соҳибистиқлол набудан ба маънои давлат надоштан аст. Аз ин бармеояд, ки қабл аз соҳибдавлатӣ бояд он қавму миллатҳо ба Истиқлол бирасанд, онро ҳифз кунанд ва ба ин васила соҳибдавлат шаванд.

Хушбахтона, 34 сол пеш мо, мардуми Тоҷикистон, ба дарки ин маънӣ расидем, хатари аз байн рафтани тоҷику Тоҷикистонро эҳсос карда, таҳти роҳнамоиҳои оқилонаву дурбинонаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳиби Истиқлоли давлатӣ гаштем. Албатта, ба рақами 34 назар карда, дармеёбем, ки ҳоло Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле ҷавон аст. Вале ба ин ҷавонӣ нигоҳ накарда, давоми 34 соли соҳибистиқлолӣ бо талошу ҷоннисориҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва азми боназми мардуми шарифи Тоҷикистон кишвари азизи мо ба дастовардҳои зиёде ноил гардидааст, ки ба ин муносибат имрӯзҳо ҳар тоҷику тоҷикистонӣ ҳарфи шукрона ба лаб доранд.

Мо дар солҳои озодагии Тоҷикистон, ки аз меваҳои ширину шаҳдбори боғи Истиқлоли давлатӣ ком ширин кардем, бояд дар ҳифзи он ҷонфидоёна талош намоем. Ин боғи бузургу серҳосил ба боғбони соҳибтаҷриба ниёз дорад, то аз ин боғ дуруст муроқибат кунад, шеваҳои муосири парвариши ниҳолони ин боғро балад бошад ва нагузорад, ки ҳосили ин боғ насиби бегонагон шавад. Барои тақвияти ин гуфтаҳо зарур медонем,



ғазали шоири тавонои тоҷик Камол Насруллоро, ки унвони матлаби мо аз он сарчашма мегирад, аз диди хеш каме тафсир намоем. Шоир Истиқлолро вожае ба қалам медиҳад, ки вақти бо ба забон гирифтани он зиндагии саршор аз озодиву озодагӣ пеши назар меояд. Сипас муаллиф дар тақвияти мисраи аввал Истиқлолро «...Қалъаи шаъну вафову ор хонда, иброз медорад, ки он

«ҳуҷҷати бахту муроди халқи хушзот..» буда, меҳану соҳибмеҳанро фархундаву пойдор нигоҳ медорад:

***Вожаи аз зиндагӣ саршор, истиқлол!***
***Қалъаи шаъну вафову ор, истиқлол!***
***Ҳуҷҷати бахту муроди халқи хушзотам,***
***Бо туям фархундаву подор, истиқлол!***

Истиқлол дар мисраъҳои дигари ин ғазал пур аз маънӣ тафсир мешавад. Дар мақтаи ғазал бошад, шоир бо эътимоди комил иброз медорад, ки охирин армону умеди ҳар як миллат дар роҳи расидан ба шоистагӣ Истиқлол аст:

***Охирин армони миллат дар раҳи будан,***
***Охирин уммеди зери дор, истиқлол!***

Албатта, мо, мардуми Тоҷикистон, баъди аз сар гузарондани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аҳаммияти соҳибистиқлолиро беш аз пеш дарк кардем. Ба қалъаи озодагӣ ва кохи ҳамдигарфаҳмию якдилӣ панаҳ бурдему аз чанги ҷаҳолат раҳидем, дар роҳи ватансозӣ ва ҳифзи Истиқлоли давлатӣ пайрави марди сулҳофар – Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гаштем ва даст ба дасти ҳам дода, Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз нестию аз нобудӣ дар амон нигоҳ доштем. Инак, натиҷаи талошу иродаи қавии Пешвои миллат ва мардуми Тоҷикистон аст, ки имрӯз ба истиқболи 34-сола шудани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвари мо ҷашни ҳамдилӣ тантана дорад. Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, ки: ***«Аз ҷониби хурду бузурги мамлакат бо шукӯҳу шаҳомат ва бо хушҳоливу хурсандӣ таҷлил гардидани ҷашни истиқлол нишонаи возеҳу равшани он аст, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба қадри озодиву соҳибихтиёрӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва ба таърихи пурифтихор, тамаддуни бостонӣ, забон, фарҳанг, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои миллии худ ҳамчун арзишҳои бебаҳову ҷовидонӣ эҳтирому арҷ мегузоранд».***

Натиҷаи алоқаву муҳаббати мардум ба Истиқлоли давлатӣ аст, ки мо имрӯз дар ватани худ шарофатмандона зиндагӣ дорем. Дарвоқеъ, Истиқлол қудрату тавони ба Ватану ҳамватан шарафи бузурги ҳадя карданро дорад. Ин аст, ки имрӯзҳо ҳар сокини ин кишвари соҳибистиқлол номаи иқбол ба каф доранд ва аз қироати ҳар сатри он ҳаловати руҳу ҷонро таҷриба мекунанд. Номаи иқболе, ки аз шоҳи қисмат ба дасти мо расидааст ва соҳиби ин нома шудан ба Тоҷикистон шоистагӣ овардааст. Мо миллати хушбахтем, ки имрӯзҳо дар ҳар кунҷу канори кишвар имкони нафаси тоза гирифтанро дорем. Аз ин ҳавои зиндагисоз нафаси ҷонбахш гирифтаву бо руҳияи болида ва тани солим ба бунёди меҳан ва кохи армонҳои худ, ки бидуни шак, Истиқлоли давлатист, садоқатмандона машғул ҳастем. Ин ватансозии мо ҳамакнун 34 сол мешавад, ки бомаром идома дорад. Талоши мудовим, садоқати комил дар анҷоми масъулият ва арҷ гузоштани ҳамватанон ба Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки кишвари мо дар ҳама соҳаҳо ба комёбиҳои бузург ноил гардидааст. Дастовардҳои мо дар дохили кишвар поёни кор набуда, моро мебояд, аз комёбиҳое бо ифтихор ҳарф занем, ки сатҳашон байналмилалист. Махсусан, имрӯзҳо ба шарофати Истиқлоли давлатӣ арзишу ойинҳои бузурги таърихӣ, адабӣ ва фарҳангии мо дар мисоли Наврӯзу Сада, чакан, фалак, «Шашмақом» ва ғайра мақоми байналмилалиро касб намудаанд. Дар баробари ин, фаъолияти умумибашарии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз минбарҳои бонуфузи ҷаҳон дар мавриди таъмини сулҳи оламгир, ҳифзи пиряххову муҳити зист ибрози назар менамоянд, шоистаи тазаккур аст. Пас, месазад, ки Истиқлоли давлатии худро муқаддас донему таронаи озодиву шоистагиро бо қалби саршори истиқлолхоҳӣ замзама кунем. Месазад, ки бо Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамнавову ҳамсадо гашта, шиори ангезабахши «Тоҷикистон, ба пеш!»-ро ба забон биёрем. Бояд аз гуфтору аз рафтори мо нидои истиқлолхоҳӣ ба гӯши ҷаҳону ҷаҳониён бирасад. Ин аст рисолати ватандорию ватанбонии мо. Моро лозим меояд, ки ин маъниро ба дурустӣ дарк намоем: танҳо соҳибистиқлолӣ ба рӯйи мо дари бахтро бикшодааст. Бо пешниҳоди порае аз шеъри дигари адиби тоҷик Камол Насрулло матлаби худро поён мебахшем ва ҷашни Истиқлоли давлатиро ба мардуми Тоҷикистон табрик менамоем.

***Чист истиқлол?***
***Наврӯзи диёри мост!***

*Бар ҳама олам паёми навбаҳори мост!*
*Сулҳу некӣ, сулҳу шодӣ, сулҳу бахт,*
*Сархати сарлавҳаҳои рӯзгори мост!*
*Чист истиқлол? Асли Меҳргон аст!*
*Муждаи файзи фаровон аст!*
*Ҳиммату подоши заҳматҳои инсон аст!*
*Чист истиқлол? Монанди Сада*
*Пайки нуру меҳр дар каф*
*Аз сиришти миллати мо рӯ зада!*
*Ҷони моро гарм медорад,*
*Дар вуҷуди мост чун оташкада!*
*Эй хуш, истиқлол, озодӣ!*
*Дар фарози осмони миллати некусиришт,*
*Дар фурӯғи осмони миллати шеъру суруд*
*Муждагонӣ аз амонии ҷаҳон овар!*
*Ишқу меҳру порсоиро*
*Армуғон овар!*
*Боз он Симурғи аз мо рафтаро*
*аз осмон овар!*
*Бар назаргоҳи нахустини Худо,*
*бар лонаи симурғии ӯ,*
*Бар фарози қуллаи Боми Ҷаҳон,*
*бар сарзамини тоҷикон овар!*
*Ин дуруди ман ба озодист!*
*Ин саломи ман ба истиқлол,*
*бар ин меҳвари шодист!*

**ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛ**

Кушода чеҳра субҳи дилкашу испеди Истиқлол,
Расонад муждаи суру сурури Иди Истиқлол.

Ҳазорон орзу гулрез гашта, чун баҳори сабз,
Миёни синаи саршор аз уммеди Истиқлол.

Ба лутфи Эзиду иқболи миллат, ай хушо, имрӯз
Зиёву нур резад бар Ватан Хуршеди истиқлол.

Ба дунёи саодат парфишон хоҳам ба фарқи сар,
Барои миллати худ Парчами ҷовиди Истиқлол.

Ба меҳроби садоқат дар тавофам аз саҳар то шом,
Намоям саҷдаи шукрона бар Хуршеди Истиқлол.

Бақою умри нав бахшид истиқлоли мо моро,
Муборак бод рӯзу соати тавлиди Истиқлол.

***Нуриддини АМРИДДИН***

# АНДЕШАҲО ОИД БА МАФҲУМИ ИСТИҚЛОЛИ ИҚТИСОДӢ



**Шодибег ҚОДИРОВ – ходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Истиқлол доштан муҳимтарин сифати сиёсию ҳуқуқии давлатдорӣ буда, озодона қарор қабул намуданро дар умури сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ифода менамояд. Волоияти истиснои ҳокимияти давлатӣ дар ҳама соҳаҳо, масъулияти олӣ доштан дар қабули қарорҳои сиёсию иқтисодӣ ва эътироф шудан ба сифати субъекти асосии ҳуқуқи байналхалқӣ унсурҳои асосии истиқлоли давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Маҳз мавҷудияти ҳамин унсурҳои истиқлоли давлатӣ имкон медиҳанд, ки давлати мустақил сиёсати иқтисодии худро муайян ва амалӣ намуда, истеҳсолоти миллӣ, қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои иқтисодии берунаро таҳким бахшаду дар бозори ҷаҳонӣ манфиатҳои миллии истеҳсолкунандагони ватаниро ҳимоя намояд.**

Истиқлоли иқтисодӣ ҷузъи ҷудонашавандаи мафҳуми Истиқлоли давлатӣ ба ҳисоб рафта, онро мукаммал менамояд. Истиқлоли иқтисодӣ доштан маънои онро дорад, ки Давлат ва Ҳукумат бидуни фишор ва дахолати беруна қарорҳои иқтисодӣ қабул намуда, идоракунии пурраи захираҳои иқтисодии худро дар ихтиёр дорад. Гузашта аз ин, истиқлоли иқтисодӣ доштан маънои онро дорад, ки давлат ва ҳукумат мустақилона бозорҳои дохилиро танзим намуда, низоми молиявию қарзиро ташаккул медиҳанд ва идоракунии захираҳои табииро самаранок ба роҳ мемонанд. Аз ҳамин ҷиҳат, истиқлоли иқтисодӣ омил ва шарти муҳимми таъмини рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд як нуктаи муҳимро ҳамеша ба назар гирифт, ки дар ҷаҳони муосир истиқлоли комили иқтисодӣ ба даст овардан кори саҳлу осон нест. Дилхоҳ давлат метавонад зери таъсиру фишори манфиатҳои дигар кишварҳо қарор гирад. Ба назар гирифтани манфиатҳои ҳама кишварҳои ҳамсоя ва ташкилоту иттиҳодияҳои байналхалқӣ ғайриимкон аст. Аз ҳамин ҷиҳат, мафҳуми



истиқлоли иқтисодӣ як фаҳмиши нисбӣ ба назар мерасад. Дилхох кишвари аз лиҳози сиёсӣ истиқлолбадастоварда дар зери таъсири қонуни тақсимоти ҷамъиятии меҳнату сармоя ва меъёру уҳдадориҳои байналхалқие, ки дар муносибатҳои байнидавлатӣ истифода мешаванд, қарор дорад ва ин падида мустақилияти қабули қарорҳои иқтисодиро то як андозае маҳдуд ҳам менамояд. Ин як қонуни объективии рушди муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ буда, ҳаргиз маънои онро надорад, ки барои ба даст овардани истиқлоли пурраи иқтисодӣ бояд талош карда нашавад. Аксарияти кишварҳои мустақил ба хотири таъмини амният ва рушди худ кӯшиш менамоянд, ки истиқлоли иқтисодии бештарро барои худ таъмин намоянд ва онро вазифаи асосии давлатдории худ меҳисобанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «истиқлоли ҳақиқии иқтисодӣ» ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи мафҳуми истиқлоли давлатӣ истифода мешавад, ки он масъалаҳоеро дар бар

мегирад, ки аз идоракунии захираҳо ва ташаккули сиёсати мустақили иқтисодӣ фарохтар мебошанд. Собиқ котиби Шурои амниятии Россия, директори Институти масъалаҳои амнияти байналхалқии Академияи илмҳои Россия А. А. Кокошкин дар яке аз тадқиқотҳои худ, ки бо номи «Истиқлоли воқеӣ дар системаи сиёсии ҷаҳонии муосир» ном дорад, қайд менамояд, ки истиқлоли воқеӣ ин тавони дар амал (на балки дар шакли декларативӣ) мустақилона пеш бурдани сиёсати дохилӣ, хориҷӣ ва мудофиавӣ мебошад. Ӯ, ҳамчунин, доштани як низоми назорати миллиро болои инфрасохтори нақлиётӣ (шабакаҳои аэродром, қубурҳои нафту газ, шабакаи роҳи оҳан, шоҳроҳҳо), соҳаҳои гуногуни саноати шаҳрвандию ҳарбӣ ва соҳаҳои алоқа муҳимтарин ҷузъи мафҳуми истиқлоли воқеӣ арзёбӣ намудааст.

Таъсири истиқлоли давлатӣ ба рушди иқтисоди миллӣ аз он вобаста аст, ки ҳар як кишвар унсурҳои асосии онро чӣ гуна истифода мебарад. Аз ҳамин ҷиҳат ин гуна таъсир метавонад ё мусбат бошад ё манфӣ. Ба ҷанбаҳои мусбати таъсири истиқлоли давлатӣ ба рушди иқтисоди миллӣ инҳо дохил мешаванд: мустақилона ташаккул додани сиёсати иқтисодӣ (сиёсати фискалӣ, иҷтимоӣ, монетарӣ ва ғайра); танзими мустақилонаи муносибатҳои берунӣ-иқтисодӣ, хосатан муносибатҳое, ки ба рушди савдои байналхалқӣ, ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ва воридшавии технологияи муосир мусоидат менамояд; ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва истеҳсолкунандагони ватанӣ. Маҳз тавассути ҳамин унсурҳо истиқлоли давлатӣ ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда таъсири мусбат расонида, имкониятҳои рушдро барои ҳар як иштирокчии муносибатҳои иқтисодӣ фароҳам меоварад. Рушди соҳаҳои ҳақиқии иқтисодиёт (саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, алоқа) ва иқтисоди миллӣ дар маҷмуъ аз сиёсати иқтисодӣ, ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори байналхалқӣ ва рушди муносибатҳои берунӣ-иқтисодӣ вобастагии беандоза дорад.

Агар унсурҳои асосии истиқлоли давлатӣ нодуруст истифода шаванд, пас ба рушди иқтисоди миллӣ метавонанд таъсири бевоситаи манфӣ расонанд. Масалан, ҳавасмандии зиёд доштан ба сиёсати ҷудоиандозӣ ва протексионализм (сиёсати зиёд намудани монеаҳо барои воридоту содирот) метавонад рақобатпазириро коҳиш дода, хароҷоти истеҳсолиро зиёд намояд ва истеҳсолкунандагони ватаниро дилсард созаду имкониятҳояшонро маҳдуд намояд. Ин гуна ҳолат фаъолияти иқтисодии субъктҳои иқтисодиро заифу коста мегардонад ва боиси як буҳрони камистеҳсолкунӣ дар дохили кишвар гашта метавонад.

Дигар таъсири манфӣ аз истифодаи нодурусти унсурҳои истиқлоли давлатӣ метавонад истифодаи бесамари захираҳои иқтисодӣ бошад. Хосатан, вақте ки тақсимот ва истифодаи захираҳои иқтисодӣ аз усулҳои ғайрисамаранок ва ғаразнок истифода мешавад, имконият барои рушд кардани иқтисоди миллӣ, хусусан, бахши давлатии иқтисодиёт хело маҳдуд мегардад ва ин ҳолат номувозинатиро дар бозори сармоя ва молу хидматҳо ба вуҷуд меоварад. Натиҷаи чунин равандҳо афзоиши касри буҷа, норасоии захираҳо, афзоиши нархи захираҳои иқтисодӣ ва дигар вазъиятҳои ногувор дар иқтисодиёт буда метавонад.

Истифодаи мафҳуми «истиқлоли иқтисодӣ» дар маънои классикӣ ё анъанавӣ ҳамчун қабули мустақили қарорҳои иқтисодӣ ва идоракунии пурраи захираҳои иқтисодӣ барои замони муосир чандон мувофиқ ва мақбул нест, зеро ки дар муносибатҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ падида ва равияҳое ҷой доранд, ки фарохтар аз унсурҳои дар боло нишондодашуда мебошанд. Масалан, таъмини тамоми талаботи аҳолӣ бо молҳои истеҳсоли ватанӣ. Мусаллам аст, ки талаботи аҳолӣ рӯз ба рӯз ба шаклҳои гуногуни молу хизматҳо ва технологияҳои ҷадид меафзояд ва шояд ягон кишвар натавонад тамоми талаботи аҳолиашро аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ таъмин намояд. Аз ҳамин ҷиҳат, кӯшиши давлатҳо барои тавассути имкониятҳои воридотӣ таъмин намудани талаботи аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ маънои маҳдуд будан ё мавҷуд набудани истиқлоли иқтисодиро надорад. Барои мисол, агар ягон кишвар беш аз 70 фоизи талаботи худро ба автомобилҳо аз ҳисоби воридоти онҳо таъмин намояд, пас ин падида ё раванд ҳаргиз ҷой доштани маҳдудиятро дар истиқлоли иқтисодӣ ифода намекунад, балки нишон медиҳад, ки ин кишвар бинобар доштани истиқлоли иқтисодӣ имкониятҳои фаровони таъмини талаботро аз ҳисоби истеҳсолоти байналхалқӣ дорад. Гузашта аз ин, барои аз ҳисоби воридот таъмин намудани талаботи дохилӣ бо автомобилҳо як қатор сохторҳои маъмурию иқтисодӣ аз қабили бонкҳо, хадамоти гумрук, мақомоти стандартизатсия, хадамоти хидматрасонӣ,

инфраструктураи нақлиётӣ ва ғайра лозим буда, ба ин кор ҷалб мешаванд, ки мавҷудияти онҳо маънои мустақилияти иқтисодӣ доштанро ифода менамояд.

Агар ба раванди ба даст овардан ва такмил додани истиқлоли иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, пас баръало мебинем, ки дар таъмини истиқлол на танҳо қабули мустақилонаи қарорҳои иқтисодӣ, балки дигар равандҳои муҳим нақши бештар доранд. Масалан, дар арсаи байналхалқӣ эътироф шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати кишвари демократӣ, мустақил ва ҳуқуқбунёд роҳи васеъро барои рушди муносибатҳои байналхалқӣ-иқтисодӣ кушод ва пайвастшавии кишвари моро ба ҷараёнҳои муҳимми глобалии иқтисодӣ осон намуд. Аъзои як қатор созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва фароминтақавӣ будани кишвари мо аз қабили СММ, САҲА, Созмони конфронси исломӣ, Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва ғайра роҳи фарохро барои рушди содироту воридоти молу хидматҳо ва технологияи муосир кушода, имкониятҳои иқтисодии Тоҷикистонро афзун намуданд. Муҳимтарин дастовардҳои истиқлоли миллии мо, ин ташаккул додани низомҳои муҳимми иқтисодӣ аз қабили низоми андоз, пули миллӣ, низоми бонкӣ, низоми ҳифзи иҷтимоӣ, низоми маорифу тандурустӣ ва баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноату кишоварзӣ, алоқаю нақлиёт ва мошинсозию маъданкоркунӣ мебошад. Рушди минбаъдаи онҳо на танҳо иқтидори иқтисодии кишварро афзун менамояд, балки истиқлоли иқтисодии онро таҳким мебахшад.

Бо дарназардошти таҳлилҳои дар боло овардашуда метавон гуфт, ки мавҷуд будани маҷмуи шарту имкониятҳои зерин ифодагари асосии ҷой доштани истиқлоли воқеии иқтисодӣ барои ҳар гуна кишвар буда метавонанд;

- мавҷуд будани соҳаҳои муҳимми истеҳсолоти дохилӣ аз қабили саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, алоқа, маорифи миллӣ, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра, ки то андозае талаботи дохилиро бо молу хизматҳо таъмин намоянд;
- ҳуқуқ доштани давлат ва ҳукумат барои танзиму назорати муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, аз ҷумла, танзими содироту воридот, ҷалби сармояи хориҷӣ, танзими фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ;
- иштирок дар савдои берунии хориҷӣ ва дигар шаклҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ, новобаста аз мавҷудияти низоми сиёсӣ;
- иштирок дар ҳама гуна иттиҳодияҳои иқтисодии байналхалқӣ ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ;
- мустақилона муайян намудани ҳадафҳои старатегии рушди иқтисоди миллӣ.

Хулоса, мафҳуми «истиқлоли иқтисодӣ» як ифодаи одӣ ва шахшуда нест, ки аз нуқтаи назари таҳлилгарӣ дуртар партофта шавад, балки як мафҳуми мураккаб, баҳснок ва диалектикие мебошад, ки омӯзиши он ба як дарки воқеии як қатор қонунҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд. Аз ҳамин ҷиҳат, дар назарияи иқтисодӣ омӯзиши мафҳуми «истиқлоли иқтисодӣ» ҳамчун падидаи институтсионалӣ, омили рушди иқтисоди миллӣ ва пояи таҳкими давлатдории миллӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Мо лолаи боми Ватан астем, ҳамин бас,
Мо ахтари шоми Ватан астем, ҳамин бас.

Ҷуз номи Ватан дар дили мо ишқи дигар нест,
Мо ошиқи номи Ватан астем, ҳамин бас.

***Нусратулло БОБОЕВ***

# ҲАМГИРОИИ ШАҲРҲО – САМТИ НАВИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН



**Илҳомуддин ИБРОҲИМЗОДА – директори Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории ДБССТ, доктори илмҳои иқтисод, профессор**

**Сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои ояндадори рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат буда, солҳои охир муносибат ба он ба куллӣ тағйир ёфта истодааст.**

Дар ҳақиқат, Тоҷикистон дорои мероси ғании таърихиву фарҳангӣ ва захираҳои нотакрори табиӣ буда, барои ҷалби теъдоди зиёди сайёҳони хориҷӣ ба кишвар иқтидори воқеӣ дорад. Аз ин лиҳоз, соҳаи мазкур ҳамчун воситаи собитшудаи пешбурди иқтисодиёти миллӣ, ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, яке аз омилҳои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, сарчашмаҳои даромади аҳолӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ дар рушди кишвар мақоми баланд дорад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ таъкид гардидааст, ки мероси ғании таърихию фарҳангии кишвар ва табиати нотакрори он шарти муҳимми рушди сайёҳӣ ва афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар кишвар мебошад.

Бо дарназардошти имконот, иқтидор ва афзалиятҳои зикргардида Ҳукумати мамлакат соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки пешбурди иқтисодиёти кишвар эълон намудааст.

Татбиқи сиёсати мазкур дар мавриди ҳамаҷониба ба эътибор гирифтани имконоти ҳамгироии соҳавӣ, аз ҷумла, хидматрасонии сайёҳӣ вобастагии зич дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як қатор кишварҳои дунё аз ҳисоби сайёҳӣ ҳиссаи ММД-и худро зиёда аз 50% инкишоф дода истодаанд.

**Ҷадвали 1. Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД-и пешқадамтарин давлатҳои ҷаҳон**

| Р/т | Номи давлат | Ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД (бо %) |
|---|---|---|
| 1. | Вирҷинияи Исландия | 90 |
| 2. | Аруба | 87 |
| 3. | Малдива | 75 |
| 4. | Макао | 60 |
| 5. | Антигуа ва Барбуда | 50 |

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки рушд бахшидани соҳаи сайёҳӣ боиси пешрафти иқтисоди давлатҳо шуда метавонад. Бо дарки ин, бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ворид шудани соҳаи сайёҳии кишвар ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 ноябри соли 2007 ба узвияти комилҳуқуқи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд.

Узвияти Тоҷикистон дар Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, самти стратегии ворид шудани пойтахти кишварамон – Душанбе ба Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ, эълон гардидани шаҳри Душанбе ба ҳайси пойтахти сайёҳии Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар солҳои 2020-2021, ба ЮНЕСКО шомил шудани мероси моддии фарҳангӣ: макони таърихии «Саразм», «Боғи миллӣ» ва мероси ғайримоддии фарҳангӣ: «Чакан – санъати гулдӯзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Иди Наврӯз», «Оши палав» ва «Мусиқии Шашмақом» аз он шаҳодат медиҳанд, ки Тоҷикистон чун кишвари сайёҳӣ дар тамоми ҷаҳон эътироф гардидааст.

Таҳлилҳо баёнгари онанд, ки сайёҳӣ аз соҳаҳои сердаромадтарини кишварҳои ҷаҳон дар баробари саноати нафту газ, дорусозӣ, автомобилбарорӣ ва ғайраҳо дорои захираҳои тамомнашавандаи судманд арзёбӣ мегардад.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои умумии сайёҳӣ дар ҷаҳон**

| р/т | Нишондиҳандаҳо | Шумора ва ҳаҷм |
|---|---|---|
| 1. | Шумораи сайёҳони байналмилалӣ дар соли 2023 | 1,3 млрд. нафар |
| 2. | Даромад аз сайёҳии байналмилалӣ дар соли 2023 | 1,4 трлн. доллари ИМА |
| 3. | Ҷойҳои корӣ аз ҳисоби сайёҳӣ дар соли 2018 | 319 миллион нафар |
| 4. | Маблағгузории инфрасохтори сайёҳӣ дар соли 2018 | 8,8 триллион доллари ИМА |

Мувофиқи маълумоти СММ, дар соли 2023 ба сайёҳии байналмилалӣ 1,3 млрд. нафар сафарбар гардида, даромад аз он дар ҷаҳон ба 1,4 трлн. доллари ИМА баробар гардид, ки 95%-и соли 2019-ро ташкил медиҳад, яъне, ба давраи пешазбуҳронии Ковид-2019 қариб баробар гардид. Мутобиқи баҳодиҳии Шурои умумиҷаҳонии сайёҳӣ, аз ҳисоби соҳаи сайёҳӣ дар соли 2018 дар ҷаҳон 319 миллион ҷойҳои корӣ ташкил гардида, 8,8 триллион доллари ИМА ба маблағгузории инфрасохторӣ ихтисос ёфтааст.

Ҳоло бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар минтақаҳо инфрасохтори зарурии сайёҳӣ бунёд шуда истодааст, ки барои ҷалби шумораи зиёди сайёҳон, беҳбуди некуаҳволии деҳот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Қобили қайд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо шудааст.

Ин иқдомҳои Ҳукумати кишвар таҳти раҳнамоии Пешвои миллат барои рушди сайёҳии кишвар мусоидат намуда, дар солҳои охир шумораи сайёҳон ба кишвар ва бахусус, пойтахти он меафзояд.

**Ҷадвали 3. Динамикаи воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2023**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | | | | | | | | 2023/2010 (+/- хаз. н., бо%) | 2023/2019(+/- хаз. н., бо%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | **2019** | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | | |
| Шумораи сайёҳони хориҷӣ тибқи муқаррар-роти СУС | 160 | 183 | 245 | 207,9 | 213 ,3 | 413,8 | 344,9 | 430,9 | 1038 | **1253** | 431 | 372 | 1000 | 1200 | 1040 (750%) | -53 (95,8%) |

Таҳлили ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки воридоти сайёҳони байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то пандемия дар соли 2019 тамоюли зиёдшавӣ дошта, нисбат ба соли 2010 ба 1093 ҳазор нафар афзудааст. Дар соли 2023 бошад, нисбат ба соли 2010 1040 ҳазор нафар ва ё 7,5 маротиба зиёдшавиро ташкил медиҳад. Вобаста ба буҳрони пандемия, дар солҳои 2020 ва 2021 воридоти сайёҳони байналмилалӣ нисбат ба соли 2019 тақрибан 3 маротиба кам гардида бошад ҳам, соли 2023 95%-и соли 2019-ро ташкил намуд. Боварӣ дорем, ки дар солҳои минбаъда дар асоси вазифагузориҳое, ки аз ҷониби Пешвои муаззами миллат дар самти то 2,5 млн. нафар ва аз он ҳам зиёд намудани шумораи сайёҳон ба кишвар дастур дода шуда буд, муваффақ мешавем. Тибқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳашт моҳи аввали соли 2024 аллакай 774 ҳаз. нафар сайёҳи хориҷӣ ба кишвар ворид гардидаанд, ки рушди сайёҳӣ дар ҳамин давраи соли 2023 17,2%-ро ташкил медиҳад.

Дар солҳои 2018-2023 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон як миллиону дусад ҳазор нафарро ташкил додааст, ҳол он ки дар соли 2010 ин шумора танҳо ба 160 ҳазор нафар баробар буд. Аз руйи динамикаи тағйирёбии он, мушоҳидаҳо нишон доданд, ки теъдод ва таркиби иншооти сайёҳӣ дар шаҳри Душанбе майли зиёдшавӣ доранд. Мақоми махсусро дар ин масъала шаҳри Душанбе ишғол мекунад.

**Ҷадвали 4. Шумораи умумии сайёҳони хориҷӣ, ки ба шаҳри Душанбе дар нимсолаи аввали соли 2024 (дар муқоиса ба солҳои гузашта) ворид гардидаанд.**

| р/т | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | 2023 | 6-моҳаи аввали соли 2024 |
| Теъдоди сайёҳон | 42069 | 79048 | 229100 | 114322 |
| Тағйирёбӣ(%) | 100 | 188 | 220 | 272 |

Тавре аз ҷадвали 4 бармеояд, теъдоди умумии сайёҳони хориҷӣ, ки ба шаҳри Душанбе ташриф овардаанд, дар муддати 4 соли охир зиёда аз 2,7 маротиба афзудааст. Аз мавкеи ҳамгироии шаҳрҳо чунин тамоил намунаи самти нави рушд барои дигар шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамзамон, ҳамгироӣ дар мавриди рақамигардонии муносибатҳои хидматрасонии сайёҳӣ барои рушди минбаъдаи самти мазкур дар самти ҳамгироии шаҳрҳо муайянкунанда мебошад. Танҳо дар нимсоли аввали соли 2024 воситаҳои ҳаракатдиҳандаи сайёҳӣ аз рӯйи таркиб беҳтар гардид.

**Ҷадвали 5. Тақсимоти маводи иттилоотии сайёҳӣ дар нимсолаи аввали соли 2024**

| р/т | Таркиби мавод | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Харитаи сайёҳии шаҳри Душанбе | Варақа (буклет)-и маконҳои сайёҳии шаҳри Душанбе | Флешкорт бо видеороликҳои тарғиботию ташвиқотӣ | Фиттаҳо (дискҳо)-и Тарғиботию ташвиқотӣ | Ҳамагӣ |
| 1 | 2000 | 410000 | 171 | 24 | 412195 |

Аз ҷадвали 5 бармеояд, ки вазъи хидматрасонии сайёҳон ба таври замонавӣ ба роҳ монда шуда, дар маҷмуи хидматрасониҳо барои сафарбар намудани онҳо харита ва варақаҳои сайёҳӣ равона гардидааст, ки ҳиссаи бештарро ташкил медиҳад. Пайгирӣ намудан аз ин таҷриба барои рушди сайёҳии дигар шаҳрҳои кишвар зарур мебошад.

Мавриди зикр аст, ки ҳоло дар мамлакат имконоти рушди сайёҳӣ ҳамаҷониба истифода нашудаанд. Фаъол гардонидани фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, баланд бардоштани мавкеи онҳо дар ташкили рушди сайёҳӣ ва хусусан, тавассути гурӯҳи корӣ ба роҳ мондани ҳамкорию ҳамгироии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати ташкили мувофиқашудаи рушди сайёҳӣ ба натиҷаҳои баланд мерасонад. Таҳлилҳои омории ҳолати захираҳои сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳии кишвар нишон медиҳанд, ки иқтидорҳои омӯхтанашуда ва коркарднашуда дар кишвар ва хусусан, шаҳри Душанбе хеле зиёд аст.

**Ҷадвали 6. Омори захираҳои сайёҳӣ тибқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Р/т | Минтақа | Табиӣ | Таърихию фарҳангӣ | Табиию таърихӣ | Саноатӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | шаҳри Душанбе | 0 | 13 | 0 | 0 | 13 |
| 2. | ВМКБ | 20 | 22 | 0 | 0 | 42 |
| 3. | Вилояти Суғд | 10 | 73 | 5 | 1 | 89 |
| 4. | Вилояти Хатлон | 13 | 59 | 4 | 1 | 77 |
| 5. | ШНТҶ | 28 | 31 | 3 | 0 | 62 |
| 6. | Ҳамагӣ | 71 | 198 | 12 | 2 | 283 |

Аз таҳлилҳои ҷадвали мазкур бармеояд, ки дар кишвар ва хусусан, дар шаҳри Душанбе захираҳои зиёде ҳастанд, ки метавон онҳоро ба захираҳои сайёҳӣ ворид намуд ва ҳамзамон, бо беҳтар гардидани вазъи инфрасохтори сайёҳӣ захираҳои сайёҳии омӯхтанашуда ва фаъолнагардидаи дигарро низ ба захираҳои сайёҳӣ ворид кард. Иқтидори сайёҳии кишвар ва шаҳри Душанберо ғанитар ва қавӣ гардонида онҳоро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуда, барои ҷалби сайёҳон заминаҳои устувор фароҳам овардан мумкин аст. Вобаста ба ин масъала, тибқи супориши Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон корҳои омӯзиширо дар минтақаҳои кишвар анҷом дода истодааст. Аллакай маълум мегардад, ки захираҳои сайёҳии омӯхтанашуда ва фаъолнагардидаи хеле зиёд аст ва ҳолати инфрасохтори сайёҳӣ низ таҷдид мехоҳад.

Аз натиҷаҳои таҳқиқоти пешакӣ бармеояд, ки чунин муносибат дар ташкили рушди соҳаи сайёҳӣ аз мавкеи ҳамгироии шаҳрҳо самараи хуб хоҳад дод, зеро он такмили сиёсати давлатии сайёҳиро ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ аз тариқи ҳамкории зичи байни

илм ва истеҳсолот, дар сатҳи қонеъкунанда будани сатҳу сифати кордонии мутахассисони соҳа, муносибати чиддиии мақомоти идоракунии маҳаллӣ тақозо мекунад. Маҳз дар ҳамин замина яке аз самтҳои имконпазиру ояндадори рушди сайёҳӣ, ба таври бештар истифода бурдани иқтидорҳои ҳамгироии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Ҳамгироии шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба минтақаҳои сайёҳӣ бо мақсади муттаҳид кардани захираҳо ва имконоти минтақаҳо, инчунин, гуногунпаҳлу гардонидани моҳияти сайёҳӣ барои ташаккули минтақаҳои сайёҳӣ метавонад мусоидат кунад ва натиҷаҳо самаровар бошанд. Бо дарназардошти омӯзиш ва таҳқиқоти муаммоҳои сайёҳӣ, пеш гирифтани алоқамандии зичи байни Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории назди ДБССТ имкон аст, ки бо ибтикороти шаҳри Душанбе ва иштироки дигар шаҳру ноҳияҳо якчанд минтақаи (хатсайрҳои) сайёҳӣ ташкил карда шаванд.

Аён аст, ки аксари субъектҳои сайёҳӣ дар шаҳри Душанбе ё дар дигар шаҳрҳои калон таъсис дода шудаанд. Бинобар ин, ба роҳ мондани ҳамгироии шаҳру ноҳияҳо метавонад самаранокии фаъолияти ширкатҳои сайёҳиро баланд бардорад.

Боз як имкони рушди сайёҳӣ дар ҳамкории воқеии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, ширкатҳои сайёҳии он бо сохторҳои дахлдори бародаршаҳрҳои Душанбе мебошад. Фиристонидан ва қабул намудани мутақобилаи сайёҳони бародаршаҳрҳо метавонанд фаъолияти сайёҳиро тақвият бахшанд.

Вусъат додани ҳамгироию ҳамкории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат имкон медиҳад, ки дар минтақаҳо инфрасохтори зарурии сайёҳӣ бунёд шаванд ва барои ҷалби бештари сайёҳон, беҳбуди некуаҳволии деҳот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дар маҷмуъ, фазои мусоид фароҳам орад. Дар ин доира бренди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таври васеъ тарғиб шуда, ҳамзамон, ҳамкорӣ бо созмону ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти мутобиқсозии маҳсулоти соҳаи сайёҳии кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ қавӣ мегардад. Бо ҳамин мазмун, ҷалби дигар шаҳру ноҳияҳо аз рӯи махсусиятҳои онҳо бобати таъмини ҷолибияти соҳа барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ мебошад. Як қатор имтиёзҳо, ки Ҳукумат муқаррар кардааст, барои рушди соҳа мусоидат хоҳад кард. Дар марҳилаи аввал барои рушди минтақаҳои сайёҳӣ ва бунёди инфрасохтори зарурӣ заминаи иқтисодию ҳуқуқӣ фароҳам овардан муҳим мебошад.

Ҳамин тариқ, густариши ҳамгироию ҳамкории воқеии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар, инчунин, бародаршаҳрҳо аз кишварҳои хориҷии ҷаҳон асоси воқеии пешбурди соҳаи сайёҳӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Айни замон, шаҳри Душанбе - пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 22 шаҳри давлатҳои Осиё, Аврупо, Америко, Африқо ва ИДМ бародаршаҳр мебошад.

Шаҳри Душанбе субъекти муҳимми муаррификунандаи давлату миллат, таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои мардумӣ ба шумор рафта, рушди он ба инкишофи ҳамаҷонибаи муносибатҳои байналмилалӣ, соҳаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла, соҳаҳои хидматрасониву маишӣ ва истеҳсолӣ мусоидат менамояд. Маҳз ҳамин ҷиҳат аз ҷониби Пешвои миллат ба эътибор гирифта шуда, соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид, ки ин ба рушди ҳамаҷонибаи ин соҳаи ояндадор дар мамлакат заминаҳои воқеии ҳуқуқиву бунёдӣ гузошт. Дар ин замина, бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба амалисозии «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2023-2026 ба тасвиб расонида шудаанд, ки ба рушди ҷанбаҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ ва бунёду беҳсозии инфрасохтори муосири соҳа, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, муаррифии имконоти сайёҳӣ ва ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ заминаи басо созгорро фароҳам овардааст. Ҳамзамон, барои истифодаи самараноки имконот ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар намудани сифати хидматрасонӣ, дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби сармоя ва омода намудани кадрҳои болаёқат дар пойтахт заминаи мусоид фароҳам овард.

Барои фаҳмида гирифтани мақоми бародаршаҳрӣ бо тариқи муқоисавӣ воридшавии теъдоди сайёҳонро дар робита ба шаҳри Душанбе муқоиса менамоем.

**Ҷадвали 7. Арзёбии муқоисавии бародаршаҳрҳо бо шаҳри Душанбе**

| № | Номи шаҳрҳо | Воридоти сайёҳон (млн. нафар) |
|---|---|---|
| 1. | Остона | 1,5 |
| 2. | Боку | 1,0 |
| 3. | Санкт-Петербург | 10,3 |
| 4. | Урумчӣ | 100,0 |
| 5. | Душанбе | 0,229 |




**Расми 1. Арзёбии муқоисавии бародаршаҳрҳо бо шаҳри Душанбе**

Аз таҳлили маълумотҳои муқоисавӣ чунин бармеояд, ки рушди сайёҳӣ аз таъсири омилҳои зиёд вобаста мебошад. Яке аз ин гуна омилҳо ҳамгирои байни бародаршаҳрҳои минтақавӣ мебошад. Дар ин самт маълум мегардад, ки шаҳри Душанбе бо дарназардошти имконоти табиӣ ва таърихиву фарҳангии худ, дар ҳамбастагӣ бо давлатҳои рушди сайёҳӣ агар имконоти истифоданашудаи худро васеъ сафарбар намояд, аз ҷумла, истифодаи 10% -и сайёҳони бародаршаҳрҳо дар тақвият ёфтани ҳамгироии байни онҳо дар самти сайёҳӣ боиси рушду нумуи соҳаи мазкур ва муносибатҳои шарикӣ ва ҳусни тафоҳуму судманд барои ҳамдигар мегарданд. Бинобар ҳамин, аз назари мо, хуб мешуд, ки аз ҳисоби маблағҳои баамаломадаи соҳаи сайёҳӣ аз тариқи азнавтақсимкунии теъдоди сайёҳон бо дарназардошти пешниҳоди бастаҳои имтиёзнок барои бародаршаҳрҳо коркарди механизми амалӣ намудани онро тавассути бастани созишномаҳои бисёрҷонибаи байни шаҳрҳо саривақтӣ ва судманд арзёбӣ менамоем.

Хулоса, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сайёҳӣ дар Тоҷикистон ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёт эътироф гардида, дар ин самт чорабиниҳои зиёде гузаронида шуда, барои рушди сайёҳӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе ин омилҳо ҳамчун самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб мераванд:

- ташкил намудани дастрасии бештари ҷумҳурӣ барои ҷалби сайёҳони байналмилалӣ ва тақвият бахшидани сайёҳии дохилӣ;
- беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори мавҷудаи сайёҳӣ ва фаъол гардонидани захираҳои сайёҳии омӯхтанашуда;
- рушди сайёҳии истироҳатию табобатӣ;
- ҷалби сармоягузориҳо, грантҳо ва барномаҳои давлатӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ;
- муаррифии бештари кишвар дар арсаи байналмиллалӣ тавассути ташкили сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ;
- пайдо намудани мавкеи устувор дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ;
- таъсиси шароитҳои мутобиқ ба талаботи сайёҳии байналмилалӣ;
- омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи сайёҳӣ;
- зиёд намудани шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, мусоидат дар рушди самтҳои нави сайёҳӣ ва муқаррар намудани имтиёзҳо барои соҳибкории сайёҳӣ;
- афзалият додан дар сохтори соҳаҳои иқтисодиёт ба соҳаи сайёҳӣ ва аз ин ҳисоб афзоиш додани ҳаҷми МММ ва ММД;
- зиёд намудани ҳиссаи сайёҳӣ дар буҷети давлатӣ;
- зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ аз ҳисоби рушди сайёҳӣ;
- истифодаи 10%-и шумораи сайёҳон байни бародаршаҳрҳо;
- истифодаи таҷрибаи шаҳри Душанбе дар тақвияти рушди сайёҳии дохилии байни шаҳру навоҳии кишвар;
- фаъол гардонидани намудҳои нави сайёҳӣ, аз қабили сайёҳии аграрӣ ва ташвиқу тарғиби брендҳои миллӣ.

# МАЪРИФАТИ ДАВЛАТДОРӢ ДАР ШЕЪРИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ



**Вафо ЭЛБОЕВ – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

**Ҳарчанд устод Рӯдакӣ дар боби маърифати давлатдориву сиёсат асари алоҳидае эҷод накардааст, дар рубоиёту қитъаҳову ғазалҳову қасидаҳояш афкори пурқимати сиёсӣ роҷеъ ба идоракунии давлат, муҳофизати ҳокимияти сиёсӣ, густариши он, ободии шаҳру мулк, қадри донишмандон, муроҷиат ба ҳокимони давр бо таъкиди зулм накардан ба раиятро дар пироҳани зебои бадеӣ баён намудааст.**



Андешае байни баъзе донишмандон вуҷуд дорад, ки Рӯдакӣ дар дарбори амирони Сомонӣ зиндагиву эҷод намуда, танҳо вассофи онҳо будааст, аммо некбин бояд буд, ки дар ҳама давру замон адабиёт аз сиёсат дур набуда, маҳаки пешбарандаи он будаасту асолати воқеии адабиёт тарбияи инсон аст. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар баробари эҷоди афкори бадеиву зебоиписандӣ чун шоири тавоно бо сеҳри сухани худ баҳри ба адолатпарварӣ ва раиятпарварӣ талқин кардани ҳокимон саҳми назаррас гузоштааст.

Саид Нафисӣ дар ин бобат чунин андешае дорад, ки: «Шуароро подшоҳони эронинажод – Оли Саффор ва Оли Сомон ба шеър барангехтаанд ва боиси шеър ба забони порсии имрӯз эшон будаанд ва бадеҳист, ки нахустин фикре, ки шуароро даргирифта, ***мадоеҳи ин подшоҳон будааст*** (1, 596).

Ҳарчанд шоҳон шоиронро ба эҷоди шеър ташвиқ карда бошанд ҳам, шоирони машҳуре, мисли Рӯдакӣ то омадан ба дарбор ҳамчун шоири соҳибмактаб шуҳрати комил доштанд ва дар байни мардум ва доираҳои адабӣ соҳибэҳтиром буданд. Аз он ки Рӯдакӣ миёни мардум нуфуз дошт, амирону вазирони Сомонӣ мисли ҳама гуна хонадонҳои сиёсӣ ба чунин ашхос шадидан ниёз доштанд, чунонки чанд аср баъд шоири дигари тоҷик Ибни Ямини Фарюмадӣ дар бақову абадияти кору пайкорашон тавассути шеър гуфта буд:

**Зи шоир зинда мемонад ба гетӣ ном шоҳонро,**
**Фурӯғ аз Рӯдакӣ дорад чароғи дудаи Сомон!**

Биноан, амирони фарҳангпарвари Сомонӣ аз ин шахсияти таърихӣ даъват намуданд, ки дар интишору иштиҳори афкори миллии давлатдории худ истифода намоянд.

Ин ҷо овардани андешаи академик Абдулғанӣ Мирзоев бамаврид аст: «Рӯдакӣ дар ватани худ касби дониш намуда, аз давраи хеле хурдсолӣ ба фаъолияти шеър шуруъ кард, санъати мусиқиро низ нағз аз худ намуда, ҳангоме ки ба шуҳрати намоёне соҳиб гашт, он гоҳ ба дарбори Сомониён кашида шуд» (2, 27).

Мамдуҳони Рӯдакӣ, ки то имрӯз шинохта шудаанд, аз амирону ҳокимони Сомонӣ – Наср бинни Аҳмади Сомонӣ (914-943), Абулфазли Балъамӣ, Абутаййиби Мусъибӣ, Абуалӣ Муҳаммади Ҷайҳонӣ ва Абуҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад мебошанд. Аз шоирон дар ашъори бозмондаи Рӯдакӣ Муродӣ, Шаҳиди Балхӣ ва Фароловӣ ёд шуданд, ки ҳамагӣ аз шахсони машҳуру маъруфи замони худ будаанд ва ба қавли устод Рӯдакӣ ҳодисаи марги онҳо: «Марги чунин ***хоҷа*** на корест хурд».

Инчунин, аз Абумансури Дақиқӣ байте расидааст, ба ин мазмун:

**Киро Рӯдакӣ гуфта бошад мадеҳ,**
***Имоми фунуну суханвар*** **бувад!**

Пас, Рӯдакӣ дар осори мафқуди хеш низ касеро мадҳ гуфтааст, ки аз ашхоси қаблан зикршуда кам набуда, дар ҳамон появу эътибор будаанд.

Рӯдакӣ аз бузургтарин шоирони миллист, ки дар замони салтанати хонадони Сомониён ҳамчун як тоҷики бонангу номус ва ватандӯст андешаҳои баланди миллии тоҷикиро, ки реша дар

«Авасто»-ву «Бундаҳишн»-у «Динкард» дорад, баён доштааст, ки ин афкори мантиқбунёд беш аз 1100 сол инҷониб дар хидмати мардуми некандеш қарор дошта, ҳамчунин, дар ташаккул ва таҳаввули афкори фарҳангии халқҳои ҳамҷавор саҳми боризе дорад.

Бояд нек донист, ки шоирӣ истеъдоди модарзодиву лутфи худовандист, ки ин марҳамат Рӯдакиро аз синни ҷавонӣ насиб гардида, баҳри вусъати он салтанати миллии тоҷикӣ, ки фарҳангоин буда, таконе бахшидааст ва ӯ ҳақ дошт, ки роҳбарони миллати худро сано гӯяд. Ва агар шоире ё нависандае, ки дар осори худ дардҳои миллати худро, хурду бузурги онро бо муҳаббат васф карда бошад, шоири воқеии миллӣ ва умумибашарист, ки ин рисолати ҳақиқиро устод Рӯдакӣ молик аст. «Рӯдакӣ на танҳо дар ҷорӣ намудани анъанаҳои ғоявӣ ва эстетикии адабиёти классикӣ, балки барои барқарор шудани забони адабии тоҷикӣ, ки дар мубориза бо ҳукмронии забони араб устувор шудааст, низ асос гузоштааст. Вай дар тамоми давраҳои таърихӣ аз асри X то имрӯз ҳамчун шоири миллӣ ва умумиҷаҳонӣ аҳаммияти бузург дорад» (3, 288).

Ин шоири бузург ва тоҷи шарафи адабиёти форсии тоҷикӣ надиму роҳбалад ва мушовири хирадманди ҳокимони маҳаллии тоҷик буда, дар густариши давлатдории миллии тоҷикӣ, ки минбаъд дар тӯли ҳазор сол хонадонҳои дигар дар асоси консепсияи ташкилнамудаи Сомониён ҳокимият кардаанд, хидмати самарфарҷомеро анҷом додааст.

Албатта, Рӯдакӣ ҳамчун як фарди дилсӯзу роҳбаладӣ донову огоҳ ин андешаҳои ҷолиброро ба ҳокимони он рӯзгор ва ояндагон дониста баён намудааст ва ҳамвора эшонро аз оқибати корашон огоҳ мекард, аммо онҳо ин нуктаҳоро чӣ гуна қабул мекарданду аз он кор мегирифтанд, ин ба маърифати сиёсиву фарҳангии онҳо вобаста буд. Ҳамзамон шоир аз мардум талаби он доштааст, ки дар чаҳорчӯбаи қонун зиндагӣ карда, қонуну қоидаҳои ҷориро риоя намоянд:

**Ҳар кӣ сар аз панди шаҳриёр бупечид,**
**Пои тарабро ба доми гурм дарафканд.**

Дар ин байт «доми гурм» - яъне, аз озодӣ маҳрум шудан ва рӯзгори ободу тарабангези худро бо банду кулфату асорат табдил кардан аст, ки бояд сари ин масъала ҳар нафаре нек андеша кунад.

Ба гуфтаи Рӯдакӣ, подшоҳ ё роҳбари давлат бояд нафаре бошад, ки ӯ дар рафтору гуфтору кирдори худ устувору ангуштнамой бошад, дар ҳалли бисёр масъалаҳои давлатдорӣ андешаи мустақилу созанда дошта бошад, то аз ӯ мардум ибрат гиранд:

**Сирати он шоҳ пандномаи аслист,**
**З-он ки ҳаме рӯзгор гирад аз ӯ панд.**

Тавре медонем, шоҳони зиёд дар таърих баҳри шуҳрати сохтаи худ ба шоирону донишмандон иҷборан навиштани таърихи салтанат ва лашкаркашиҳои худро мефармуданд, ки ба номи онҳо ҳакимон «Панднома»-ҳову «Андарзнома»-ҳо менавиштанд. Ин нуктаро Рӯдакӣ мазаммат карда гуфтааст, ки боястӣ шоҳи замон дорои хиради сиёсиву фарҳангӣ бошад, то номи некаш дар сафҳаи даҳр мисли китоби омӯзандаву дастуре бошад.

Дар байти зер:

**Сирати ӯ бувад ваҳйнома ба Кисро,**
**Чунки ба ойин-ш «Панднома» биёганд!**

шоир ишора ба яке аз шоҳони хирадманду сиёсатмадори эронӣ Хусрави Анӯшервони Сосонӣ (531-579), ки дар таърих бо номи Анӯшервони Одил шуҳрат дорад ва ӯро дар андарзу ҳикмат ва давлатдорӣ китобе бо номи «Панднома» буд, ёдоварӣ карда, дастур медиҳад, ки ҳокимони давр аз сифатҳои неки давлатдорони гузашта ба некӣ ёд кунанд ва мулки худро дар асоси адлу доду хирад роҳбарӣ намоянд.

Устод Рӯдакӣ чун шоири хушбину некбин хоҳиши он дорад, ки роҳбарони ҳама давру замон одилу раъиятпарвару мулкдӯст ва хирадманду бомаърифат бошанд, то номи некашон дар саҳифаҳои таърих ҷовидон ба некӣ ёд шавад, на ин ки бо номи бад беобрӯву шарманда ва нафратзадаи мардум гарданд:

**Асари мир нахоҳам, ки бимонад ба ҷаҳон,**
**Мир хоҳам, ки бимонад ба ҷаҳон дар асаро!**

Дар байти дигар:

**Покии ахлоқи ӯву покнажодӣ**
**Бо нийяти неку бо макориму эҳсон!**

Рӯдакӣ андеша дорад, ки роҳбари давлат дорои ахлоқи неку гузаштаи пок, нияти неку иззату эҳтирому лутфу караму соҳиби ҳусни таваҷҷуҳи раъият гардад.

Дар ҷои дигар шоир ғояи роҳбари хирадмандро, ки бояд сифатҳои олии давлатдорӣ аз қабили донишу заковати баланд доштан, дар муҳорибаву муҳофизати Ватан ҳунари баланду хиради назариявию амалии гузаронидани муборизаву муҳориба доро буданро талаб дорад, чунки бе ҷасорату урдуи муназзаму маърифат идораи мулк душвор аст:

**Аз маликон чун ӯ набувад ҷавоне**
**Роду сухандону шермарду хирадманд!**

Дар ҳама давру замон роҳбарони давлатро зарур аст, ки ба мансабҳои давлатӣ инсонҳои хирадманду бомаърифату хушсухану боодобро сазовору лоиқ донанд, зеро ин гурӯҳи одамон обрӯ ва нуфузи давлату роҳбари онро баланд мебардоранд ва маҳз суботи сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодии давлат аз нафарони хирадманду хештаншиносу башардӯст ва зиёии воқеии миллӣ сахт вобаста аст:

**Марди суханро зи ӯ навохтану бир(р),**
**Марди адабро зи ӯ вазифаву девон!**

Шоири инсондӯсту ватандӯст аз муваффақият ва музаффарияти амирони раиятпарвари Сомонӣ ба ваҷд омада, пойтахти Сомониён – шаҳри Бухороро аз пойтахти хилофати араб - Бағдоди он замон боло мегузорад ва бо ҳиссиёти баланд даъво мекунад, ки ҳар кучое мири Хуросон бошад, пирӯзӣ он ҷост:

**Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,**
**Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост!**

Пойтахти ҳар давлат нишондиҳандаи шукӯҳу мақоми давлатдорист ва Рӯдакӣ дар ин байт Бухорои дар он замон ободу зеборо васф карда, хоҳиш дорад, ки он боз ҳам равнақу ривоҷ ёбад.

Роҷеъ ба сиёсатмадорӣ, заковати роҳбарӣ, маърифати давлатдорӣ ва адолатпарварии амирони Сомониро дар бисёр сарчашмаҳои илмиву таърихӣ гуфтаанду навиштаанд, ки ба ин шакке нест, дар қаламрави онҳо воқеан, адолат ҷорӣ буда, то дараҷаи зарурӣ баробарӣ ҳукмрон будааст:

**Ба даври адли ту дар зери чархи миноӣ,**
**Чунон гурехт зи даҳри дуранг ранги футур.**
**Ки боз шона кунад ҳамчу бод сунбулро,**
**Ба пеши чангали хунрез тораки усфур!**

Ин ҷо шоир бо хиради баланди сиёсӣ амирро ба пиёда кардани ғояи баробарҳуқуқии инсонҳо даъват мекунад.

Дар байти дигар дар бораи баробарҳуқуқии инсонҳо ва дар назди роҳбари давлат баробар будани дорову нодор ва зӯру заифро чунин ба қалам додаст:

**Дод биёбад заиф ҳамчу қавӣ з-ӯй,**
**Ҷавр набинӣ ба назди ӯву на удвон!**

Адолату саховатмандӣ ва ҷуду марҳамати роҳбари давлатро Рӯдакӣ чунин тасвир карда, орзуи он дорад, ки дар мамлакат ҷавру бахилӣ рӯ ба коҳиш буда, адолату саховат ҳамеша зиёд бошад:

**Туйӣ, ки ҷавру бахилӣ ба ту гирифт нишеб,**
**Чунон, ки доду саховат ба ту гирифт фароз!**

Шоир аз пирӯзии амирони Сомонӣ шод аст ва ҳосидону бахилону нобакоронро чашми дидан надорад.

**Анде, ки амири мо боз омад пирӯз,**
**Марг аз паси дидан-ш раво бошаду шояд.**
**Пиндошт ҳаме ҳосид, к-ӯ боз наёяд,**
**Боз омад, то ҳар шафаке жож нахояд.**

Ё ҳамин матлабро дар ҷои дигар чунин ифода кардааст:

**Давлати мирам ҳамеша бод бар афзун,**
**Давлати аъдои ӯ ҳамеша ба нуқсон.**

Дар фаҳмиши сиёсии Рӯдакӣ шоҳу мулк бояд ягонаву муттаҳид бошанд, ки дар байтҳои зер ӯ ғояи давлати мутамарказро талқин мекунад ва дар асл зарур аст, ки ҳамин тавр ҳам бошад:

**Мир моҳ асту Бухоро осмон,**
**Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.**
**Мир сарв асту Бухоро бӯстон,**
**Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.**

Ҳар гоҳ дар мамлакат ғавғое ё фитнае сар мезанад, лозим аст, ки роҳбари давлат аз сулҳу салоҳу ифоқа, на ҷанҷолу нифоқ ҳарф занад, зеро шоир сулҳ, накукорӣ, дӯстӣ ва рафоқатро барои ҳаёти одам эҳтиёҷи табиӣ ва барои пешрафти давлатдорӣ зарур медонад. Шахси накукору роҳбари бомаърифат ҳамеша хоҳони некию сулҳ аст:

**Ҳама ниюшаи хоҷа ба некуиву сулҳ аст,**
**Ҳама ниюшаи нодон ба ҷангу фитнаву ғавғост.**

Дар ин байт шоир андешаи сулҳхоҳона ва мадорову муросоро, ки аз сифатҳои баланди инсонӣ ва роҳбарист, талқин кардааст.

Андешаи дигари баландмазмуни Рӯдакӣ дар боби он ки ҳар инсон, миллат, давлат ва ҳукумат бе душман намешавад ва ҳамеша дар ҷустуҷӯи дӯстиву мусолимату муросо будан аз ғояҳои умумиинсонист, дар байтҳои зер хеле ҷолиб баён ёфтаанд:

**Он к-ро донам, ки ӯям душман аст,**
**В-аз равони пок бадхоҳи ман аст.**
**Ҳам ба ҳар гаҳ дӯстӣ ҷӯям-ш ман,**
**Ҳам сухан б-оҳистагӣ гӯям-ш ман.**

Талқини ғояи дӯстӣ байни мардум аз волотарин сифатҳои роҳбари давлат ва ҳар инсони некмаҳзар аст ва ин байтҳои устод Рӯдакӣ беш аз ҳазор сол инҷониб ҳамчун ёшти умумибашарӣ гардидааст:

**Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,**
**Бартар аз дидори рӯи дӯстон.**
**Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар,**
**Аз фироқи дӯстони пурҳунар!**

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ғазали машҳури худ: «Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт» бо заковати баланд, дарки оқилона ва ҷавонмардии одилона аз нигоҳи хираду таҷрибаи инсонӣ ба зимомдорон дастур медиҳад ва панде мегӯяд, ки касеро озор надеҳ, то аз дигарон озор набинӣ:

**Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,**
**Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт!**
**Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,**
**То кас накунад ранҷа ба даркӯфтанат мушт!**

Авф кардани бандиён дар ҳар давру замон аз тарафи роҳбари давлат ё подшоҳ далели маърифати баланди давлатдорӣ ва заковати олии инсонист, ки ин мавзуъ низ аз ҷониби ин шоири озодманиш баррасӣ гардидааст:

**Бо расани авфи он муборак хусрав**
**Ҳалқаи танг аст ҳар-ч дашту биёбон!**
**Пӯзиш бипзираду гуноҳ бибахшад,**
**Хашм наронад, ба авф кӯшаду ғуфрон!**

Ягонагии роҳбарияти давлату сипоҳиён яке аз омилҳои босуботи давлат ва амнияти дохиливу хориҷии он мебошад ва дар байти зер садоқати сипоҳиёну хидматчиёни давлатӣ хуб матраҳ шудааст:

**Чокаронат ба гаҳи разм чу хайётонанд,**
**Гарчи хайёт наянд, ай малики кишваргир!**
**Ба гази найза қади хасми ту мепаймоянд,**
**То бибуранд ба шамшеру бидӯзанд ба тир!**

Сабақ гирифтан аз гузашти рӯзгор ва огоҳона баҳрабардорӣ кардан аз он беҳтарин омӯзгор барои ҳар инсони огоҳдил аст, ба хусус, дар кори роҳбарӣ, ки ҳамвора омӯхтану донистани гузаштаи пурифтихор илҳомбахши фаъолияти оянда метавонад бошад:

**Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,**
**Ҳеч н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор!**

Аз ин баррасии ашъори Рӯдакӣ ба хубӣ рӯшан мегардад, ки ӯ чун шоири замони худ, ки дар давлати ободу ороми Сомониён зиндагиву эҷод кардааст, аз равиши замона, ҳукумати ҳокимон ва хиради сиёсии онҳо хуб хабардор буд ва барои хубтару беҳтар ба роҳ мондани корҳои давлатдорӣ ин гуна афкори баланду ҷолибро баён кардааст. Маҳз шеъри Рӯдакӣ дар замонҳои баъдӣ заминаи муҳиме барои ба майдон омадани «Шоҳнома» - ҳо, «Сиёсатнома» - ҳо ва «Дастурулмулук» - ҳо дар адабиёти форсии тоҷикӣ гардидааст.

Аз баррасии андешаҳои бикри Рӯдакӣ дар боби маърифати давлатдорӣ метавон ба натиҷа расид, ки ӯ ҳамчун надими соҳибэҳтирому мураббии мудаббири ҳокимони Сомонӣ як консепсияи ҷолиберо, ки фарогири аксари паҳлуҳои рисолати давлатдорист, дар пироҳани зебои шеър баён доштааст.

**КИТОБНОМА**


1. Саид Нафисӣ. Аҳвол ва ашъори Абуабдуллоҳ Ҷаъфар бинни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ. Ҷилди 3. - Теҳрон, 1319.
2. Мирзоев А. Сездаҳ мақола. - Душанбе: Ирфон, 1977.
3. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1. - Душанбе: Маориф, 1987.
4. Насриддинов А. Рӯдакӣ (нусхашиносӣ ва нақду баррасии ашъори бозмонда). - Хуҷанд, 1999.
5. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Насими Мӯлиён. Дебоча ва танзиму тавзеҳи Раҳмонфар А. -Душанбе: Адиб, 1999.
6. Афсаҳзод А. Одамушшуаро Рӯдакӣ. - Душанбе: Адиб, 2008.

# МАВЛОНО ВА МАЪРУФИЯТИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН



**Зайниддини АБДУЛҲАМИД – номзади илмҳои филология, омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 98, ноҳияи Сино**

**Муҳаммад Ҷалолуддини Балхӣ бо тахаллусҳои «Мавлавӣ», «Мавлоно», «Мавлонои Рум», «Ҷалолуддин Муҳаммади Румӣ», «Мавлоно Ҷалол бинни Муҳаммад» ва «Мавлавии Румии Балхӣ» шуҳрат дорад.**



Имрӯзҳо дар олами шеъри адабиёти классикии форсу тоҷик ва адабиёти муосир суханваре пайдо кардан муҳол аст, ки маҳбубияту шуҳрати беназири Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро сазовор гардад. Номи Мавлоно дар тӯли қарнҳо вирди забонҳо, шеъраш чароғи равшани маҳфилҳо ва худаш ровии беминнати розу ниёзи мардум гардидааст. Тавре Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Орифи бузург Мавлонои Балхӣ дар тамоми ақсои Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо завқу шавқи беандоза, чи пиру чи ҷавон, чи марду чи зан, новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ, қироат мекунанд» [4, с. 277].

Баробар ба 30 сентябри соли 1207 мелодӣ дар яке аз хонадонҳои донишманди Балх, хонадони фақеҳи маъруфу машҳури давр Баҳоуддини Валад тифлаки маъсуме чашм ба олами ҳастӣ кушод, ки бо мурури замон ва гузашти айём ҳамчун симои беназири майдони фарҳангу адаб шуҳрат пайдо кард.

Мувофиқи ахбори баъзе сарчашмаҳо, гузаштагони Мавлоно аз Вахшонзамини Тоҷикистон буданд. «Бино ба гуфти Деҳхудо, гузаштагони Мавлоно Ҷалолуддин аз Вахшонзамини Тоҷикистони имрӯза буда, хеле барвақт муқими доимии Балх мешаванд» [2]. Илова бар ин, насаби Мавлавӣ ба гуфти баъзе мавлавишиносон, аз ҷониби табори падарӣ ба Абубакри Сиддиқ мепайвандад. Ин андешаҳо доир ба зиндагии Мавлоно омӯзишу пажуҳиши зиёдеро талаб мекунад.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ яке аз сермаҳсултарин адибони форсу тоҷик ба ҳисоб рафта, бо осори гаронмояи манзуму мансури худ дар рушду инкишофи адабиёту фарҳанги тоҷик саҳми бузург дорад. Андешаҳои волои ӯ дар асарҳои «Девони Шамс», «Маснавии маънавӣ», «Маҷолиси саъба», «Фиҳи мо фиҳӣ» ва «Мактубот» -и ӯ фароҳам омадаанд. Ҷойгоҳи ин суханвар дар олами шеъру шоирӣ чунон баланд аст, ки гурӯҳе ӯро бузургтарин шоири ҷаҳон, ҷамъе бузургтарин шоири адабиёти форсу тоҷик ва ғайра ба қалам додаанд.

Доир ба рӯзгори осори Мавлоно, бахусус, «Маснавии маънавӣ» баъди аз олам гузаштанаш дар сарчашмаҳои илмиву таърихӣ ва тазкираҳо суханони арзишманде гирдоварӣ шудааст. Дар замони имрӯз ҳам доир ба мақоми Мавлоно ва асари безаволаш «Маснавии маънавӣ» андешаҳо, ҷаласаҳои илмӣ – бадеӣ, маҳфилҳои «Маснавихонӣ», нашри китобҳои Мавлоно, махсусан, ҷашн гирифтани 30 сентябр ҳамчун рӯзи Мавлоно ба ҳукми анъана даромадааст.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро шоҳкори ӯ «Маснавии маънавӣ» машҳури ҷаҳон гардонд. Дар ин асар масъалаҳои таълимоти дини ислом, оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳо аз нигоҳи фалсафию сӯфиёна шарҳу тафсир ёфтаанд. Аз ин хотир, имрӯзҳо дар макотиби олӣ ва миёна маҳфили шавқовару рангин бо номи «Маснавихонӣ» амал мекунад. Донишҷӯён ва хонандагон аз мазмуни баланди шеъри Мавлоно бархӯрдор мегарданд.

Ҳамзамон, «Маснавӣ» ифодагари пурарзиши суханони ҳикматомез, мақолу зарбулмасалҳо ва панду ҳикматҳо мебошад. Шоир дар асараш аз ҳикоёти мардуми форсзабону туркнажод ва дар

баробари ин, аз тамсилу қиссаҳои халқҳои гуногуннажод хеле зиёд истифода кардааст. Хонандаи хушзеҳну закӣ аз он огоҳ мешавад, ки Мавлоно бо санъати баланди сухандонӣ адабиёт ва таъриху фарҳанги ду миллатро (тоҷику туркро) ба ҳам омезиш дода, арзиши асарашро хеле баланд бардоштааст. Баъзе ҳикоёти тамсилии «Маснавӣ» дар алоҳидагӣ асари тамомшударо мемонад, ки ба ҳамаи талаботи як асари комили бадеӣ ҷавоб дода метавонад.

«Маснавии маънавӣ» ба таври умум, як асари хеле мураккаб буда, андеша ва назари муаллиф дар таълифи асар бесобиқа мебошад. Дар фаҳми ин асари пурмуаммо иттилооти ҳамаҷониба бо фарҳанги исломӣ ва ошноии комил бо зарофатҳои хоси форсизабонон корро осон мекунад. Донистани таъриху фалсафаи Шарқ ва тафаккури исломӣ низ дар кушодани гиреҳҳои мушкилписанду печидаи асари мазкур таъсири амиқе доранд, ки инро набояд нодида гирифт.

Дар ҷаҳони имрӯза аз Арабу Аҷам то Шарқу Ғарб Мавлоно ва «Маснавӣ»-и ӯро медонанду мехонанд ва меомӯзанд. Мо, тоҷикон, дар партави Истиқлол ҳамасола моҳи сентябр дар сартосари кишвар рӯзи «Маснавихонӣ»-ро таҷлил менамоем.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳамзамон бо ғояву мухтавои олӣ дар «Маснавӣ» ба ғановати забони он низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Дарёфту бардошти калимаву ибораҳои барои ифодаи маънӣ ва дуруст истифода гардидани онҳо дар ин асар омӯзишу таҳқиқи доманадорро интизор аст. Забони ин асар дар маҷмуъ, забони суханварони аҳди шоир буда, забони зинда ва ҷозибу шевост. Мисраъҳои шеърии зер исботи фикрҳои боло мебошанд:

**Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,**
**Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.**

Марги Мавлоно барои ҳамзамонон ва ҳамзабонон панде буд. Барои ин орифи бузург дар зиндагӣ ҳама қавму миллат, новобаста аз мазҳабу дин ва эътиқодашон, баробар буданд. Ӯ мисли хуршед ба ҳама яксон нур мепошид. Ба андешаи ӯ, инсон бояд якрӯ бошаду барои инсонҳо баробар хидмат кунад ва ин ғояи олӣ дар эҷоди Мавлоно мавқеи меҳварӣ дорад. Мавлоно ҳамдилиро аз ҳамзабонӣ болотар медонист. Ин маънӣ дар «Маснавии маънавӣ» ҷойгоҳи асосиро ишғол кардааст.

Имрӯзҳо шаҳри Кунияи Туркия хеле ободу зебо гардидааст. Мазори Мавлонои Балхӣ дар ободтарин ва зеботарин макони ин шаҳр қарор дорад. Аз тамоми гӯшаю атрофи олам ҳазорон мухлис ва сайёҳ ба Куния ба зиёрати мақбараи Мавлоно меоянд. Осорхонаи Мавлоно низ дар канори мазораш ҷойгир аст ва дар он асарҳо, мактубҳо ва дастнависҳои нодиртарин, инчунин, сару либос ва дигар ашёе, ки ба Ҷалолуддин мансубанд, ба маъраз гузошта шудаанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Кунияи Туркия рафта, мазори Мавлоноро зиёрат карда, аз осорхонаи ин орифи бузург дидан намуданд [3].

Ашъори Мавлоно ба мавзуъҳои таълиму тарбия, ахлоқу одоб, ишқ (бахусус, ишқи илоҳӣ), тасвири табиат ва ғайраҳо бахшида шудаанд. Қадру манзалати инсон дар эҷодиёти Ҷалолуддини Балхӣ аз мавзуъҳои марказӣ маҳсуб ёфта, инсон ҳамчун беҳтарин мавҷуди рӯйи олам тавсиф мешавад. Ба андешаи Мавлоно, инсон бояд ба табиат муносибати нек дошта бошад. Баҳору хазон, боду борон, райҳону ёсуман, бӯйи хуши табиат танҳо барои инсон офарида шудааст: «Алоқа ба табиат дар сухани ӯ ҷилваи хос дорад. Аз баҳору хазон, аз обу бод, аз хоку дона, аз мурғу мӯр дар «Маснавӣ»-и хеш ёд мекунад. Рангҳову найрангҳои ҷаҳонро мешикофад ва ҳатто коргоҳи адамро рангомезӣ мекунад, табиатро ҷилвагоҳи инсон мебинад» [1].

Шарқшиносон дар тамоми гӯшаю канори дунё аз Мавлоно ва осори ӯ ёд карда, пажуҳиш мебаранд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми осори Мавлоно аз нав нашр гардид. Дар вилояти Хатлон яке аз ноҳияҳо ба номи Ҷалолуддини Балхӣ гузошта шудааст.

Овозхони шинохта, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, шодравон Қурбоналӣ Раҳмон тавассути оинаи нилгун барномаи ҳунарие бо унвони «Маснавихонӣ» дар ҳамдастӣ бо ансамбли «Сомон» манзури тамошобинону мухлисон гардонида буд, ки олами руҳонии Мавлоноро ифода мекард. Дарвоқеъ, абёти Мавлоно тавассути мусиқӣ ва овозхониҳои ҷолиб базмро хеле пуршукӯҳ гардонида, ба тамошобинону шунавандагон асари худро гузоштааст.

## АДАБИЁТ:

1. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла / З. Абдулҳусайн. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 332 с.
2. Муҳаммади Борӣ. Маснавии маънавӣ / М. Борӣ. – Теҳрон: Нашри замон, 2001. – 728 с.
3. Мирзод, Т., Давлатзода, С., Мирзода, Ф. Адабиёти тоҷик / Мирзод. Т., Давлатзода. С., Мирзода. Ф. – Душанбе: Маориф, 2023. – 351 с.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои монадагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 424.

# ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ – ТАҚОЗОИ ЗАМОНИ МУОСИР



**Бахринисо РАҲМАТОВА – омузгори фанни забони англисии МТМУ №19, шаҳри Ваҳдат**

**Забон воситаи асосии муомилот ва муошırати одамон аст. Донистани ин ё он забон ба кас имконият медиҳад, ки аз бурду бохт, шароиту вазъият ва камбудию талаботи рӯзмарраи ҳаёт огоҳ гардад. Донистани забонҳои дигар донистани воқеияти замон ва кулли дигаргуниҳои олам аст.**

Маълум аст, ки маориф ба ҳайси яке аз соҳаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ, таваҷҷуҳи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳониро ба вуҷуд овардааст, зеро роҳи наҷот аз бухронҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ, ки метавонад таъсири манфӣ ба бор оваранд, маҳз аз низоми мукаммал ва фарогири маориф ва илм вобастагӣ дорад. Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ва илмро самти афзалиятнок эълон намуда, онро барҳақ омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат номидаанд. Бо ҳамин далел Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду инкишофи бемайлони маориф ва илм, сатҳу сифати донишомӯзии хонандагону донишҷӯён дар ҳама зинаҳои таҳсилот, сифати омода намудани кадрҳои баландихтисос тавҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

«Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №438 қабул шудааст, заминаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии такмили омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ буда, мақсаду вазифа ва самтҳои татбиқи онро дар раванди таълиму тарбия, кафолати давлатӣ ба таълимгирандагон ва кормандони муассисаҳои таълимӣ, дигар муассисаҳои соҳаи маориф, илмӣ, таъминоти кадрӣ, моддӣ-техникӣ ва молиявии Барномаро дар ҳамкориҳои байналмилалӣ фаро мегирад. Вазъи имрӯзаи муносибат ба забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши забони англисӣ дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекунанд, ки муносибати сиёсӣ ба забон, дар баробари забони тоҷикӣ, ба дигар забонҳо низ




ҳуқуқи фаъолияти баробарӣ фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки онҳо низ омӯхта шаванд. Бо мақсади ба роҳ мондани назорати ҳамаҷониба дар самти амалӣ намудани таъкидҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди ҳамаҷонибаи забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русӣ ва англисӣ, дар самти рушд ва инкишофи бисёрзабонӣ, беҳтар намудани таълиму омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, таъмини шароити мусоид ба раванди таълим, ташаккули шахсиятҳои донандагони забонҳо дар муассиса синфхонаи омӯзиши забони англисӣ ва синфхона барои омӯзиши забони русӣ ташкил карда шудаанд. Синфхонаҳо бо аёниятҳои замонавӣ оро дода, аз ҷониби омӯзгорон низ ҳар гуна аёниятҳои дастии худсохт барои беҳтару хубтар ба роҳ мондани таълим аз фанни забони англисӣ ва русӣ омода карда шудаанд.

**Забони англисӣ: аз кадом аёният истифода мекунам?**

Дар мактаби миёна, дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ ташаккули малакаҳои шунидану фаҳмидан, ҳарф задан ва хондан ҳадафи асосӣ ба шумор меравад. Таълими имло дар рафти омӯзиши забони хориҷӣ дар мактаб мақсади таълим набуда, он ҳамчун воситаи ёрирасон дар назар дошта мешавад.

Тавре ки таҷрибаву мушоҳидаҳои солҳои охир собит менамоянд, аз ҳама усули беҳтарини омӯзиши забон равишҳои коммуникативӣ ва интерактивӣ мебошанд, ки истифода ва рӯи кор овардани онҳоро мо бояд ҳанӯз аз марҳалаи аввали таълим – синфҳои ибтидоӣ оғоз намоем.

Тавре ки маълум аст, дар таърихи омӯзиш ва таълими забонҳои хориҷӣ вобаста ба тақозои замон ва ҷомеа, пешравии илму техника вусъат ёфтани ҳамкориҳои гуногуни байни давлату миллатҳои мухталиф, даҳҳо методу равияҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ пайдо шуданд. Раванди дар муҳлати кӯтоҳтарин омӯхтан ва омӯзонидани забонҳои хориҷӣ ба пайдоиши методҳои «интенсивӣ» – босуръат ё сареъ оварда расонд. Ба гунаи мисол, методи аудиовизуалӣ, ки асосгузоронаш Р. Мишеа, Ж. Гугейейм, П. Губерина ва П. Риван мебошанд. Мувофиқи пешниҳоди ин донишмандон, дилхоҳ забони хориҷӣ тавассути истифодаи васеи воситаҳои аёнӣ дар муҳлати кӯтоҳ омӯзонда мешавад.

Равиши дигар, Audio-lingual method ном дошта, асосгузоронаш дар Амрико Уфриз ва Р. Ладоянд. Тибқи талаботи ин метод, дар рафти машғулиятҳо воситаҳои сомеавӣ истифода шуда, воҳидҳои забонӣ – овозҳову калимаҳо, ибораю ҷумлаҳо, матну муҳоваразо такрор ба такрор шунида шуда, аз паси натток талаффуз карда мешаванд.

Методи дигар методи нутқи шифоҳии методисти машҳури англис Ҳаролд Палмер (1877-1950) – муаллифи китоби «The Teaching of Oral English. Long man, 1940» мебошад. Дар таълимоти ин олим ташаккул ва инкишофи нутқи шифоҳӣ дар омӯзиши забон мавқеи асосиро ишғол менамояд. Ба ақидаи ӯ, беҳтарин усули омӯзиши забон ба воситаи истимоъ (шунидан) ва такрор кардани намунаҳои гуногуни нутқӣ бо мақсади беҳтар ба хотир гирифтану тезтар мавриди истифода қарор додани онҳо мебошад. Ӯ иҷрои машқҳоро зимни шунидану дарк намудани нутқи хориҷӣ воситаи беҳтарини омӯзиши забони хориҷӣ меҳисобид.

Бинобар ин, барои ташаккул ва тараққии малакаю қобилиятҳои зикршуда танҳо ба китобҳои дарсӣ ва баъзе дастурҳои дигар қонеъ нагашта, тибқи мақоли маъмули англисии зайл амал бояд кард: «Teach speaking by speaking, to read by reading, to listen by listening and to write by writing». Яъне, ҳарф заданро тавассути гуфтор, хонданро тавассути хондан, шунида фаҳмиданро тариқи гӯш кардан ва навишторро тавассути навиштан омӯзондан лозим аст.

Ҳамаи ин малакаҳо бояд дар иртибот бо якдигар омӯзонида ва амалӣ карда шаванд, аммо ин амр бе истифода аз аёният ғайриимкон мебошад. Бешак, истифодаи аёният дар таълим яке аз омилҳои асосии дидактика ба шумор меравад. Бахусус, дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ аёният аҳаммият ва нақши хоса дорад. Дар адабиёти илмӣ асосан ба ду навъи аёният ишора мешавад: аудиоӣ (шуниданӣ) ва визуалӣ (диданӣ) ё аудиовизуалӣ.

Аз марҳалаи аввали омӯзиши забони хориҷӣ сар карда, то ба охир истифодаи асбобҳои аудиовизуалӣ чун магнитофон, радио, видео, DVD ва CD-плеерҳо, барномаҳои гуногуни компютерӣ, филмҳои тасвирӣ бо субтитрҳо, диктофон ва букридерҳо, инчунин таблитсаю ҷадвалҳо, расму суратҳои манзара ва ашёи гуногун аҳаммияти хоса доранд.

Дар иртибот ба мавзуъ, мехоҳам аз беҳтарин ва дастрастарин воситаҳои аёнӣ, телефони мобилӣ ва сандуқчаи баландгӯяки MP-3 ёдовар шуда, чӣ гуна аз он истифода бурданамро баён намоям.

Банда соли сеюм аст, ки аз ин муъҷизаи техникии аср пурмаҳсул ва мақсаднок истифода бурда, онро беҳтарин ёвар дар фаъолияти таълимиям мешуморам. Бо ёрии шогирдони боҳавсалаам, ки телефону интернетро хуб мефаҳманд, аз интернет ду барномаи луғати электрониро интихоб карда, дар телефонам сабт намудаам: «G translet» – луғати бисёрзабона ва луғати дузабонаи: «lang-mobile translator», ки акнун ҳамроҳи шогирдонам давоми 1-1,5 дақиқа ба роҳат аз онҳо вожаҳои зарурро пайдо мекунем. Дигар ин ки, дар флешкаи ғунҷоишаш 2Gb ду барномаи омӯзиши забони англисиро сабт намуда, онҳоро дар дарсҳои асосӣ, иловагӣ ва маҳфилҳои забони англисӣ фаровон истифода мебарем.

Махсусан, дар оғози дарс, ҳангоми машқи фонетикӣ, телефонро ба сандуқчаи баландгӯяки МР-3 пайваст намуда, бо аҳли синф якҷо талаффузи калима ва ибораҳоро аз забони ровии аслӣ гӯш мекунем, ки мақсаднок ва манфиатбахш аст. Яке аз ин барномаҳо худомӯзи «Омӯзиши сариъи (интенсивӣ) забони англисӣ бо методи «Нусрат» мебошад, ки қариб 300 дарсро дар бар гирифта, ҳар як дарс 30-35 дақиқа давом мекунад.

Сабти дувум аз CD-и китоби К. Э. Эккерсли – «Худомӯзи забони англисӣ» (чопи 2-юм бо таҳрир. – Москва: ЭКСМО, соли 2013) мебошад, ки дар он ҳамаи матнҳо, муҳовараҳо, машқҳои фонетикӣ, диктантҳо дар ҳар чор китоби ин муаллиф ҷой дода шудаанд ва ин барнома дар дуконҳои китобфурӯшии пойтахт ёфт мешавад. Бо истифода аз имкониятҳои телефон метавонем калимаю ибора ва матнҳои пурраро ба такрор гӯш кунем.

Мо дар ихтиёрамон якчанд DVD-и дарсҳои англисӣ дорем. Яке аз онҳо 16 дарси забондони машҳури рус, полиглот Николаев мебошад. Инчунин, зиёда аз 20 дарси забони англисии муаллима Моли Стоунро дорем, ки ҳамаи ин ашёи зикршударо аксари донишҷӯён сабт карда, дар хонаҳояшон мустақилона истифода мебаранд. Ба наздикӣ боз як барномаи хуби электронии луғати тафсирии чандинзабонаро бо унвони «ABBYY Translation» дастрас намудем, ки он ҳам барои тарҷумаи калимаҳо ва ҳам барои омӯзиши этимология ва мавқеи истифодаи ҳар як калимаи англисӣ дар гуфтор ва навиштор кумаки зиёд мерасонад.

Хеле хуб ва манфиатбахш мебуд, агар дар шабакаи телевизионии «Баҳористон» бештар дарсҳои муаллимони пешқадаму пуртаҷриба, силсиладарсҳои англисию русӣ, филмҳои тасвирӣ аз рӯйи афсонаҳои халқи тоҷик, достонҳои «Маснавӣ»-ю «Гулистон»-у «Баҳористон» ва ғайраро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо истифода аз субтитрҳо намоиш медоданд.

**ИСТИҚЛОЛ**

Мулки обод аст Истиқлоли мо,
Нахли шамшод аст Истиқлоли мо.

Сад қафас бишкасту дар парвоз шуд,
Мурғи озод аст Истиқлоли мо.

Бояд аз дил саҷдаи шукрона кард,
Каъбаи ёд аст Истиқлоли мо.

Дар билоди сарнавишти тоҷдор,
Қасри бунёд аст Истиқлоли мо.

Дар замини кишвари озодагон
Роҳи имдод аст Истиқлоли мо.

Фахр аз мероси Сомон мекунем,
Моли аҷдод аст Истиқлоли мо.

Сад биёбон обшорон мешавад,
Ранҷи Фарҳод аст Истиқлоли мо.

Барфурӯзон оташи хомӯшро,
Юсуфи шод аст Истиқлоли мо.

Боди навмедӣ ба дигар кӯй рафт,
Садди ҳар бод аст Истиқлоли мо.

***Давлат САФАР***

# РУШДИ СИСТЕМАИ ТАҲРИКИЮ ҲАРАКАТИИ КӮДАКОНИ СОЛИ АВВАЛИ ҲАЁТ



Тӯтихон ДЕВОНШОЕВА – омӯзгори калони ДҶТИБКСМ

**Тағйироти инкишофёбии ҳаматарафае, ки дар давоми ҳаёти инсон ба вуҷуд меоянд, хеле ва хеле муҳиманд, зеро ин тағйирот инъикоскунандаи ҳамаи он хусусиятҳое мебошад, ки дар давоми нуҳ моҳи ҳомилагӣ пайдо мешаванд. Новобаста аз он ки нишондиҳандаҳои системаи таҳрикию ҳаракатӣ дар ҳамаи кӯдакон қариб якхела аст, қобилияти рушдёбӣ ва маҳорати истифодаи онҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд.**

Баъди таваллуд кӯдакон маҳорати нигоҳ доштану назорат кардани бадани худ, ҳаракати дасту пойро надоранд. Марҳилае, ки кӯдак тез ва босуръат тағйир меёбад, аз рӯзи таваллудаш оғоз мегардад. Кӯдак барои сабзиш ва ҳифз шуданаш қувваю неруро аз ғизо мегирад. Ҳамаи ин раванд дар ҳаёти кӯдак нав аст ва гуногун буда метавонад. Барои иҷрои ин амалҳо кӯдак дорои неруи ботинӣ ва рефлексҳо мебошад. Он чизе, ки кӯдак надорад, донишу амалия аст. Ӯ дар бораи мавҷудияти худ намедонад ва дасташро беихтиёрона дароз карда, ҳатто ба ӯ мансуб будани онро сарфаҳм намеравад. Аксарияти кӯдакон дар хоб ба ҷунбиш даромада, ҳаракатҳои беихтиёрона мекунанд. Баъзеи онҳо аз ҳаракатҳои ногаҳонии худ бедор шуда, гиря мекунанд ва хоб рафта наметавонанд. Дар чунин ҳолат модар бояд кӯдакро ба даст гирад, ҷунбонад, то ки ором шавад. Кӯдак дар моҳҳои аввали ҳаёташ имконияти фаъолу серҳаракат шуданро дорад. Баъди мустаҳкамшавии мушакҳои калону хурд, кӯдак маҳорати нигоҳ доштани сар ва хоҳиши доштани ашёро пайдо менамояд. Ашёи хурдро бо як даст дошта, бо кафи даст нигоҳ медорад, вале ашёи калонро кӯшиш менамояд, ки бо ду даст якбора дорад.

Бояд қайд кард, ки баъзе аз кӯдакон, новобаста аз меъёрҳою муҳлатҳо, нисбат ба ҳамсолон тезтар инкишоф меёбанд ва фарқи байни онҳоро метавон мушоҳида намуд. Тафовути ҷойдошта дар инкишофи кӯдакон аломати табиист. Баъзе кӯдакон нишастанро барвақттару дигарон дертар ёд мегиранд. Дараҷаи рушдёбии қобилиятҳои зайл, ба монанди ба паҳлу гаштан, нишастан, гавак кашидан, ба пой хестан ва роҳ гаштан дар ҳамаи кӯдакон якхела маънидод карда шудааст, аммо мушкилот дар он аст, ки кӯдак дар кадом марҳила қобилиятҳои ҷисмонии хешро ташаккул медода бошад. Вақте ки як кӯдак аз меъёр барвақттар ё дертар роҳгардон мешавад, маънои инкишофи дуруст ё нодуруст доштани кӯдакро надорад, зеро ҳар як кӯдак ба худ қобилияти хоси таҳкимбахшии системаи таҳрикию ҳаракатӣ дорад. Аксарияти кӯдакони шашмоҳа аллакай сарашонро нигоҳ дошта метавонанд. Агар калонсол кӯдакро ба даст гирад, ҳатман сарашро бо даст аз қафо медорад. Ҳамин ки кӯдак маҳорати идоракунию нигаҳдории сарашро пайдо кард, шакли ба пой истоданаш низ тағйир меёбад. Кӯдакони ин синну сол аллакай метавонанд оромона баданашонро ба ҳаракат дароранд, мустақилона ба паҳлу гарданд ва кӯшиш мекунанд, ки сарашонро бардоранд. Дар ин давраи синнусолӣ қисми болоии ҷисми кӯдак нисбат ба қисми поёнияш серҳаракаттар мешавад. Кӯдак ҳангоми кӯшиши нишастан кардан, тамоми мушакҳои



баданро барои нигоҳ доштани мувозинати бадан истифода мебарад, вале ба дастгирии калонсолон ниёз дорад.

***Такмили қобилияти дастҳои кӯдак***

Тавре гуфта шуд, кӯдакон аз шашмоҳагӣ маҳорати хуби нигоҳ доштани ашё ва доштани онро пайдо мекунанд. Дар ин давра бояд ашёи (бозичаҳо ва мавод) гуногун истифода шавад, то ки ангуштони дастони кӯдакон қавитару устувортар гарданд. Кӯдакон дар синни шаш-ҳафтмоҳагӣ метавонанд ашёро на танҳо доранд, балки ягон амали одиро низ иҷро намоянд (партофтан, ба даҳан бурдан). Кӯдак метавонад ашёро бо дастон дорад ва онро мушоҳида намояд. Одатан кӯдакон аввал доштани ашёро бо ангуштони миёнаю сарангушт меомӯзанд. Дар синни ҳашт – нуҳмоҳагӣ бошад, ашёро ба ҳар тараф партофтан мегиранд, новобаста аз он ки дар ин амал ҳоло мушкил доранд. Ин маҳорати кӯдак дар 10 – 11 моҳагӣ қавитар мегардад.

Дар охири яксолагӣ кӯдак метавонад, ки ашёро ҳаво диҳад. Барои кӯдакон беҳтарин хушҳолӣ тӯбчаро ҳаво додану доштан ва ба даруни қуттӣ гузоштани бозичаҳо мебошад. Дар ин марҳила, агар калонсол ба бозии кӯдак дахолат накарда, танҳо мушоҳида намояд, кӯдак имконияти бозикунию мустақилона амал карданро меомӯзад. Калонсол танҳо метавонад бехатарии бозии кӯдакро таъмин намояд (мисол, агар ягон ашёи бозиро ба даҳан барад).

Такмил додани маҳорату қобилиятҳои амалкунӣ бо дастонро метавон вақти мустақилона нишастан, хӯрдан, шустани даст ва кашидани либос ташаккул дод.

***Рушдёбии қобилияти нишастан***

Мушакҳои кӯдакони синни панҷ – шашмоҳа то дараҷае рушд меёбанд, ки ӯ аллакай нишаста метавонад. Агар кӯдакро қулай ва бароҳат шинонанд, вай метавонад муддате тоб орад. Кӯдакон аз ҳаштмоҳагӣ имконияти мустақилона ё бо кумаки калонсолон нишастанро пайдо мекунанд. Лекин қобилияти нишастани ӯ аз мунтазам машқ доданаш вобастагӣ дорад. Нишастан талабот буда, барои иҷрои ин ё он амал зарур аст. Нишастан рефлекси табиии инсон аст ва он барои инкишофи минбаъда асос мегузорад.

***Инкишофи қобилияти гавак кашидан***

Аксарияти кӯдаконе, ки мустақилона нишастанро ёд гирифтаанд, метавонанд гавак кашанд. Мисол, агар назди кӯдаки шашмоҳа бозичаи шиносро гузоред, ӯ пойҳояшро қат намуда, дастҳояшро ба пеш тела медиҳад ва кӯшиш мекунад, ки ба мақсадаш ноил гардад, яъне бозичаро гирад. Дар кӯдаки ҳафт-ҳаштмоҳа хоҳиши гаваккашӣ пайдо мешавад. Дар аввал кӯдак одатан баръакс, аз ба қафо хазида рафтан оғоз мекунад. Кӯдак каме ба қафо хазида рафта, баъдан ба пеш ҳаракат мекунад ва дар ин ҳол метавонад самти дурусти ҳаракатро интихоб намояд. Дар нуҳмоҳагӣ кӯдакони зиёде метавонанд бе монеа ва оромона ба пеш гавак кашанд. Агар дар вазъияту шароитҳои дигар равиши гаваккашии кӯдак тағйир ёбад, ин маънои онро надорад, ки самти инкишофёбии ӯ нодуруст мебошад. Дар интиҳо кӯдак нишастан, хестан ва роҳ гаштани дурустро бо ёрии калонсолон меомӯзад.

***Ба по истодан ва роҳ гаштан***

Баъди анҷоми марҳалаи гаваккашии кӯдак давраи ба по хестану роҳ гаштан мерасад. Аммо то он даме ки кӯдак миёну ронашро дуруст ва устувор нигоҳ надорад, ба ягон натиҷаи дилхоҳ ноил шуда наметавонад. Агар кӯдакро ба пой монда, аз ду тараф дошта, каме доранд, ин ба устувор шудани зоную пойҳо мусоидат мерасонад. Дар синни чор – панҷмоҳагӣ дар кӯдакон буғум (банд)-ҳои зону мавзунтар буда, ҳангоми доштан ба кӯшиши чаҳидан монанд мешаванд. Дар нуҳмоҳагӣ кӯдакон худро барои хестан ба боло такон медиҳанд, ба калонсол нигоҳ карда, пойҳоро меҷунбонанд ва аз амалҳои хеш лаззат мебаранд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар кӯдакон амалҳои нишастан ва гавак кашидан, инчунин ба по хестану роҳ гаштан баробар ташаккул меёбанд. Аксарияти кӯдакон аз шаш - ҳафтмоҳагӣ бо зонуҳои қат ва ё бо ҳар ду пой хез мезананд. Кӯдакон дар ин давра, албатта, имконияти ба пойҳо истодану ба пеш гавак кашиданро надоранд.

Дар кӯдаки 10-моҳа рушдёбии мушакҳои рону пойҳо дида мешавад ва кӯдак метавонад, вазни худро ба пойҳо равона карда, ба пой истад, вале мувозинатро нигоҳ доштан наметавонад ва ба ҳам ба ёрии калонсол ниёз дорад.

Муҳимаш ин ки қариб ҳамаи кӯдакон дар охири яксолагӣ ба натиҷаҳои якхела ноил мегарданд. Ба по хестану гаштан - мушакҳоро инкишоф дода, бехатарии кӯдакро таъмин менамоянд. Одатан бештари кӯдакон то дусолагӣ на ҳама вақт метавонанд устувор ба по хезанд.

***Нишондиҳандаҳои инкишофи ҳаракатҳо дар кӯдакони соли аввали ҳаёт***




Ба шикам хобида, метавонад сару пушташро каме бардорад.
Ба шикам хобида, метавонад баданашро нигоҳ дорад ва ба дастон такя намояд.
Ба пушт дароз кашида, бо пойҳояш задан мегирад.
Кафи дастонро мепӯшад ва мекушояд.
Ашёи ҷунбандаро мезанад (ё худро ҳимоя мекунад).
Бозичаҳоро медорад ва меҷунбонад.
Худашро ба пеш ва қафо албонҷ медиҳад.
Бо ёрии дастҳо ва бе онҳо ҳам метавонад нишинад.
Бо як даст метавонад ашёеро бигирад.
Ашёро медорад.
Метавонад бе ёрдам шинад.
Бо ёрии дасту зонуҳо меистад.
Аз ҷойи нишасташ метавонад гавак кашад.
Ба по хеста, бо ёрдам ба сӯйи ашё ҳаракат менамояд.
Бе ёрдам метавонад чанде ба пойҳояш истад.
Бе ёрии беруна метавонад ду-се қадам роҳ гардад.

**ҶАҲОНЕ ДАР ҶАҲОН**

Агарчи Тоҷикистонам калон нест,
Ҷаҳон дар чашми ман бе он аён нест.

Ба укёнусу баҳру наҳрҳояш
Маро беҳтар зи Вахшу Зарфишон нест.

Агар бошад фузун кӯҳи баландаш,
Вале ҷои дигар Боми Ҷаҳон нест.

Агарчи мардумони беш дорад,
Шумораш бештар бе тоҷикон нест.

Суханвар дар ҷаҳон гарчи зиёд аст,
Ба сони Рӯдакӣ соҳибқирон нест.

***Сайдалӣ МАЪМУР***

# МЕТОДИКАИ АСОСҲОИ АЛГОРИТМСОЗӢ



Некрӯз АКБАРОВ – омӯзгори МТМУ №42-и ноҳияи Мастчоҳ

**Информатика фанне мебошад, ки моделзозӣ, усулҳо, дарёфт кардан, ҷамъоварӣ, нигоҳ доштан, дигаргун кардан, коркард ва истифодаи иттилоотро дар муҳитҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ меомӯзад. Он бо техникаи ҳисоббарор, системаҳои компютерӣ ва шабакаҳо зич алоқаманд мебошад. Технологияҳои информатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ истифода мешаванд: идоракунии истеҳсолот, балоиҳадорӣ, нақшакашиҳо, амалиёти молиявию иқтисодӣ, маориф ва ғайра.**

Информатика як шохаи нави илм буда, ба илмҳои анъанавии зерин такя мекунад: электроника, назарияи иттилоот, схемотехника ё семантика, зеҳни сунъӣ. Соҳаҳои асосии информатикаи ҳозиразамон инҳоянд:

**Техникаи ҳисоббарор** ба он сохтори системаҳои технологияи ҳисоббар, архитектураи ҳисоббарор, сохтори муайянкунӣ, фармонҳо, функсияҳои иҷрокунӣ ва принсипҳои таъсиррасонии таҷҳизот дохил мешаванд.

**Барномаронӣ**. Фаъолияти ин соҳа ба коркарди барномаронии таъминоти системаҳо, яъне, сохтани барномаҳои таъминоти системавӣ, коркарди забонҳои нави барномаронӣ ва компиляторҳою интерфейсҳо алоқаманд аст. Сохтани барномаҳои амалӣ системаҳои коркарди матнҳо, ҷадвалҳои электронӣ, манбаи додаҳои системаҳои идоракуниро дар бар мегирад.

**Назарияи информатика** як қисми информатика буда, ба он як қатор мафҳумҳои математикӣ дохил мешавад. Он ба мантиқи математикӣ такя мекунад. Яке аз қисматҳои назарияи информатика назарияи алгоритмҳо ва автоматикунӣ, истифодаи методҳои математикӣ барои омӯзиши умумии рафти коркарди иттилоот мебошад.

**Мафҳуми алгоритм ва схемаҳои алгоритм**

Дар компютерҳои фардӣ яке аз масъалаҳои асосӣ сохтани барнома мебошад. Барои сохтани барномаи ҳалли ягон масъала бояд аввал алгоритми он тартиб дода шавад. Баъд дар асоси алгоритми тартибдодашуда бо истифода аз ягон забони барномаронӣ коди он сохта мешавад, ки барнома ва ё коди барнома номида мешавад. Бо мафҳуми алгоритм ода-мон дар ҳар қадам дучор меоянд, аммо ба он эътибор намедиҳанд. Таърифи алгоритм чунин аст: «**Пайдарпайии амалҳои мақсадноке, ки иҷро карда шудани онҳо ба ҳалли масъала меоварад, алгоритми ҳалли масъала номида мешавад».** Яъне ҳар он коре, ки мо дар зиндагӣ мекунем, аз рӯйи алгоритме иҷро карда мешавад. Масалан, пухтани хӯрок, сохтани ягон асбоб, сохтани хона аз рӯйи нақша, пӯшидани фарши хона ва ғайраҳо.



Калимаи **алгоритм** аз талаффузи лотинишудаи номи математики бузурги қарни IX – Ал-Хоразмӣ пайдо шудааст.

Ин мафҳум дар аввали пайдоишаш ҳамчун қоидаи иҷрои амалҳои арифметикӣ барои ададҳои бисёррақама фаҳмида мешуд. Аз нуктаи назари Ал-Хоразмӣ миқдори қадамҳои

алгоритм охирнок ва беохир мешаванд. Ҳоло барои ин ду ҳолат мисолҳо меорем. Масалан, барои гирифтани натиҷаи тақсими адади 77 ба 7 дар расми “а» алгоритми охирнок пешниҳод шудааст. Дар расми “й» бошад, алгоритми беохири натиҷаҳои тақсими адади 10 ба 3 пешниҳод шудааст.







**Хосиятҳо ва роҳҳои сохтани алгоритм**

Алгоритм аз рӯйи як қатор системаи қонунҳо пешниҳод карда мешавад. Иҷрокунандагон аз рӯйи ин қоида амал карда, натиҷа ба даст меоранд.

Ба таври дигар, *алгоритм ҳалли масъала пайдарпайии муайяни амалҳо буда, барои гирифтани натиҷа иҷро кардани онҳо зарур аст.*

Алгоритм дорои чунин хосиятҳо мебошад:

***1. Маҳсулнокӣ (результативность)***. Рафти ҳисобкунии алгоритм аз додашудаҳои аввала сар мешавад ва ба гирифтани натиҷае, ки тавассути ин додашудаҳои аввала муаяйн карда шудаанд, равона мебошад.

***2. Мушаххасӣ (определенность).*** Ҳар як қадами алгоритми ҳалли масъала бояд саҳеҳ баён шуда, яккимата муайян бошад.

***3. Умумӣ будан (массовость).*** Истифода шудани як алгоритм барои ҳалли масъалаҳои сершумор.

***4. Дискретӣ будан (дискретность)***. Бояд алгоритм аз пайдарпайии охирноки қадамҳо иборат бошад.

***5. Ниҳоӣ (конечность)***. Алгоритм бояд дар миқдори ниҳоии қадамҳо ба охир расад ва натиҷа дошта бошад. Барои ҳалли як масъала мумкин аст, ки якчанд алгоритм мавҷуд бошад. Саволе пайдо мешавад, ки агар барои ҳалли масъала якчанд алгоритм мавҷуд бошад, кадомашро бояд интихоб кард? Бояд ҳамон алгоритме интихоб карда шавад, ки каммсарф буда, натиҷаро зуд ба даст меорад.

***6. Компактӣ (компактность).*** Ин хосият компактии гузориши мантиқии алгоритмро муайян мекунад.

***Пайдарпайии қадамҳои сохтани алгоритм***

Гузориши масъала;
Сохтани модел;
Коркарди алгоритм;
Тафтиши дурустии алгоритм;
Амалигардонии алгоритм;
Таҳлили алгоритм ва мураккабии он;
Ташкили коди алгоритм.

**Гузориши масъала**

Пеш аз гузориши масъаларо азхуд намудан бояд аввал онро аниқ таҳлил намоем. Одатан аниқ таҳлил кардани гузориши масъала ба гузоштани саволҳои дурусти ҳалли масъала меоварад.

Саволҳои зарурӣ:
Истилоҳот фаҳмо аст?
Чӣ дода шудааст?
Чиро бояд ёфт?
Ҳалро чӣ тавр муайян бояд кард?
Кадом маълумот намерасанд?
Оё маълумотҳои барзиёд мавҷуданд?

**Сохтани модел**

Пас аз гузориши саҳеҳи масъала бояд модели математикии он тартиб дода шавад. Ҳар як масъала роҳи ҳалли худро дорад, аммо як қатор умумиятҳо низ мавҷуданд:

Интихоби модел аз маҳорату малакаи шахс вобаста аст.

Бомуваффақият азхудкунии модел яке аз роҳҳои хуби дарёфти ҳал мебошад.

Пеш аз коркарди модел ба худ ақаллан ду савол додан зарур аст:

а) Кадом сохтори усулҳои математикии маълумро аз ҳама зиёдтар барои ҳалли масъала истифода кардан зарур аст? Ба шарте ки дар гузориши масъала истифодаи ягон усули математикӣ дода нашуда бошад.

б) Ҳалли масъала ба масъалаи гузоштташуда вуҷуд дорад?

Ҳамаи иттилооти зарурӣ барои ҳалли масъала ба таври математикӣ навишта шудааст?

Муайян кардани бузургиҳое, ки ба натиҷа таъсири намоён доранд.

Мувофиқати масъала бо модел.

Осон будани истифодаи модел.

**Коркарди алгоритм**

Усули маълум барои коркарди алгоритм усули мақсадҳои хусусӣ ва эвристикии коркарди алгоритм ба шумор меравад.

Барои коркарди алгоритм бо усули мақсадҳои хусусӣ бояд ба як қатор саволҳо ҷавоб дод:

Оё барои ҳалли як қисми масъала баъзе шартҳоро ба назар нагирифтан мумкин аст?

Дар ҳолати мақсадҳои хусусӣ ҳал кардани масъала имкон дорад?

Ҳаст чизе, ки онро мо камтар фаҳмидаем?

Ба масъалаи монанд рӯ ба рӯ шудем? Таъсир расондани он барои ҳалли масъала мумкин аст?

Одатан ҳангоми коркарди алгоритм бо усули эвристикӣ натиҷаро ба даст меорем, аммо ёфтани ҳалли оптималӣ зарур аст.

Усулҳои барномаронии ҳозиразамон ба сохтор ва роҳҳое такя мекунад, ки дар он усулҳои махсусро истифода мебаранд.

Ҳангоми навиштани алгоритмҳо бояд дар назар дошт, ки иҷрокунандаи алгоритм компютер мебошад ва он танҳо амалҳои муайянро иҷро карда метавонад.

**Бузургиҳо дар алгоритмҳо**

Дар алгоритмҳо барои дохил кардани бузургиҳо ишораҳои махсус истифода карда мешаванд. Ин ишораҳо ба ишораҳои одии математикӣ монананд ва бо ёрии онҳо номҳои бузургиҳоро ифода мекунанд.

Бузургиҳо метавонанд арифметикӣ, мантиқӣ ва рамзӣ шаванд. **Бузургиҳое, ки ҳангоми рафти иҷрои алгоритм қимати онҳо тағйир намеёбанд, доимӣ номида мешаванд.**

Ҳангоми навиштани алгоритм тағйирёбандаҳои сода ва тағйирёбандаҳои индексдор истифода мешаванд.

**Тағйирёбандаҳои сода гуфта, тағйирёбандаҳоеро меноманд, ки ҳар як муроҷиат ба онҳо бо яктоӣ қимат қонеъ мегардад.**

**Тағйирёбандаҳои индексдор қимати элементҳои массивҳо мебошанд.** Дар формулаҳо истифодаи аломати «=»-ро рамзи бахшанда меноманд. Қимати дар тарафи рости рамзи «=» - истода ба тағйирёбандаи тарафи чапи он бахшида мешавад. Мисол, амали $a = a + 0.005$ маънои онро дорад, ки қимати $a$ ба 0.005 зиёд мешавад ва он ба $a$ бахшида мешавад. $a$ қимати пешинаашро гум мекунад.

**Схемаҳои алгоритм**

**Схемаи алгоритм гуфта, тасвири графикии алгоритмро дар намуди фигураҳои геометрӣ меноманд**. Намудҳо ва андозаи шартии фигураҳо, инчунин, қоидаи сохтани схемаи алгоритм бо қарори ГОСТ 19,701-90 – «Схемаи алгоритм, барнома, додаҳо ва системаҳо» қабул шудааст.

Барои сохтани схемаи алгоритм чунин фигураҳои геометрӣ истифода мешаванд

(Расми 1).:




**Расми 1. Ҷадвали фигураҳои схемаҳои алгоритм**

### Намудҳои алгоритм

Алгоритм аз рӯйи сохтор се хел мешавад: алгоритми хаттӣ, шоха дар (шартӣ) ва даврӣ. Алгоритмҳо ба се тарз тасвир карда мешавад: шифоҳӣ, хаттӣ ва графикӣ (Блок-схемаҳо) ва дар яке аз забонҳои барномаронӣ барномаи он сохта мешавад.

### Алгоритми хаттӣ

**Агар қадамҳои алгоритм пайдарпай бо ҳамон тартибе, ки навишта шудаанд, иҷро карда шаванд, алгоритм хаттӣ номида мешавад.** (Расми 2).

Мисол: Дода шудааст $X$. ҳисоб карда шавад $Z = \sqrt{Y}$ *ва* $Z_1 = 1/Z$ агар

$8Y = X^2 + 5$

<u>**Алгоритми хаттӣ**</u>
1. Ибтидо
2. Дохилкунии $X$ ;
3. Ҳисобкунии $Y = X^2 + 5$;
4. Ҳисобкунии $Z = \sqrt{Y}$ ;
5. Ҳисобкунии $Z_1 = 1/Z$;
6. Хориҷкунии $Z_1, Z$ ;
7. Интиҳо.




**Расми 2. Схемаи алгоритми хаттӣ**

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ҲИСОБИИ ХИМИЯВӢ БО ТАРЗИ МАТЕМАТИКӢ



Эҳсон МАҲМУДОВ – омӯзгори химияи МДТ Литсейи №1 ба номи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Кӯлоб

**Ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ аз қисматҳои муҳимми фанни химия ба ҳисоб меравад, чунки он яке аз усулҳои таълим буда, хонандагон донишҳои химиявиро амиқтар ва ба пуррагӣ азхуд ва маҳорати мустақилонаи истифодаи онҳоро пайдо мекунанд.**

**Дар ҳалли масъалаҳои химиявӣ усулҳои математикиро истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Математики бузурги фаронсавӣ Карл Фридрих Гаус беасос нагуфтааст, ки «математика шоҳи ҳамаи фанҳост».**

Математика ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мо ворид шудааст. Барои азхуд кардани кадом соҳае набошад, донишҳои математикӣ лозиманд. Масълаҳои химиявӣ ба масълаҳои математикӣ монананд ва баъзе масъалаҳои химиявии миқдорӣ (аз ҷумла, «омехтаҳо»)-ро ба воситаи системаҳои муодилаҳои дуномаълума ҳал намудан қулай мебошад. Ҳоло якчанд усули ҳалли яке аз чунин масъалаҳоро дида мебароем.

**Масъала.** Ҳангоми дар миқдори барзиёди кислотаи хлорид ҳал намудани 2,33 г омехтаи оҳан ва руҳ 896 мл (ш.м.) гидроген хориҷ шуд. Массаи ҳар як металлро дар омехтагӣ муайян кунед.

**Ҳал. Тарзи якум.** 1) Муодилаи реаксияи байни оҳан ва кислотаи хлоридро тартиб дода, массаи оҳанеро, ки барои ҳосил шудани 0,896 л гидроген сарф шудааст, меёбем:

Дода шудааст:

m (Fe, Zn)= 2,33 г      56 г      22,4 л

Fe + 2HCI = FeCI2 + H2

V(H2) = 896 мл= 0,896 л

---

Ёфта шавад:

m (Fe)=?

m (Zn)=?

$x = 56\ г \cdot 0{,}896\ л : 22{,}4 = 22{,}4\ г$.



Массаи омехта аз массаи оҳан 2,33 г – 2,24 г = 0,09 г зиёд ва массаи молярии руҳ, оҳан 9 г ( $65 - 56 = 9$ г) зиёд будааст.

2) Таносуб тартиб дода, дар массаи омехта Zn –ро меёбем:

Zn---------------- Fe

65 -------------- 9 г зиёд

$x$ ----------------0,09 г зиёд

$x = 65\,г \cdot 0{,}09\,г : 9\,г = 0{,}65\ г$ Zn.

3) Массаи Fe-ро дар омехта меёбем:

m (Fe)= m(омехта) - m (Zn) = 2,33 г – 0,65 г = 1,68 г Fe.

Ҷавоб: 1,68 г Fe ва 0,65 г Zn

**Тарзи дуюм.** Муайян мекунем, ки агар 2,33 г Fe гирем, чанд литр (ш.м) гидроген хориҷ мешавад:

2,33 г                    Хл
$Fe + 2HCI = FeCI2 + H2$
56                      22,4 л

$x$ = 2,33 г ·22,4 л :56 г = 0,932 л ё 932 мл H2 хориҷ мешавад.

Муайян мекунем, ки агар 2,33 г Zn гирем чанд мл H2 хориҷ мешавад:

2,33 г                    Хмл
$Zn + 2HCl = ZnCl2 + H2$

$x$ = 2,33 г ·22,4 л : 65 г = 0,803 л ё 803 мл H2 хориҷ мешавад.

Аз ин ҳисоббарориҳо маълум шуд, ки ҳангоми таъсири мутақобилаи Fe бо кислотаи хлорид гидроген барзиёд ҳосил шудааст:

932 – 896 = 36 мл

Ҳангоми таъсири мутақобилаи кислота бо Zn бошад, гидроген нисбат ба ҳаҷми додашуда камтар ҳосил мешавад:

896 - 803= 93 мл

Аз ин ҷо таносуби барзиёд нисбат ба норасоӣ: 36:93= 1:2,58

Адади умумии ҳиссаҳо: 1 ҳисса+ 2,58 ҳисса= 3,58 ҳисса.

Массаи Fe ва Zn-ро дар омехта муайян мекунем:

1 ҳисса + 2,58 ҳисса = 3,58 ҳисса

$x$ Fe — y Zn —— 2,33

$x$ = 2,58·2,33:3,58 = 1,68 Fe.

$y$ = 1·2,33:3,58 = 0,65 Zn.

**Ҷавоб:** 1,68 г Fe ва 0,65 г Zn.

**Тарзи сеюм**. Массаи Fe-ро бо $x$ ва Zn-ро бо $(2{,}33 - x)$ ифода менамоем.

Ҳаҷми гидрогени аз ҳисоби Fe хориҷшударо бо $y$ ва гидрогени аз ҳисоби Zn хориҷшударо бо $(0{,}896 - y)$ ифода менамоем:

Ҳар ду муодиларо навишта дар асоси онҳо системаи муодилаҳо тартиб медиҳем:

1) 56 г     22,4 л
$Fe + 2HCI = FeCI2 + H2$

2) $2{,}33 - x$     $0{,}896 - y$
65 г     22,4 л
$Zn + 2HCl = ZnCl2 + H2$.

$$\begin{cases} 65(0{,}896 - y) = 22{,}4(2{,}33 - x), \\ 56y = 22{,}4x; \end{cases} \qquad \begin{cases} 65(0{,}896 - y) = 22{,}4(2{,}33 - x), \\ y = 22{,}4x : 56 = 0{,}4x. \end{cases}$$

$65(0{,}896 - 0{,}4x) = 22{,}4(2{,}33 - x)$; $58{,}24 - 26x = 52{,}192 - 22{,}4x$;

$58{,}24 - 52{,}192 = 26x - 22{,}4x$; $6{,}048 = 3{,}6x$; $x = 6{,}048 : 3{,}6 = 1{,}68$ г Fe;

mZn = mомехта - mFe = 2,33 - 1,68 = 0,65 г.

**Тарзи чорум.** Массаи Fe- ро бо $x$ ва массаи Zn-ро бо $y$ ифода намуда, муодилаи 1-ро тартиб медиҳем:

56 г     22,4 л
$Fe + 2HCI = FeCI2 + H2$

$x + y = 2{,}33$                    (1)

Ҳаҷми гидрогени аз ҳисоби оҳан хориҷ шударо бо $x$ ва ҳаҷми гидрогени аз ҳисоби руҳ хориҷшударо бо $y$ ифода намуда, муодилаи (2)-ро тартиб медиҳем:

$0{,}4x + 0{,}3446y = 0{,}896$ .                    (2)

Дар асоси ин муодилаҳо системаи муодилаҳоро тартиб дода, массаи Fe ва Zn-ро дар омехта муайян мекунем:

$$\begin{cases}0{,}4x+0{,}3446\,y=0{,}896,\\ x+y=2{,}33;\end{cases}\quad \begin{cases}0{,}4x+0{,}3446\,y=0{,}896,\\ y=2{,}33-x;\end{cases}\quad \begin{cases}0{,}4x+0{,}3446\cdot(2{,}33-x)=0{,}896,\\ y=2{,}33-x.\end{cases}$$

$0{,}4x+0{,}803-0{,}3446\,x=0{,}896$;

$0{,}0554\,x=0{,}093$; $x=0{,}093:0{,}0554=1{,}68$ г.

Fe m (Zn)= m(омехта) - m (Fe) =2,33 – 1,68 = 0,65 г.

**Ҷавоб:** 1,68 г Fe ва 0,65 г Zn.

**Тарзи панҷум. Татбиқи қоидаи Крамер**. Системаи муодилаҳоро ҳал менамоем:

$$\begin{cases}0{,}4x+0{,}3446\,y=0{,}896,\\ x+y=2{,}33.\end{cases}$$

**Ҳал:** Муайянкунандаи тартиби дуюмро истифода бурда қиматҳои номаълумҳоро меёбем:

$$\Delta=\begin{vmatrix}0{,}4 & 0{,}3446\\ 1 & 1\end{vmatrix}=0{,}4\cdot1-0{,}3446\cdot1=0{,}4-0{,}3446=0{,}0554;$$

$$\Delta x=\begin{vmatrix}0{,}896 & 0{,}3446\\ 2{,}33 & 1\end{vmatrix}=0{,}896\cdot1-2{,}33\cdot0{,}3446=0{,}896-0{,}802918=0{,}093082;$$

$$\Delta y=\begin{vmatrix}0{,}4 & 0{,}896\\ 1 & 2{,}33\end{vmatrix}=0{,}4\cdot2{,}33-0{,}896\cdot1=0{,}932-0{,}896=0{,}036.$$

Акнун қиматҳои $x$ ва $y$-ро меёбем:

$$x=\frac{\Delta x}{\Delta}=0{,}093082:0{,}0554=1{,}68;$$

$$y=\frac{\Delta y}{\Delta}=0{,}036:0{,}0554=0{,}65.$$

**Ҷавоб:** 1,68 г Fe ва 0,65 г Zn.

Гарчанде қисми назариявии дарсӣ ва машғулиятҳои амалию озмоишӣ шавқовар бошанд ҳам, онҳо барои химияро бо пуррагӣ азхуд кардан кифоя нестанд. Хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бояд бо роҳи ҳисобу китоб исбот карда шаванд, чунки химия илми дақиқ мебошад. Ворид кардани масъалаҳои химиявӣ дар раванди таълим имконият медиҳанд, ки чунин принсипҳои дидактикии таълимро ба роҳ монем:

1) мустақилият ва фаъолияти хонандагонро таъмин намоем;
2) хонандагон маҳорат ва донишҳои устуворро ба даст оваранд;
3) алоқаи таълимро бо ҳаёт ба роҳ монем;
4) донишҳои касбии политехникиро дар амал ҷорӣ намоем.

Биё, эй ҳамватан, то ҷонфидои ин Ватан бошем,
Ба ҷон омодаи амру нидои ин Ватан бошем!

Канораш гарму роҳатбахш чун домони модарҳост,
Ҳама фарзандҳои бовафои ин Ватан бошем.

***Мирзо ФАЙЗАЛӢ***

# «ПАРРОНЧАКҲО»-РО БА САҲНА БИОРЕМ



Саида НАБИЗОДА – Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Устод Абдулҳамид Самад адибест, ки бо осори баландмазмун ва забони содаву ифодаҳои ҷаззобаш ҳам дар замони Шуравӣ ва ҳам дар замони Истиқлол хонандагони худро пайдо карда тавонистааст. «Парроничакҳо» яке аз писандидатарин асарҳои устод, балки адабиёти тоҷик аст, ки ба даст гирифтан баробар касро чун оҳанрабо ба худ мекашад. Асаре, ки дар он аз оғоз то анҷом дар меҳвар донишҷӯён қарор доранд. Ин асар бо чанд хусусияташ маъруфият пайдо кард ва хурду калонро хонандаи худ гардонид.**

**Якум,** мавзуи асосии асар *ахлоқӣ буда,* ҳаёти донишҷӯёнро аз давраи довталаб буданашон дар бар мегирад. Тавассути асар нависанда ҷомеаро ба одамгарӣ, муҳаббат, самимият, омӯзиши илму дониш, риояи ахлоқ ва арзишҳои инсонӣ даъват мекунад.

**Дуюм,** *сюжети* асар рӯйдодҳоеро инъикос мекунад, ки хонданашон на танҳо барои насли ҷавон шавқовар, балки хеле муҳим ҳам аст, ҳатто барои калонсолон ҳам.

**Сеюм,** аз ҷумлаи беҳтарин асарҳоест, ки дар он *санъатҳои бадеӣ, таъбиру зарбумасалу мақолҳо* ҳадафмандона, бамаврид, нишонрасу фаровон истифода шудаанд.

**Чаҳорум,** *интихоби қаҳрамонҳо* аз ҳисоби зану мард, пиру ҷавон, олиму омӣ оқилона сурат гирифта, вобаста ба хислату характер муносибати инсонҳо ба ҳамдигар, ба ҷомеа, ба табиат ифода ёфтааст.

**Панҷум,** симоҳои офаридаи адиб бо гузашти давру замон аҳаммияти худро гум накардаанд.

Муаллиф аз як тараф, барои интихоби насаби тоҷикӣ дар он замон ҷуръати хоса нишон дода бошад, аз тарафи дигар, ба лақабмонӣ, ки дар байни мардум маъмул аст, таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Бубинед: Ҳакимӣ, Сабурӣ, Писари раис, Мурғи танҳогард, Мумсик, Гӯсфанди кар, Сагпараст, Пакана...

Мусаллам аст, ки ахлоқ чун маҷмуи меъёр ва арзишҳои инсонӣ як навъ муносибатҳои одамонро танзим мекунад. Риояи он дар рафтору гуфтори инсонҳо зуҳур карда, касро чун шахси фарҳангӣ, хушахлоқ ва некдил муаррифӣ менамояд. Адабиёт дар ин росто нақши созанда дошта, таҷассуми одамият ва тарғиби консепсияи инсони комилро ба уҳда дорад. Аммо бояд иқрор шуд: на ҳар адиб дар асараш ин хусусиятро ба таври нишонрас талқин карда метавонад. Хушбахтона, устод Абдулҳамид Самад дар ин бобат хеле хуб муваффақ шудааст.



Дар повести «Парроничакҳо» инъикоси масоили *ахлоқӣ* гоҳо дар тасвири *хислату характери қаҳрамонон* ва гоҳи дигар зимни *нақли ровӣ* (Наим) сурат мегирад. Масалан, зимни нақли имтиҳонсупории Пакана ва таваллои ӯ аз муаллим барои баҳои хуб хонанда мебинад, ки чӣ гуна як донишҷӯ бе заҳмат ва саводи кофӣ соҳиби баҳои муфт шудан мехоҳад ва он ҳам бо хирагӣ, тамаллуқ, бешармӣ ва густохӣ: «Ҷон, муаллимҷон, хоки потон шавам, як баҳо... − мисли гадо гарданашро каҷ карда, ба тавалло даромад Пакана...». Баръакси Пакана ва Қайс,

ки аз тоифаи ҷавонони ишратпарвар, мансабхоҳ ва худписанд ҳастанд, дар симои Насим ҷавонони илмдӯст, хушахлоқ, некдил ва беғаразро дидан мумкин аст. Насим ҳамеша пайи омӯзишу мутолиа ва дастгирии дигарон аст. Дар ҳамин ҳол нигаронии Наим (қаҳрамони асосӣ) аз он ки яке аз муаллимони имтиҳонгир, новобаста аз калонсол буданаш, беист сигор мекашад, дида мешавад: «Баъзе олимҳо ҳам одамони аҷибанд. Доимо таъкид мекунанд, ки сигарет заҳр аст. Лекин худашон бе ҳамин заҳр зиста наметавонанд...», − гуфтам хаёлан.

Ба ин тариқ, муаллиф роҷеъ ба он ки қисме аз ҷавонон барои илмомӯзӣ, қисме танҳо барои диплом гирифтан роҳи донишгоҳро пеш мегиранд, масъала мегузорад ва ба ин васила ҳаёти «ҷавонони доништалабу дипломхоҳро» мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад.

Ё як масъалае, ки зери суол қарор доштани баҳои 5-холаро тасдиқ мекунад, ҳамон вақт диққати муаллифро ҷалб кардааст. Масалан, оварда шудааст, ки муаллима ба донишҷӯ мегӯяд: «Ба ту «чор» мондан мумкин, − пас аз он ки ба саволи охирин ҷавоби дилхоҳ нашунид, гуфт муаллима ва бо табассуми малеҳе илова кард: − Лекин ҳаққи ман меравад. Барои ҳамин ба ту «се»-и ҳалол мегузорам... Розӣ ҳастӣ?»

Ин гуфтугӯ комилан набзи замони имрӯзро ифода мекунад, зеро имрӯз меъёри баҳогузорӣ тағйир ёфта, ба низоми баҳогузории 10-хола гузаштем. Сабаби асосӣ маҳз дар ҳамин аст, ки 5 хол талаботи баҳогузориро қонеъ гардонда наметавонист.

Интихоби касб яке аз масъалаҳои муҳимми рӯзгори мост. Ин нукта ҳам аз назари муаллиф дур намонда, онро нозукона ва бо ишора хуб баён кардааст. Чунончи, зимни шоҳмотбозӣ муаллифи ҷуғрофия Халилӣ ба амаки Наим мегӯяд: « − Солҳои пеш вазъият тамоман дигар буд. Ҳар кас ба кадри донишаш ба мактабҳо ҳуҷҷат месупорид, ҳадди худро мешинохт. Ҳоло чӣ? − ӯ сохтакорона хандид. − Обрӯи баъзе сарҳои бемағз аз ҳама баланд. Як хел бачаҳо дар ин ҷо аз мо базӯр се мегиранд, дар мактаби олӣ чору панҷ... Баъд мебинӣ, ки дар дили шогирдҳои нодон ва сустхонамон ҳавову ҳаваси олимшавӣ ҳам пайдо шудааст. Кас ҳайрон мемонад...».

Албатта, дар ҷавоби ин суол амаки Наим таъкид мекунад, ки ҳамагон дар ин ҳолат гунаҳгоранд, аммо хулосаи ин баҳс ба хонандагон ҳавола мешавад. Дуруст аст, ки сол то сол вазъият дар ин самт беҳтар шуда истодааст, аммо нигаронӣ ҳанӯз ҳам ҷой дорад, ҳанӯз ҳам бисёриҳо ба назар намегиранд, ки *ҳар касеро баҳри коре сохтанд.*

Дар замони Шуравӣ дар ҳамаи донишгоҳҳо омӯзгороне фаъолият мекарданд, ки аз мавзуъҳои дарсӣ дида, дар бораи зиндагии хонаводаашон, ҳатто дар бораи зану духтар ва сагу пишакашон гап заданро меписандиданд. Чунин омӯзгорон ба табъи дили донишҷӯёни танбалу дарсгурез буданд ва маҳз онҳо «илҳом»-и чунин омӯзгоронро дар «суханрониҳо» ба ҷӯш меоварданд. Дар повести «Паррончакҳо» дар симои Бобозода чунин омӯзгорон дида мешаванд. Ин омӯзгор дар бораи он ки сагу пишакаш мисли одам боақланд, зиёд ҳарф мезад. Боре ба Насим, ки ба дарси ин муаллим бетаваҷҷуҳӣ мекард, рӯ оварда, аз ӯ чӣ гуфтанашро пурсид. Насим баъди истиҳолаи зиёд ниҳоят дар бораи сагу пишак ҳарф задани ӯро мегӯяд. Дар аудитория хандаи осмонкаф садо медиҳад ва муаллим ба ғазаб омада, ӯро аз дарс пеш мекунад. Баръакси ин, устод Ҳакимӣ ба донишҷӯён ҳамеша дарси ахлоқу одамгарӣ медод. Ӯ дар бораи оқибатҳои нохуши хабаркашӣ, дурӯғгӯӣ, худписандӣ, дарсгурезӣ суханҳои ҳакимона мегуфт. Ҳатто дар ибтидо талаботеро ҳам дар назди шогирдон гузошта буд: «Агар мо, донишҷӯён, панҷ дақиқа аз дарс дер монем, беҳтараш, ба синф надароем: агар усули дарсгузарии устод ба мо маъқул нашавад, рӯирост эътироз кунем ва баромада равем; агар худи муаллим понздаҳ дақиқа ба дарс дер биояд, мо интизораш нашавем». Дар тамоми сол ғайр аз Латофат, ки каме дер карда буд, касе аз дарси устод на дер мекард ва на мегурехт.

Як эпизод дар асар ҷой дорад, ки аз одамияти баланди зани тоҷик ҳадс мезанад. Воқеа чунин аст: Вақте Наим аз хонаи амакаш ба хобгоҳ кӯчиданӣ мешавад, янгааш сахт норoҳат мешавад. «− Ин гапро дуюмбора аз даҳонат набарор, ки халқи олам ба мо механдад, − ранҷишомез фиғон баровард завҷаи амакам. − Чӣ, мо аз хона пешат кардаем, ё дар кӯча мондаӣ, ки хобгоҳ меравӣ? – Ӯ мабодо малӯл шавад, дарҳол буғз гулӯяшро мефишорад, ки нафасаш гирифта, ба риққат меояд. Дар чунин ҳолат овозаш гиряомез мебароярд». Дар идома

янга бо алам нигаронӣ мекунад, ки дар хобгоҳ бо «одамони бекасу кор» азоб мекашад. Ҳатто барои хомӯш истоданаш ба шавҳарситеза мекунад. Амак ҳам аз рӯйи ҳавас мехостааст, ӯро оиладор карда, дар як гӯшаи боғаш барояш хона бунёд кунад, мегӯяд. Айнан чунин муносибатро Наим дар рафтори модараш ҳам мушоҳида кардааст: «Баробари расидани амакаму аҳли оилааш дар хонаи мо базм барпо мешуд. Модарам ҷои нишасти онҳоро намеёфт. Вай аз тухми мурғ то меваҷоту сабзавот, тамоми неъмати дунёро барои онҳо захира мекард. Баъд бо як ифтихору хушбахтии беинтиҳо ба ин муносибат ба зану марди ҳамсоя зиёфат ҳам медод...»

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз ҷомеа ба чунин муносибат ва чунин инсонҳо эҳтиёҷи зиёд дорад. Бахусус, дар шаҳр ин масъала басе нигаронкунанда гаштааст.

Устод Абдулҳамид Самад *дар инъикоси олами ботинии қаҳрамонон ва баёни хислату характери онҳо* маҳорату ҳунари волои нигорандагӣ нишон медиҳад. Аз ҷумла, зимни шарҳи моҷарои Наим бо бародараш ба хотири кабк, модар аз рафтору кирдори писараш норозӣ шуда, шавҳарро гунаҳгор ва аз ӯ гилагузорӣ мекунад: «Охир, оҳана дар гармиаш кӯфтан осонтар. Чанд карат гуноҳ кард, як сари мӯ эътибор ки надодӣ, ҳаво гирифт бача..». Модар аз он ки вақтҳои охир писараш бо Абдухолиқи акааш сагу пишак барин носоз аст, як навъ ба коҳиш ёфтани муносибати хешутаборӣ дар ҷомеа ишора мекунад. Ба таъкиди ӯ, пештар бародар ба бародараш молу ҳол медод, хизмат мекард, аммо додар барои як кабк чӣ тавр қасос гирифтанашро аз акааш пинҳон намекунад. Дар иртибот ба ин масъала, як паҳлуи ахлоқ дар асар ба *табиатдӯстӣ* рабт гирифтааст. Наим кабке доштааст, ки онро бародараш бераҳмона нобуд мекунад. «Кошкӣ ин мурғак ҳам барои ҳифзи ҷони худ қудрате медошт», - бо алами зиёд мегӯяд Наим. Аз дигар тараф, ин воқеа як навъ ҳушдор додани инсонҳо барои зулм накардан ба ашхоси заиф ҳам ҳаст.

Аз муҳимтарин воситаҳое, ки ҷаззобияти асарро меафзоянд, корбурди мақсаднок ва бамавриди *санъатҳои бадеӣ* ба шумор меравад. Устод Абдулҳамид Самад аз ин ҷиҳат дасти боло дорад. *Тасвири симои зоҳирии* қаҳрамонҳо яке аз вижагиҳои ҳунари нависанда аст. Масалан, дар давраи имтиҳонҳои дохилшавӣ духтаракеро, ки баъдтар яке аз қаҳрамонони асар шинохта мешавад, чунин тасвир кардааст: «Ҳоло як духтари резапайкари чашмкабуд, ки дар тан пероҳани чити гули нор дошт, аз имтиҳон баромад. Аз чашмони вай қатраҳои ашк чакида, ба рухсораҳои сурхосафеди кулчамонандаш метаровиданд, вале дар лабонаш ханда гул мекард». Бубинед, дар ду ҷумла қадду қомат, либос, чашмон, рухсораҳо, лабони духтар чунон тавсиф шудаанд, ки тасвири зиндаро пеши рӯ меоранд. Ҷойи дигар, тавсифи симои Насимро дар муқоиса бо Қайс тавассути ташбеҳ, муқоиса ва ифодаҳои рехта ифода кардааст: «Онҳо аз рӯи хулқу атвор ва зоҳир аз якдигар мисли замину осмон фарқ доштанд... Насим мулоимтабиат, камгап, ҳатто дамдузду мардумгурез аст».

Истифодаи бамавриди зарбулмасалу таъбирҳо ва ибораҳои фразеологӣ ҳам дар тасвири зоҳириву ботинии қаҳрамонон ва ҳам дар баёни воқеаву ҳодисаҳо ҷаззобияти асарро бештар гардондааст. Таваҷҷуҳ кунед, дар як ҷумла чанд зарбулмасалу таъбир омадааст: «Вай *ба талвоса афтода*, мисли *мурғи пойсӯхта ба чор тараф медаваду* намедонад, ки *сарашро ба кадом девор занад, додашро ба кӣ арз кунад*. Ҳм, як моҷарое, ки пеши касе *лаб кушояд, забонаш ва агар хомӯш истад, ҷонаш месӯзад»*.

Ва ё: *«Пашша ҳам пар намезад; Хараш аз лой гузашт; Офтобро бо доман пӯшонда намешавад; Як поям ба лаби гӯр расидааст; Одамӣ бо орзу зинда аст; Сад лагад занед ҳам, аз даҳонаш як ҳарф намебарояд; Як рӯз бошу хурӯс бош!; Аз гуруснагӣ оби даҳанам мерафт; Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам; Пушаймонӣ суде надорад»*...

Ҳамчунин, ифодаҳое ба мисли *хуни ҷигар, сояи давлат, зин ба пушт, таги обу арақ мондан, хуни бинӣ, гови ало, хун ба сар задан, санги осиёб, бесару нӯг, фиреби назар, дасту дил шустан, сари танҳо, пухта шудан, бо ду дасти адаб, хайрухушро насия мондан, курта-курта гӯшт гирифтан...* дар асар ба таври фаровон ба кор бурда шудаанд.

Муаллиф дар мавридҳои даркорӣ аз мақол ва ҳикматҳо хуб истифода бурдааст. Масалан: *Дар рӯзи тангӣ дасти фитодаеро гирифтан; Дузд як кас, гумонбар сад кас; Дили раҳмин, ҳамеша ғамгин мегӯянд.*

Яке аз воситаҳои тасвир дар асар *ташбеҳ* аст, ки муаллиф аз он мақсаднок ва ба таври рамзӣ истифода бурда тавонистааст. Баъзан ташбеҳ бевосита ва гоҳи дигар ба восита ифода ёфтааст. Масалан, дар бисёр маврид ин санъати бадеӣ тавассути *адоти* ташбеҳ сурат гирифтааст, яъне бо воситаи калимаҳои *мисли, чун, барин, ҳатто, пасванди – вор* ва ғайра. Махсусияташ ин аст, ки дар ин монандкуниҳо ҳам устод ба зарбулмасалу ҳикматҳо ва ифодаҳои рехта бештар такя кардааст. Чунончи: *...мисли он ки* ба хонаи мӯрчаҳо об рехта бошанд, ҳама бесаранҷом шуданд; Суғур *барин* фарбеҳ аст; Одами зоҳиран хомӯшу баъзан аз кулӯх шарора паридагӣ *барин* як рафторҳое мекунад, ки ҳанги кас меканад; Насим ҳайкал*вор* рост истода ба рӯи устод менигарист.

Баъзан ташбеҳҳо дар тасвир бо воситаи калимаҳо ифода ёфтаанд: – Қайси асри бист ҳам аҷиб будаст, – луқма партофт муаллимаи *бодомчашм*.

Муаллиф тавассути *муқоисаи образҳо* муҳтавои асарро тавре баён мекунад, ки хонанда ба асли мақсад ба хубӣ сарфаҳм меравад. Фаразан, дар муқобили хислатҳои манфии Қайс, Пакана, Раҳимбек ӯ Насим ва Раҳматшоҳро меорад. Ё ба хонанда шарҳи хислатҳои устоди донишгоҳ Бобозода дар муқобили Ҳакимӣ хонандаро водор мекунад, ки худ интихоб кунад: кӣ хуб аст, кӣ бад? Кӣ олими ҳақиқӣ аст, кӣ хасакӣ? Ва ё бо овардани хислату характери Латофату Назокат ва Гулсоро муаллиф агар чизпарастӣ, ҳавобаландӣ ва такаббури духтарони ҷавонро инъикос кунад, дар аъмоли модари Наим, зани амакаш ва момаи Садбарг симои ҳақиқии зан – модари тоҷикро хеле воқеъгароёна тасвир кардааст.

Ҳамин тавр, нависанда дар эҷоди қиссаи мазкур ба ҳадаф расида, мавқеи худро дар асар аз нигоҳи қаҳрамонҳои мусбат ва ё бо тасвири хислату характери қаҳрамонон муайян кардааст. Дар асар сухан аз забони Наим меравад ва ӯ ҳам ба сабаби ҷавонияш, гоҳо рафторҳои нохуби худро бо гаправӣ, чизпарастӣ ва дағалӣ нишон медиҳад. Яъне, муаллиф бевосита фикри худро баён намекунад, балки тавассути сюжет, симоҳо, муколама ва натиҷаи рӯйдодҳо андешаву ҳадафи худро ба хонанда мерасонад.

Он чи ки моро ба андеша мебарад, таваҷҷуҳ зоҳир накардани филмофарон ба ин асар аст. Мутмаинем, таҳияи филм аз рӯйи ин асар фазои холии тамошобини имрӯзро пур карда, ҷомеаро ба ҳалли масъалаҳои ахлоқӣ бештар ҷалб менамояд. «Парончакҳо» асари хонданист, аз рӯйи он он филми диданиро интизорем!

**ХУДШИНОС**

То бубинӣ некҳоро нектар,
Роҳҳоро то кунӣ наздиктар,

Суҳбатат аз худшиносӣ сар шавад,
То шавад ҳар тоҷике тоҷиктар.

Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.

Мум кардӣ бо навозиш сангро,
Пеш бигрифтӣ раҳи фарҳангро.

Руҳи Сомонӣ бигӯяд гӯиё:
Ҳифз кун муҳру ливои нангро.

Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.

***Муҳаммад ҒОИБ***

# АМРИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2026 Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия ва ҷоизаи Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

3. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, кор бо ҷавонон ва варзиш, телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҷиҳати дар сатҳи баланд доир гардидани Озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, ғолибони Озмун ва омӯзгоронеро, ки шогирдонашон дар даври ҷумҳуриявии Озмун барандаи ҷоизаҳо шуданд, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2026 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузор гаштани Озмуни мазкур 2 660 000 (ду миллиону шашсаду шаст ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба хароҷоти анҷомдода ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
ш. Душанбе,
29 августи соли 2025, №АП-862

*Замимаи 1*
*ба амри Президенти*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз «29» августи соли 2025, №АП-862*

# НИЗОМНОМАИ
# ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ШОҲНОМАХОНӢ»

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» (минбаъд – Озмун) бо мақсади арҷгузорӣ ба хизматҳои шоири классики тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ ва омӯзиши осору таърихи пурғановату пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллат дар тули таърих, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, таҳкими ҳофизаи аҳолӣ ва ба ин васила, шинохти нақши халқи куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни инсоният, ки бо далелҳои раднопазир ва бо такя ба сарчашмаҳои илмию таърихӣ дар китоби «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ инъикос ёфтааст, таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2026 доир мегардад.

2. Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни ҳамаи қишрҳои ҷомеа гузаронида мешавад.

3. Иштирокдорони Озмун ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1). хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ (иборат аз се зергурӯҳ):

- хонандагони синфҳои 1-4 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- хонандагони синфҳои 5-8;
- хонандагони синфҳои 9-11 ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (синфҳои 9-11);

2). донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр);

3). омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, аспирантон, унвонҷӯён, номзадони илм ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ (ба истиснои олимону донишмандоне, ки вобаста ба «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ кори илмӣ ё дигар тадқиқот анҷом додаанд, аъзои вобаста ва пайвастаи Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ);

4). калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун.

## 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

4. Сарпарасти Озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

5. Масъулони баргузории Озмун вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

6. Кумитаҳои оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, кор бо ҷавонон ва варзиш, телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар тарғиб, ҷалб ва ҷараёни баргузории Озмун иштирок мекунанд.

7. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор кардани даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун масъул буда, ғолибон ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд мегардонанд.

8. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, раёсат, шуъбаҳо, бахшҳои маориф, рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, фарҳанг, ҷавонон ва варзиш масъулони ташкил ва баргузории Озмун мебошанд.

## 3. КОМИССИЯИ ОЗМУН

9. Барои гузаронидани Озмун комиссияи Озмуни ҷумҳуриявӣ (минбаъд –комиссияи Озмун) таъсис дода шуда, ҳайати он бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

10. Комиссия аз раис, муовин, аъзо ва котиб иборат мебошад.

11. Ваколати комиссияи Озмун:

- таҳияи ҷадвали баргузории Озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба Озмун;
- пешниҳоди ҳайати ҳакамон барои даврҳои сеюм ва чоруми Озмун;
- якҷо бо ҳайати ҳакамон гузаронидани семинари машваратӣ;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони Озмун;
- омӯзиш ва тавсияи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи иштирокдорони Озмун ба даври ниҳоӣ;
- баррасии пешниҳодҳои ҳайати ҳакамон ва арзу шикоятҳои иштирокчиён;
- тасдиқ ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони даври чоруми Озмун;
- ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шиносоӣ ва маълумот.

## 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

12. Озмун аз чор давр иборат буда, аз моҳи марти соли 2026 то моҳи декабри соли 2026 ба таври зайл ташкил ва гузаронида мешавад:

- даври якум – моҳи марти соли 2026 дар муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳо;
- даври дуюм – моҳи апрели соли 2026 дар маркази шаҳр ва ноҳияҳо (ба истиснои шаҳри Душанбе);
- даври сеюм – нимаи дуюми моҳи сентябри соли 2026 дар марказҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- даври чорум – нимаи якуми моҳи декабр дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Эзоҳ:** *Донишҷӯён, аспирантон, унвонҷӯён ва докторантҳои муассисаҳои таълимӣ, илмӣ танҳо дар маҳалле иштирок карда метавонанд, ки муассисаи таълимӣ ва ё илмиашон дар ҳамон маҳал қарор дорад.*

13. Протоколи ҳайати ҳакамон ба Комиссияи ҷумҳуриявӣ ба даври чорум бо имзои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва раисони ҳакамони даври сеюм пешниҳод мешавад.

14. Ҷойи баргузории даврҳои Озмун дар деҳот, шаҳрак, марказҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад.

15. Масъулияти корҳои ташкилӣ, баргузории даврҳои якум, дуюм ва сеюм ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вогузор карда мешавад. Шумораи ғолибони даври сеюми Озмун, ки ба даври чорум пешниҳод мешаванд, иштирокчиён аз гурӯҳҳо набояд аз 6 нафар зиёд бошад.

16. Ҷараёни баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми Озмун тавассути шабакаҳои телевизионӣ, иҷтимоӣ ва воситаҳои ахбори омма ба таври васеъ инъикос ва пахш карда мешавад.

17. Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони даври сеюм барои иштирок дар даври чорум аз ҷониби ҳайати ҳакамон бо протоколҳо расмӣ тасдиқ шуда, ба Комиссияи озмун то 20 октябри соли 2026 муқаррар карда мешавад.

18. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулони гузаронидани маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони Озмун мебошанд.

## 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

19. Дар Озмун аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, шунавандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, аспирантон, унвонҷӯён ва докторантҳо, ходимони илм, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун (ба истиснои олимону муҳаққиқоне, ки вобаста ба «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ тадқиқот анҷом додаанд ё рисолаҳои илмӣ навишта ҳимоя карда, узви вобаста ва пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошанд) иштирок карда метавонанд.

20. Забони баргузории Озмун забони тоҷикӣ мебошад.

21. Иштирокдорон ба даври чоруми Озмун дафтар омода намуда, шарҳи ҳоли мухтасари худ, нусхаи чопии достонҳои азбаркардаи «Шоҳнома», маълумот аз хусуси иштирок дар Озмуну олимпиадаҳо (бо пешниҳоди нусхаи ифтихорномаю ҷоизаҳои ишғолнамуда), нусхаи протоколи даври сеюми Озмунро ба комиссияи Озмун ба таври хаттӣ пешниҳод менамоянд. Агар довталаб ба ҳайси хонандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар даврҳои якуму дуюм ва сеюм ба қайд

гирифта шуда бошад ва дар даври чорум донишҷӯйи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ шуда бошад, ҳамчун хонандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ дар даври чорум иштирок мекунад.

22. Иштирокдорон барои иштирок дар Озмун нусхаи шиноснома ва ё шаҳодатномаи таваллуд пешниҳод менамоянд.

23. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар назди раёсат ва шуъбаҳои маориф комиссияи қабули ҳуҷҷатҳои довталабони Озмунро таъсис дода, як нафарро котиби масъул таъин менамоянд. Котибони масъули комиссияҳои қабул ҳуҷҷатҳои довталабонро дар асоси банди 21 Низомномаи мазкур санҷида, дар асоси санад онро ба Комиссияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод мекунанд. Котибони масъули комиссияҳои қабул суроға, рӯз ва ҷойи баргузории Озмунро ба иштирокдорон тавассути воситаҳои ахбори омма ва масъулон эълон менамоянд.

24. Ғолибони даври чоруми Озмун, ки сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва барандаи Шоҳҷоиза гардиданд, ҳуқуқи дар ду Озмуни солҳои дигар иштирок карданро надоранд.

## 6. ТАЛАБОТ БА ИШТИРОКДОРОНИ ОЗМУН

25. Савияи донишҳои иштирокдорони Озмун нахуст аз рӯйи дафтари довталаб, ки дар се нусха ба ҳакамон пешниҳод мешавад ва дурусту беғалат будани қайдҳои довталаб дар ин дафтар муайян ва минбаъд баҳогузорӣ карда мешавад.

26. Талабот ба иштирокдорон – хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чунин аст:

- аз ёд донистани на кам аз 500 мисраъ, шоҳбайт ва ё порчаҳо аз «Шоҳнома»;
- донистани шарҳи ҳоли мухтасари Абулқосим Фирдавсӣ;
- аз ёд донистани байт ва порчаҳои алоҳида дар васфи ақлу хирад, Ватану ватандӯстӣ, сулҳу ваҳдат, ростӣ, донишу варзиш ва ғайра;
- қироати ифоданоку таъсирбахши порчаҳо;
- нақли равон ва ифоданок;
- донистани на камтар аз 10 қаҳрамони достонҳои «Шоҳнома» ва корномаи мухтасари онҳо.

27. Талабот ба довталабон – хонандагони синфҳои 5-8-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чунин аст:

- аз ёд донистани на кам аз 1000 байт, шоҳбайт ва ё порчаҳо аз «Шоҳнома»;
- шарҳ дода тавонистани мазмуни маводде, ки аз ёд кардааст;
- донистани шарҳи ҳоли Абулқосим Фирдавсӣ;
- аз ёд донистани байт ва порчаҳои алоҳида дар васфи ақлу хирад, Ватану ватандӯстӣ, сулҳу ваҳдат, ростӣ, донишу варзиш ва ғайра;
- қироати ифоданоку таъсирбахши порчаҳо;
- нақли равон ва ифоданок;
- донистани луғат;
- донистани на камтар аз 40 қаҳрамони достонҳои «Шоҳнома» ва корномаи мухтасари онҳо;
- баён кардан ва шарҳ дода тавонистани корномаи қаҳрамонони асосии «Шоҳнома».

28. Талабот ба довталабон – хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва хонандагони муассисаҳои ибтидоии касбӣ (синфҳои 9-11) чунин аст:

- аз ёд донистани на кам аз 1500 байт, шоҳбайт ва ё порчаҳо аз «Шоҳнома» ва як достони мукаммал;
- шарҳ дода тавонистани мазмуни маводде, ки аз ёд кардааст;
- донистани шарҳи ҳоли Абулқосим Фирдавсӣ;
- аз ёд донистани байт ва порчаҳои алоҳида дар васфи ақлу хирад, Ватану ватандӯстӣ, сулҳу ваҳдат, ростӣ, донишу варзиш ва ғайра;
- қироати ифоданоку таъсирбахши порчаҳо;
- нақли равон ва ифоданок;

- донистани луғат;

- донистани на камтар аз 60 қаҳрамони достонҳои «Шоҳнома» ва корномаи мухтасари онҳо;

- баён кардан ва шарҳ дода тавонистани корномаи мухтасари қаҳрамонони «Шоҳнома»;

- донистани таърихи эҷоди «Шоҳнома», манбаъҳо ва зарурати эҷоди асар;

- баён кардан ва шарҳ дода тавонистани корномаи қаҳрамонони асосии «Шоҳнома»;

- донистани тартиби баргузор шудани муҳимтарин ҳодисот дар «Шоҳнома».

29. Талабот ба довталабони гурӯҳи дуюм (донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр) ва гурӯҳи сеюм (омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, аспирантон, унвонҷӯён, номзадони илм ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ) чунин аст:

- аз ёд донистани на кам аз 2000 байт, шоҳбайт ва ё порчаҳо аз «Шоҳнома» ва як ё ду достони мукаммал;

- шарҳ дода тавонистани мазмуни пурраи маводде, ки аз ёд кардааст;

- донистани шарҳи ҳоли мукаммали Абулқосим Фирдавсӣ;

- аз ёд донистани байт ва порчаҳои алоҳида дар васфи ақлу хирад, Ватану ватандӯстӣ, сулҳу ваҳдат, ростӣ, донишу варзиш ва ғайра;

- қироати ифоданоку таъсирбахши порчаҳо;

- нақли равон ва ифоданок;

- донистани луғат;

- донистани на камтар аз 70 қаҳрамони достонҳои «Шоҳнома» ва корномаи онҳо;

- баён кардан ва шарҳ дода тавонистани шарҳи ҳоли қаҳрамонони «Шоҳнома»;

- донистани таърихи эҷоди «Шоҳнома», манбаъҳо ва зарурати эҷоди асар;

- донистани тартиби баргузор шудани муҳимтарин ҳодисот дар «Шоҳнома»;

- донистани вазъи адабӣ, фарҳангӣ, вазъи сиёсии замони зиндагии Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳамзамонони машҳури ӯ;

- мутолиаи бештари мақола, рисола, тадқиқотҳои дигари илмию эҷодӣ, ки вобаста ба «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ эҷод шудаанд;

- донистани нақши таърихии шоҳони «Шоҳнома».

30. Талабот ба довталабони гурӯҳи чорум – калонсолон ва касбу кори гуногун чунин аст:

- аз ёд донистани на кам 1000 байт, шоҳбайт ва ё порчаҳо аз «Шоҳнома» ва як достони мукаммал;

- шарҳ дода тавонистани мазмуни пурраи маводде, ки аз ёд кардааст;

- донистани шарҳи ҳоли Абулқосим Фирдавсӣ;

- аз ёд донистани байт ва порчаҳои алоҳида дар васфи ақлу хирад, Ватану ватандӯстӣ, сулҳу ваҳдат, ростӣ, донишу варзиш ва ғайра;

- қироати ифоданоку таъсирбахши порчаҳо;

- нақли равон ва ифоданок;

- донистани луғат;

- донистани на камтар аз 40 қаҳрамони достонҳои «Шоҳнома» ва корномаи онҳо;

- баён кардан ва шарҳ дода тавонистани шарҳи ҳоли баъзе қаҳрамонони «Шоҳнома»;

- донистани таърихи эҷоди «Шоҳнома», манбаъҳо ва зарурати эҷоди асар;

- донистани тартиби баргузор шудани муҳимтарин ҳодисот дар «Шоҳнома»;

- мухтасар донистани вазъи адабӣ, фарҳангӣ, вазъи сиёсии замони зиндагии Абулқосим Фирдавсӣ ва баъзе ҳамзамонони машҳури ӯ;

- донистани нақши таърихии шоҳони «Шоҳнома;

- донистани шуҳрати «Шоҳнома» миёни мардуми дигари олам.

31. Иштирокдорон дар хондани дигар паҳлуҳои «Шоҳнома» вобаста ба номинатсия озод мебошанд, то холҳои бештар ба даст оваранд.

32. Ба иштирокдорон барои муаррифии асари безаволи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ 25-30 дақиқа дода мешавад.

33. Барои донистани байт, порча, достонҳои «Шоҳнома» бо забонҳои дигари олам ба иштирокдорон имтиёзи махсус дода мешавад.

## 7. МЕЪЁРИ АРЗЁБИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

34. Ҳайати ҳакамони Озмун савияи дониши иштирокдоронро чунин арзёбӣ мекунанд:

- миқдори байти азёдкарда;
- қироати дурусти шеър;
- шарҳи маънии мисраъ, байт, порча ё достон, ки пешниҳод мешавад;
- риояи одоби тартиб додан ва дурусту мухтасар будани дафтаре, ки довталаб пешниҳод кардааст ва беғалат будани он;
- баёни ҳодисаҳои асар ва дурустии силсилаи воқеаҳо;
- нақли бурро ва равон;
- донистани луғат;
- ҷавоб дода тавонистан ба дигар шарт ва талаботе, ки дар боби 6 ҳамин Низомнома – «Талабот ба иштирокдорони Озмун» зикр карда шудаанд.

## 8. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН

35. Ҳайати ҳакамони даврҳои якум ва дуюм аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҳисоби омӯзгорон, адибон, олимону рӯзноманигорон, роҳбарони китобхонаҳо, аъзои ҷамъияти китобдӯстон ва муаллимони сол дар мувофиқа бо комиссияи Озмун интихоб гардида, ҳайати ҳакамони даврҳои сеюм ва чорум бо пешниҳоди вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳо, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» ва Кумитаи телевизион ва радио аз ҷониби комиссияи Озмун тасдиқ карда мешавад. Ҳайати ҳакамон амалҳои зеринро иҷро мекунад:

- тибқи пешниҳоди комиссияи Озмун маҳорату истеъдод ва дараҷаи дониши иштирокдоронро натиҷагирӣ мекунад;
- холҳоро муайян карда, бо овоздиҳии кушода ғолибро муайян менамояд;
- натиҷаи Озмунро дар протокол дарҷ карда, бо имзои аъзои ҳакамон онро тасдиқ менамояд.

36. Хулосаи ҳайати ҳакамони даври чорум дар комиссияи Озмун баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

## 9. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

37. Хароҷоти даврҳои якум, дуюм, сеюм ва хароҷоти вобаста ба сафарбаркунии ғолибон ва омӯзгорони онҳо ба даври чоруми Озмун, будубоши онҳо дар маҳалли баргузории Озмун аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва сарчашмаҳои дигари маблағгузории бо қонунгузорӣ манънагардида пардохт карда мешавад.

38. Ғолибони даврҳои якум, дуюм, сеюми Озмун ва омӯзгорони онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ташкилотҳо ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

39. Хароҷоти баргузории чорабинии даври чоруми Озмун аз суратҳисоби махсуси Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

40. Ба ғолибони даври чоруми Озмун ва ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар даври чоруми Озмун ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва Шоҳҷоизаро сазовор гардидаанд, ба омӯзгорони онҳо тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофотипулӣ дода мешавад.

41. Ғолибони даври 1, 2 ва 3 аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

42. Омӯзгороне, ки шогирдони онҳо дар даври ниҳоӣ сазовори ҷойи якум мешаванд, бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадр карда мешаванд.

43. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои Озмун ва омӯзгорони онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.

**10. ТАРТИБИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА**

44. Барои дарёфти Шоҳҷоиза довталабоне метавонанд иштирок намоянд, ки дар даври ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳҳои синну солии пешниҳодшуда ҷойҳои ифтихориро сазовор гардидаанд.

45. Шоҳҷоиза ба иштирокдоре дода мешавад, ки беш аз 70 фоизи асари «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро мутолиа ва ҳифз намудааст ва хуб қироат менамояд.

**11. ИМТИЁЗҲО**

46. Ғолибони даври чорум (ҷойҳои 1, 2, 3) ва барандаи Шоҳҷоиза баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, ба ихтисоси интихобкардаи худ бе Озмун ва ба тариқи ройгон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар қабул карда мешаванд. Тартиби қабули ғолибони даври чоруми Озмун ва барандаи Шоҳҷоизаро Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ муайян менамоянд.

47. Вазорати маориф ва илм протокол ва санадҳои ғолибони Озмунро дар асоси таҳияи тартиби махсус барои 10 сол нигоҳдорӣ намуда, баъдан ба бойгонӣ месупорад.

*Замимаи 2*
*ба амри Президенти*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз «29» августи соли 2025, №АП-862*

# ҲАЙАТИ
# КОМИССИЯИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ШОҲНОМАХОНӢ»

- Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа), раиси Комиссия;
- вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Комиссия;
- президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Комиссия;
- директори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Комиссия;
- муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби Комиссия.

**Аъзои комиссия:**

- сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;
- муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон;
- ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
- директори Институти забон ва адабиёт Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

*Замимаи 3*
*ба амри Президенти*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз «29» августи соли 2025, №АП-862*

# ҶОИЗАҲОИ
# ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ШОҲНОМАХОНӢ»

**Мукофотҳои пулӣ барои ғолибони Озмун аз рӯйи шаш гурӯҳ ва як номинатсия ба таври зерин муқаррар карда мешаванд:**

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4);**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| | **Ҳамагӣ** | | **6** | **290 000** |

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8);**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| | **Ҳамагӣ** | | **6** | **290 000** |

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 9-11);**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

**- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр);**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, аспирантон, унвонҷӯён, номзадони илм ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

**- калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун;**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

**Шоҳҷоиза**

| № | Гурӯҳҳо | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Синфҳои 1-4 | 140 000 | 1 | 140000 |
| 2 | Синфҳои 5-11 | 140 000 | 1 | 140000 |
| 3 | Донишҷӯён, омӯзгорон, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун | 140 000 | 1 | 140000 |
| | **Ҳамагӣ** | | **3** | **420 000** |

**- маблағ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдонашон дар Озмун ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва Шоҳҷоизаро мегиранд:**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоиза гирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум, дуюм, сеюм ва Шоҳҷоиза | 20000 | 20 | 400 000 |
| | **Ҳамагӣ** | | **20** | **400 000** |

**Хароҷоти иловагӣ**

| № | Хароҷот | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1. | Омода кардани ҷомҳои Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум дуюм, сеюм ва «Диплом»-и ғолибони Озмун ва хароҷоти дигар | 100 000 (сад ҳазор) |

**Маблағи умумӣ**

| № | Ҷоиза ва хароҷот | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Барои ҷоизаҳо ва Шоҳҷоиза | 39 | 2 160 000 |
| 2. | Барои омӯзгорон | 18+2 | 400 000 |
| 3. | Омода кардани ҷомҳои шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва «Диплом»-и ғолибони Озмун ва хароҷоти иловагӣ | 39+39 | 100 000 |
| | **Ҳамагӣ** | | **2 660 000** |

**ДИҚҚАТ!**

**Нархи солонаи обуна ба маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» бо назардошти хизматрасонии почта барои соли 2026 дар идора (ё тариқи суратҳисоб) 200 сомонӣ мебошад.**

# МУАММОИ «ДОНИШ»



1. Соҳаи афзалиятноки ҷомеа. 2. Илме, ки ҳодисаҳои табиатро меомӯзад. 3. Қитъаи олам. 4. Моеи хушбӯй. 5. Даҳ, бист. 6. Макони таълиму тарбия. 7. Маркази маъмурии вилоят дар Тоҷикистон. 8. Ба манзил мерасонад. 9. «Геометрия»-ро аввал ҳамин тавр мегуфтанд. 10. Навъи ширинӣ. 11. Жанри фолклорӣ. 12. Ҷамъи вожаи «хабар». 13. «Ба нохун *** дар фӯлод кардан» (Ҷомӣ). 14. Кабир, бузург. 15. «Аттор *** буду Саноӣ ду чашми ӯ» (Ҷ. Балхӣ). 16. Унсури адабӣ. 17. Моҳи тақвими григорианӣ. 18. Ҳайвони саворӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 19. Муқобилмаъноти «талх». 20. Ҳарфи алифбои ниёгон. 21. Дӯстдоштаи Рӯдакӣ. 22. Истилоҳи илми физика. 23. Донаи шоҳмот. 24. Воситаи асосие, ки бештар дар дарсҳои таърих ва география истифода бурда мешавад. 25. Андози давраи амирӣ. 26. Кӯҳ дар Америка. 27. Узви инсон. 28. Асбоби тории мусиқӣ. 29. Навъи санъат. 30. Ҷинси кӯҳӣ. 31. Дарё дар Ҳиндустон. 32. Неъмати моддӣ, ки намояш дар Нишони миллӣ тасвир ёфтааст. 33. Романи М. Горкий. 34. Пойтахти давлат дар қитъаи Аврупо. 35. Навозанда, ромишгар. 36. Бастакори машҳури немис. 37. Як навъи донагӣ. 38. Махзани дониш. 39. Асари пандуахлоқии Саъдӣ. 40. Ҳарфи алифбои ниёгон. 41. Шаҳр ва вилоят дар ҶӮ. 42. Жанри адабӣ. 43. Пойтахти ҷумҳурии собиқ ИҶШС. 44. Пайвандаки шартӣ. 45. Асъори хурди ҶИЭ. 46. Асари Пӯлод Толис. 47. Амали номуайянӣ дар алгебра. 48. Қаҳрамони достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 49. Фанни хониш. 50. Қисми асосии ҳар гуна ҷисм. 51. Ҷирми осмонӣ. 52. Фасли сол. 53. Гул. 54. «*** ро гардидаам, меҳри бутон варзидаам» (Амир Хусрави Деҳлавӣ). 55. Муқобилмаънои «арзон». 56. Миллат. 57. Махзани дониш. 58. Асари Абдураҳмони Ҷомӣ. 59. Исми маъмулии занонаи тоҷикӣ. 60. Каллапӯши миллӣ. 61. Давлат дар қитъаи Осиё. 62. Навъи ширинӣ. 63. Ашёи хониш. 64. Жанри адабӣ. 65. «*** ва номус», романи М. Хоҷазод. 66. Муқобилмаънои «хунук». 67. «Муҳаббатро зи *** бояд омӯхт». 68. Шаҳр дар шимоли Тоҷикистон. 69. Исми дигари булбул. 70. Пойтахти давлати Сомониён. 71. Маҷмуаи ашъори Лоиқ Шералӣ. 72. Муаллифи романи «Вафо». 73. Нашриёт дар Тоҷикистон. 74. Муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 75. Шоири машҳури Покистон. 76. Пайвандаки хилофӣ. 77. Ҳиссаи нутқ. 78. Доно, донишманд. 79. Муаллифи Суруди миллии РСС Тоҷикистон. 80. Шакли ҷамъи вожаи «собит». 81. Истилоҳи илми геометрия. 82. Мурғи афсонавӣ. 83. Ҳарфи алифбои ниёгон. 84. Бозии варзишии рӯйимизӣ. 85. Асбоби мусиқии зарбӣ дар асарҳои классикӣ. 86. Навъи нон. 87. Тамғаи мошини сабукрави хориҷӣ. 88. Собиқ президенти АМИТ. 89. Ҳиссаи нутқ. 90. Қаҳрамони романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода. 91. Шаҳр дар ҷануби Тоҷикистон. 92. «Ҳар *** кушода шуд магар банди аҷал» (Сино). 93. «Овози *** шунидан аз дур хуш аст». 94. Персонажи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 95. Метали сахти гудохташуда. 96. Дарё дар Россия. 97. Ҳаммаънои «мактуб». 98. Сурат, ангора. 99. Исми адиби шинохтаи тоҷик. 100. Ҳарфи алифбои ниёгон.

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД*